**ДОНИШКАДАИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА МЕНЕҶМЕНТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ**

**ТДУ-338.467:338.242(575.3)**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ШАРИФОВА ДИЛОРОМ МУСТАФОҚУЛОВНА**

# ТАКМИЛИ НИЗОМИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШӢ БА АҲОЛӢ

**(дар мисоли вилояти Хатлон)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ)

*Роҳбари илмӣ:*
*д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.*

**Кӯлоб – 2023**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРҲО**..........................................................................3
**МУҚАДДИМА**..........................................................................................4
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ НИЗОМИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШӢ БА АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ БОЗОР**..........................................................................................16
1.1 Соҳаи хизматрасонӣ дар сохтори иқтисодиёти миллӣ..........................16
1.2 Моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ ва нақши хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ..................................................32
1.3 Хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ..........................................................................................48
**БОБИ 2. ВАЗЪИ ИМРӮЗА ВА РУШДИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**..................................................65
2.1 Арзёбии вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................................65
2.2 Таҳлили ҳолати хизматрасонии маишӣ ба аҳолии кишвар ва вилояти Хатлон..........................................................................................80
2.3 Таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасонии маишӣ ва низоми танзими он..........................................................................................101
**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШӢ БА АҲОЛӢ**...........................118
3.1 Таҳияи консепсияи минтақавии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ..........................................................................118
3.2 Дастгирии давлатӣ ва танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ..........................................................................................145
3.3 Самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон...........................................163
**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ**..........................................................186
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**.....................................................................193
**ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ**....................................................................216
**ЗАМИМАҲО**.....................................................................................219

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРҲО

КОА - Комиссияи олии аттестатсионӣ

СУС - Созмони умумиҷаҳонии савдо

ФИБ - Фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ

АОНПҶТ - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИҶШС - Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ

ИИАО - Иттиҳоди иқтисодии Аврупою Осиё

ИА - Иттиҳоди Аврупо

СМР-2030 - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030

ИДМ - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ММУ - Маҳсулоти милии умумӣ

ММД - Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ

МММ - Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ

ISO 9000 - Системаҳои менеҷменти сифат

ШДБХ - Шарикии давлатию бахши хусусӣ

ТХМ - Ташаббусҳои хусусии молиявӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқот.** Солҳои охир туфайли рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва рақамӣ, амали сохтани механизми ташкилию иқтисодӣ ва танзими низоми идоракунии соҳаҳою корхонаҳо ва пешниҳоду амалисозии хизматрасониҳо, аз ҷумла хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ тағйироти назарраси иқтисодӣ мушоҳида мешаванд. Баланд шудани нақш ва аҳамияти хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ истифода бурдани фишангҳои ҳозиразамон ва пешбурди амалиётҳои ҷавобгӯ ба талаботи иштирокчиёни бозор, такмили механизми танзими давлатӣ, коркарди стратегияи рушди ва ворид намудани дигаргуниҳоро дар ин раванд тақозо менамояд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди иқтисодиёти соҳаи хизматрасонии ҳар як мамлакат аз истифодаи механизми ҳамоҳангшуда байни истеҳсолкунандагон ва аҳолӣ вобаста буда дар шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ яке аз масоили мубрами рушди бозор ба ҳисоб рафта, танҳо дар асоси аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани механизми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба роҳ монда мешавад.

Ба рушди соҳаи хизматрасонӣ ва хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ омилҳои гуногуни демографӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҷуғрофӣ, техникӣ, технологӣ ва омили вақт таъсир мерасонанд. Ин омилҳо хело муҳим шуморида шуда, ба динамикаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва минтақавӣ, тағйирёбии қонеъ гардонидани талабот ба мол ва хизматрасонӣ, вазъи шуғл, сатҳи даромади сокинон, буҷети давлатӣ, рушди минтақаҳо ва муносибатҳои байналмилалӣ таъсири назаррас мерасонад.

Дар ин шароит дарёфти сарчашмаҳои устувори маблағгузорӣ барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ва соҳаи хизматрасонӣ бо мақсади таъмини рушди устувор ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфтааст. Аз ин лиҳоз бо назардошти маҳдудияти имконияти молиявии давлат зарурати ҳалли мушкилоти зикршударо дар асоси таъмини сармоягузорӣ ва равонасозии иқтидорҳои бахши хусусӣ дар асоси беҳтарсозии муносибатҳои

байниҳамдигарии давлат ва ин бахш ба ҷойи аввал баромадааст. Вобаста ба ин истеҳсол ва расонидани хизмат дар асоси истифодаи фишангҳо ва коркарди самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ самаранок маҳсуб ҳисобида мешавад.

Бояд қайд кард, ки бо таъмини равиши асосноккунӣ ва васеъсозии самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояту шаҳрҳо ва ноҳияю деҳаҳо, равонасозии захираҳои истифоданашудаи бахши хусусӣ дар сатҳи давлатӣ имконпазир мегардад. Инчунин дар шароити муосир шаклҳои ҳамкорӣ дар байни давлат ва соҳибкорӣ барои ҳалли вазифаҳои дорои аҳамияти муҳими ҷамъиятӣ дар асоси иҷрои шартҳои ба ҳамдигар муфид, махсусан дар соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ иборат мебошад. Аз тарафи дигар, шартномаи байни давлат ва шарикони хусусӣ имконият медиҳад, ки тибқи он барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда бо назардошти гирифтани фоида, такмили низоми давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳою баррасию идораи хатарҳо баҳо дода шавад.

Ба ғайр ин, баррасии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ такмили консепсияи минтақавии низоми танзими давлатии хизматрасонии маиширо тақозо мекунад. Дар чунин шароит, мураккабшавии ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ иҷрои вазифаҳои ҷамъиятиву аҳамиятнокро аз тарафи давлат душвор гардонида, амали шудани чорабинии мазкур такмили механизми маблағгузорӣ ва ҳавасмандиии лоиҳаҳои мақсаднокро дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба қишрҳои осебпазири аҳолӣ ба миён меоварад.

Таҳлили вазъи имрӯзаи иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он нишон медиҳад, ки гузариш ба консепсияи нави таъмини маблағгузорӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва соҳаи хизматрасонӣ хело муҳим шуморида шавад. Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибихтиёрӣ, ташаккули соҳаи хизматрасонӣ дар зери таъсири омилҳои гуногун сурат гирифт ва қафомонии мамлакати мо аз ҷиҳати ҳосилнокии меҳнат аз дигар кишварҳо, бо таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ, бунбасти

нақлиётӣ ва коммуникатсия, дараҷаи нокифояи тараққиёти пояи моддию техникии корхонаҳои соҳаҳои хизматрасонӣ, ҷорӣ накардани усулҳои расонидани хизматрасониҳои муосир, технологияи рақамӣ ва ғайра алоқаманд аст.

Аз ин рӯ, дар ин марҳалаи муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо назардошти баҳисобгирии шароитҳои зерин муайян карда мешаванд:

а) дар шароити созмон додани ҷамъияти демократӣ иштироки аҳолӣ ҳангоми интихоби ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, бо назардошти баҳодиҳии меъёри сатҳу сифати зиндагияш хело муҳим ҳисобида мешавад. Бинобар ин, ташаккул ва рушди муносибатҳои бозорӣ, хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ барои баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии он, афзун гардонидани буҷети давлатӣ, иҷрои вазифаҳои муҳими иҷтимоӣ равона карда шавад;

б) истифодаи иқтидори корхонаҳо, ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ, дуруст баҳо додани натиҷаи хусусигардонии моликият дар соҳаи хизматрасонии маишӣ, расондани хизмати маишӣ ба аҳолӣ ва дастгирии давлатию такмили идоракунии ин соҳа хело муҳим шуморида мешавад. Низоми мавҷудаи дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ ҳануз ба қадри кифоя самаранок фаъолият намекунад. Ин пеш аз ҳама бештар аз сабаби набудани маълумоти аниқи оморӣ ва баҳои объективӣ ҳангоми расонидани кумаки зарурӣ, тақсими маблағҳои фонди дастгирии соҳибкорӣ, додани қарзҳо, имтиёзҳо, субсидияҳо, грантҳо ва ғайра вобаста аст;

в) таъсири самараноки механизми идоракунӣ ва танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бояд дар асоси истифодаи маълумоти боэътимод ва таҳлили воқеии вазъияти муосир, муайян кардани тамоюлҳо, омилҳои таъсиркунандаю пешгуӣ намудани рушди имконпазири соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба роҳ монда шавад. Соҳаи хизматрасонии маишӣ объекти афзалиятноки идораи ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (хукуматҳо) дар вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияю деҳаҳо ба ҳисоб меравад. Аммо, аз сабаби набудани тарзу

усулҳои аниқ муайяншуда ва маълумотҳои зарурӣ, таъмини рушди инноватсионии хизматрасонии маишӣ ба ҳама қишрҳои аҳолӣ, аз ҷумла маъёбон ва калонсолон дар айни замон имконнопазир аст;

г) Мавҷуд набудани амсилаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили хизматрасонии комплексии маиширо ба аҳолӣ ва идораю ба нақшагирии хизматрасонии маишӣ бо назардошти муайян кардан ва баҳо додани таъсири омилҳои гуногун ба талаботи аҳолӣ, дастрасӣ ба онҳо ва инчунин ташаккули механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, танзими давлатии ин хизматрасониҳо дар шароити таъмини рушди босуботи вилояту шаҳрҳою ноҳияҳо ва ғайра вобаста аст.

Ҳамаи ин таҳқиқи маҷмуӣ ва ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули консепсияи таъмини рушди соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, беҳтарсозии фазои инвеститсиониро дар мамлакат, баландбардории самаранокии трансформатсияи амонатҳо дар сармоягузории воқеӣ, ҷалб намудани сармоягузорони хориҷӣ гузаронидани таҳқиқотҳои махсусро тақозо мекунад. Вобаста ба ин таҳқиқи масъалаҳои рушди низоми танзими давлатӣ дар рушди соҳаи хизматрасонӣ ва хусусан хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ саривақтӣ мебошад.

Мушкили самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо назардошти аҳамияти иҷтимоии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон то имрӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Таҳлили адабиёти муосири иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ба мавзӯи ҳалли масоили барқароршавӣ, фаъолият, тезонидани рушди соҳаи хизматрасонӣ, зерсохторҳои он, ҳамунин таъмини инвеститсионии рушди соҳаҳои иқтисодиёт корҳои илмии як қатор олимони хориҷию Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд, аз он ҷумла: Д.С.Амонова, Г.Н.Арсланов, В.Г. Варнавский, Қ.Қ.Давлатов, Ш.Дустбоев, Е.Н.Жилсов, И.У.Зоиров, С.Зубайдов, М.Т.Каримова, С.Ҷ. Комилов, Ф.Котлер, Кристиан Гренроос, У.Я.Мадумаров, Ф.М. Муқаддасзода, Н.Ф.Нидоев, Р.М.Нуриев,

К.Р. Раҷабов, Т.Р.Ризоқулов, Л.Х.Саидмуродов, А.Смит, Ш.М.Рахимов, А.Рауфи, Г.П.Тарасова, О.А. Попова, Е.С.Погребова, Ҳ.Н.Фақеров, Ф.Р.Шаропов, М.К.Хусаинов, А.Г.Шарипова, Й. Шумпейтер, А.Ҷ. Ҷабборов ва дигарон.

Натиҷаҳои таҳқиқотҳои муҳаққиқон П.М.Бобоева, В.В. Бочаров, В.Е. Варнавская, З.Тоҷиддин, Д.М.Исмаилова, М.Т.Каримова, С.Ҷ. Комилов, Г.А.Клименкова, С.Н.Ларин, Р.Г. Маннапов, Ҷ.Н.Машокиров, Ш.М. Раҳимов, Р.К. Раҷабов, З.Э.Собирова, М.Х. Саидова, У.Т.Саломова, Г.П.Тарасова, Ҳ.Н. Фақеров, Д.О Фозилхонов, П.Д. Хоҷаев, Б.Р.Шаинян, Б.М.Ҷумъаев ва дигарон дар ҳалли мушкилоти низоми танзими хизматрасониии маишӣ ба аҳолӣ саҳми намоён гузоштаанд.

Баробари ин, ногуфта намонад, ки як қатор асосҳои назариявӣ ва услубии такмили низоми танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудааст ва омӯзиши минбаъдаро тақозо мекунад. Ҳамаи қайдҳои зикршуда муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ, аҳамияти назариявию методӣ ва амалии онро дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон  ва минтақаҳои он муайян мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯъҳои илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои баррасии хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасониии маишӣ ба аҳолӣ, ҳамчунин баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун самтҳои муҳим муайян гардидаанд, робита дорад. Ҳамчунин мавзӯи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2021- 2025 иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асоснoккунии назариявӣ ва баррасии пешниҳодҳо доир ба

такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

- ✓ омӯзиши асосҳои назариявию методии рушди соҳаи хизматрасонӣ дар сохтори иқтисодиёти миллӣ ва моҳияти иҷтимоию иқтисодию нақши хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ;
- ✓ таҳқиқи хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ;
- ✓ арзёбии вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ✓ таҳлили ҳолати хизматрасонии маишӣ ба аҳолии кишвар ва вилояти Хатлон, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасонии маишӣ ва низоми танзими он;
- ✓ таҳияи консепсияи минтақавии хизматрасонии маишӣ ва дастгирии давлатию такмили танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ;
- ✓ асосноккунӣ ва таҳияи самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ва дурнамо ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон.

**Объекти таҳқиқотро** равандҳои алоқаманд бо рушди соҳаи хизматрасонӣ ва танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ҳамчун қисми таркибии иқтисоди миллӣ ташкил медиҳанд.

**Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ ва идоракуние, ки ҳангоми ташаккул, таҳия ва амалисозии самтҳои асосӣ ва фишангҳои такмили низоми танзим дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар минтақа ба вуҷуд омадаанд, иборат мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** аз муайянсозии алоқамандӣ ва вобастагии такмили низоми танзими давлатии хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар асоси муайян ва амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои зарурӣ оид ба танзим ва дастгирии давлатӣ ва хусусиятҳои он, истифодаи механизми

шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар қатори дигар омилҳо, метавонад ба таъмини рушди хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқикро** таҳлилу тавсири ақидаҳои илмию таҳқиқотии иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ дар самти такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисоди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, вилояти Хатлон ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усулҳои дарки илмӣ, системавӣ, таҳлилӣ, монографӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, иқтисодӣ-оморӣ, баҳодии иқтисодӣ, усули муқоисавии таҳлил, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ ва назарсанҷишҳо ташкил менамоянд. Ҳамчун асосҳои назариявии таҳқиқот корҳои илмии бунёдии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи омӯзиши рушди иқтисодию иҷтимоии соҳаи хизматрасонии маишӣ баромад мекунанд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои иқтисодӣ ва омории таҳлил, таҳлили муқоисавӣ ва бисёромилаи коррелятсионӣ-регрессионӣ, индуксия ва дедуксия, арзёбии мушаххасӣ истифода шуданд.

**Сарчашмаи иттилоот.** Ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олӣ, Маҷлиси Миллӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои дигари маъмурию ҳуқуқӣ оид ба мушкилоти васеъсозии самтҳо, такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва дар соҳаи хизматрасонии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шуданд.

Пояи иттиллоотии таҳқиқотро маҷмуаҳои ҳамасолаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлону ноҳияю шаҳрҳои он, адабиёти умумӣ ва махсус, матолиби мавҷуда дар шабакаи «Интернет», конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба мавзӯи дахлдор ташкил доданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб дар солҳои 2018-2023 иҷро гардидааст.

**Навгониҳоии илмии таҳқиқот** дар самаранокии истифодаи сиёсати минтақавии давлатӣ ва амалигардонии такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо назардошти баррасии хусусиятҳою истифодаи он дар ин соҳа ҳамчун унсури асосии таъсиррасони рушди устувори минтақа ва дар ин замина дарёфти роҳҳои асосии баландбардории самаранокии иқтисодии он асос меёбад.

Натиҷаҳои нисбатан муҳимми аз ҷониби муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ бадастомада чунин пешниҳод шудаанд:

– асосҳои консептуалии рушди соҳаи хизматрасонӣ, бо назардошти афзудани нақши он дар таъмини рушди иқтисодии низоми иқтисодиёти бозорӣ асоснок карда шуда, ҳамчунин равишҳои назариявӣ ва хусусиятҳои истифодаи онҳо дар соҳаи хизматрасонии мамлакат дар шароити иқтисоди бозорӣ аниқ карда шуданд;

– моҳияти иҷтимоию иқтисодии хизматрасонии маишӣ омӯхта шуда, нақши он дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ бо назардошти зарурият ва пешниҳоди ин хизматрасониҳо ва ҷавобгӯ будани онҳо ба талабот дар раванди рушди соҳаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ муайян карда шудааст;

– аз тарафи муаллиф хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасониии маишӣ ба аҳолӣ омӯхта муайян карда шуда роҳҳои мухталифи амалисозии онҳо ва дар асоси таҳқиқ такмили низоми хизматрасонӣ ба аҳолӣ бо назардошти рушди бозори хизматрасонии маишӣ ва идоракунии он дар шароити муосири рушди инноватсионӣ пешниҳод карда шудааст;

– дар асоси арзёбии вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили вазъи хизматрасонии пулакию маишӣ ба аҳолии он ва вилояти Хатлон, гузаронидани назарсанҷишҳо ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон баҳо дода шуда норасоиҳои ҷойдошта ва

амсилаи фаъолгардонӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо назардошти омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ таҳия карда шуда, пешниҳодҳо оид ба истифодаи таҷрибаи мазкур ҳангоми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ирсол карда шудааст;

– таҳияи консепсияи минтақавии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ пешниҳод карда шуда, механизми дастгири давлатӣ ва танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо назардошти баинобатгирии хусусиятҳо, нақши механизми шарикию давлатӣ ва бахши хусусӣ ҳангоми расонидани хизматҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ, созмон додани комплекси ягонаи хизматрасонии маишии дастраси пиёдагардӣ ба аҳолӣ ва идоракунии он такмил дода шудааст;

– самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими давлатӣ ва худтанзимкунӣ, ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар асоси амсиласозии бисёромилаи иқтисодию риёзӣ, истифодаи Веб-хизматҳо дар асоси технологияи муосири рақамӣ, дастгирии ҳуқуқӣ, ташаккули зерсохтори оқилонаи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон то соли 2030 асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

**Нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, аз инҳо иборатанд**:

- арзёбии мавқеи соҳаи хизматрасонӣ дар таркиби иқтисодиёти миллӣ, баррасии моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ ва нақши хизматрасонии маишӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ;
- таҳқиқу муайян кардани хусусиятҳо ва масоили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ;
- таҳлили вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ ва хизматрасонии пулакию маишӣ ба аҳолии мамлакат ва вилояти Хатлон;
- арзёбии таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасонии маишӣ ва низоми танзими он, таҳияи консепсияи минтақавии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ;

- дастгирии давлатӣ ва истифодаи механизми шарикии давлатию бахши хусусӣ ва танзими хизматрасонии маишӣ, аз ҷумла дорои аҳамияти иҷтимоӣ ба аҳолӣ;
- пешниҳод ва асосноккунии самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии рисола аз васеъсозии самтҳои такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, арзёбии таъсири он ба рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, минтақаҳою соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ иборат аст.

Дастурҳои амалии диссертатсияро Ҳукуматҳои маҳаллии идораи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи чорабиниҳо оид ба рушди соҳаи хизматрасонӣ ва зерсохтори он дар доираи замонависозии хизматрасонӣ, ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ, ихтисори хароҷоти трансаксизӣ, ки ба таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат ва соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ равона шудааст, таҳқиқу баррасӣ карда метавонанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Муҳиммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки хулоса ва пешниҳодҳои он аз раванди ташкил ва идоракунии соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар вилояти Хатлон истифода шудааст. Матолиби диссертатсия, ҳамчунин ҳангоми омӯхтани фанҳои «Менеҷмент», «Иқтисодиёт ва ташкили соҳаи хизматрасонӣ», «Макроиқтисод», «Молия», «Иқтисод ва ташкили соҳибкорӣ» дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шуданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Аз ҷамъбаст ва таҳияи муқаррароти назариявӣ, гузаронидани назарсанҷишҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот маълум мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назарӣ ва амалӣ бароварда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини: 2. Тамоили муосири рушди шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар соҳаи савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 3. Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 26. Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 29. Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 33. Такмили ташкил ва идоракунии самтҳои гуногуни фаъолияти субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 40. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишии Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи марҳилаҳои татбиқи нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар раванди таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асосноккардашуда, ҳалли мушкилоти мавҷуда, такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ саҳмгузор мебошад.

**Тавсиф ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию амалии соҳавӣ, семинарҳои илмии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ва дигар донишгоҳҳои кишвар дар солҳои 2018-2023 муҳокима карда шуданд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Аз рӯи мавзуи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷалаҳои тақризшаванда ва

тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шуданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки дорои 211 номгӯй ва 9 замима иборат мебошад. Дар кор 30 ҷадвал, 10 расм истифода шудааст, мазмуни асосии таҳқиқот дар 215 саҳифаи матни компютерӣ сабт гардидааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ НИЗОМИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШӢ БА АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ БОЗОР

## 1.1. Соҳаи хизматрасонӣ дар сохтори иқтисодиёти миллӣ

Самти муҳимми стратегияи муносибатҳои бозорӣ тезонидани рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, баландбардории самаранокии фаъолияти соҳаҳо ва корхонаҳоро бо назардошти ҷорӣ намудани механизмҳои бозорӣ, бадастории пешравии илмию техникӣ барои баландбардории умумии сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат мебошад[1].

Иқтисодиёти бозорӣ ба таври воқеӣ зерсохтори рушдёфта ва ҳозиразамонро дар соҳаи хизматрасонӣ зарур мешуморад. Дар чунин шароит талабот ба таъмини ҳамаи маҷмуи шароитҳои муҳайёкунандаи зиндагии шоиста ва рушди эҷодии шахсият меафзояд.

Дар сохтори соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ-соҳаи хизматрасонӣ яке аз соҳаҳои басуръат тараққиёбанда дониста шудааст.

Соҳаи хизматрасонӣ ҳамчун маҷмуи соҳаҳо ва намудҳои зерсоҳавии фаъолият мавриди назар қарор дошта низоми неъматҳои маънавиро барои аҳолӣ ба вуҷуд меоранд; онҳо хоҷагии манзилию коммуналӣ, хизмати маишии аҳолӣ, маориф, тандурустӣ, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, таъмини иҷтимоӣ, маданият ва фарҳанг, нақлиёти мусофирбар, алоқа, хизматрасонӣ ба аҳолӣ, савдои чакана ва хӯроки умумиро дар бар мегиранд[2].

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар давраиислоҳоти иқтисодӣ бисёр намуди хизматрасонӣ аз сабаби баланд будани нарх барои аҳолӣ дастнорас шуд ва ин боиси кам шудани истеҳсоли онҳо гардид.

Агар аз як тараф, соҳаи хизмати маишӣ ба аҳолӣ хароб шуда, аз тарафи дигар, соҳибкорони инфиродӣ, ширкатҳои хурди хусусӣ, ки бозори хизмати

---

[1] http//vww.prezident.tj/habarho. Паёми Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 23.12.2022.

[2] Раджабов Р.К., Факеров Х.Н., Нурмахмадов М., Саидова М.Х. Сфера услуг: проблемы и перспективы развития. - Душанбе: Дониш, 2007.-544с.

маиширо пур намуда ин соҳаи хизматрасонии маиширо аз муфлис шудан наҷот доданд.

Дар рафти омузиш маълум гардид, ки як қатор душвориҳо барои таъмини фаъолияти корхонаҳои алоқамананданд барои расонидани хизматрасонӣ дар кишвар мавҷуданд:

1. монеаҳои бюрократӣ ва додани иҷозатномадиҳи ба корхонаҳо;
2. сатҳи баланди коррупсия;
3. зиёд кардани назорат аз ҷониби бисёр мақомоти такроршаванда;
4. суст будани низоми пешниҳоди қарзи тиҷоратӣ;
5. масоили дарёфт намудан ва истифода бурдани иқтидорҳои истехсолӣ;
6. мушкилоте, ки аз номукаммалии бозор ба миён меоянд;
7. паст шудани талаботи самараноки сокинони минтақаҳо;
8. мушкил будани амалиёти мақомоти давлатӣ оид ба ҷамъоварӣ андоз ва ғайра.

Мо чунин мешуморем, ки ин масоилро бо роҳи амалӣ гардонидани барномаҳои дастгирии соҳаи хизмати маишӣ ба аҳолӣ зарур аст.

Дар шароити имрӯза таҳқиқи шароит ва омилҳои муҳимми рушди иҷтимоиву иқтисодии рушди соҳаи хизматрасонӣ аҳамияти зарурӣ пайдо кардааст, зеро он имконият медиҳад стратегияи рушди устувори соҳаро ҳамчун зернизоми муҳимтарини иқтисодиёти бозорӣ дар таҷрибаи хоҷагӣ амалӣ намояд.

Бояд қайд кард, ки то ҳоло дар адабиёти иқтисодӣ шарҳи ягонаи мафҳуми “хизматрасонӣ” мавҷуд нест.

Бояд қайд кард, ки дар охири солҳои 60-ум – аввали солҳои 70-уми асри XX соҳаи хизматрасонии давлатҳои пешрафта ба ММД-и ин мамлакатҳо ҳамон қадар маблағ ворид менамуд, ки бахшҳои саноатӣ ва аграрии иқтисод ворид мекарданд.

Дар асоси шарҳи “Энсиклопедияи бузурги шӯравӣ” “хизматрасонӣ ин фаъолияти муайянест, ки дар шакли меҳнати манфиатноки босамар зуҳур

мекунад”[3]. Дар ин китоб қайд кардааст, ки «хизматрасонӣ ин ҳамкорӣ дар таъмини талаботи инфиродӣ ва коллективӣ бе додани ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба ягон намуд моликият мебошад.

Муҳаққиқон, ҳамчунин илова кардаанд, ки «дар ин мафҳум арзишманд он аст, ки нуқтаи асосӣ ба таъмини талаботи инфиродӣ ва коллективӣ равона шудааст, зеро он асос барои хусусиятҳои хизматрасонии иҷтимоиву иқтисодии дорои манфиатҳо барои истеъмолгарон ба ҳисоб меравад».

Дар амал мафҳуми «хизматрасонӣ» ҳамчун натиҷаи бевоситаи ҳамкории иҷрокунанда ва истеъмолгар оид ба таъмини талаботи аҳолӣ мебошад. Баробари ин, бо андозаи рушди муносибатҳои бозорӣ талабот ба хизматрасонӣ меафзояд.

Хизматрасонӣ ба таъмини талаботи шахсӣ ва коллективӣ тавассути рушди фаъолияти иқтисодӣ аз тарафи соҳибкорон ва корхонаҳо равона гардидааст.

Муҳаққиқони соҳаи иқтисод собит кардаанд, ки «талаботи ғайримоддӣ ин тандурустии одамон, таҳсилоти он, иттиллоот, фарҳанг, арзишҳои маънавӣ мебошанд; ба ин маъно расондани хизмат тағйири ҳолати ҷисмонӣ ва равонии инсон буда, ба он хизматрасониҳои илм, таҳсил, тандурустӣ, варзиш, бонкҳо дар шаклҳои аудиторӣ ва машваратӣ дохил мешаванд»[4].

Ба қавли муаллифони дигар[5] «хизматрасониҳои моддӣ ин моликият дар шакли ашё, аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок, замин, моликияти ғайриманқул, ҳайвонҳои хонагӣ ва моликиятҳои дигар мебошанд. Дар ин ҳолат натиҷаи хизматрасонӣ метавонад бо ҳама гуна тағйирёбии моликияти истеъмолгар ифода ёбад: бо барқароршавӣ, ҳифзи беҳбудӣ, ҷойивазкунии борҳо, суғуртаи моликият, расондани хизматрасонии тиҷоратӣ амалӣ кунонида шавад».

---

[3] Большая советская энциклопедия. -М., 2012.-806с.
[4] Арасланов Т.Н. Маркетинг услуг: уточнение некоторых понятий с экономической точки зрения // Маркетинг России и за рубежом. - 2004. - №2. - С. 13-16.
[5] Раджабов Р.К., Факеров Х.Н., Нурмахмадов М., Саидова М.Х. Сфера услуг: проблемы и перспективы развития - Душанбе: Дониш, 2007.-544с.

Баробари ин, фаъолияти худии иҷрокунандагӣ ин маҷмуи равандҳо ҳангоми таъмини талабот буда, раванди таъмини он ҳамчун хизматрасонӣ ё ҳамкории байни истеҳсолкунанда ва истеъмолгари хизматрасониро мефаҳмонад.

Муаллиф бо дастгирии дигарон дар он ақида аст, ки «хизматрасонӣ ин фаъолияти иҷрокунанда ҳангоми алоқаи бевосита ё бавосита тавассути воситаҳои техникӣ бо истеъмолгари хизмат ба ҳисоб меравад»[6].

Натиҷаи хизматрасонӣ ин таъмини талабот мебошад. Бояд қайд кард, ки мизоҷ хизматрасониро ба даст намеорад, балки таъмини талаботи худиро бо ёрии як намуди мол ба ҷо меорад. Ба андешаи мутахассисони соҳа даркнашавандагӣ, диданашавандагӣ ё хусусияти ғайримоддии чунин хизматрасониҳо аломати асосии онҳо буда метавонад.

Муҳаққиқ К. Гренроос хизматрасониро «ба оне, ки иҷрояшон аз фаъолияти коргарон вобаста аст ва ҳамоне, ки иҷрои онҳо аз технология дахл дорад, ҷудо кардааст. Дар ин маврид илова мешавад, ки ҳангоми расонидани хизмат ҳар ду захираи мазкур ба роҳ монда мешаванд, аммо таносуби онҳо гуногун мебошад ва тибқи қоида яке аз ин захираҳо мавқеи ҳалкунанда дорад»[7].

Дар ҳақиқат, хизматрасонӣ яке аз шаклҳои махсуси фаъолияти иқтисодии алоқаманд бо таъмини талаботи аҳолӣ буда, дар шакли моддию ашёӣ намудор мешавад. Фаъолияти одамон барои расондани хизмат натиҷаеро ба вуҷуд меорад, ки объекти хариду фурӯш буда, ҳаҷми хизматрасониҳои дар мамлакат анҷомдодашуда ба таркиби маҳсулоти умумии дохилӣ (МУД) ва маҳсулоти миллии умумӣ (ММУ) ворид мегардад.

ММД ин ҷамъи арзиши маҳсулот ва хизматрасонӣ дар мамлакат дар давоми давраи муайяни вақт мебошад. Дар мавриди ММУ бояд гуфт, ки дар

---

[6] Арасланов, Т.Н. Маркетинг услуг: уточнение некоторых понятий с экономической точки зрения // Маркетинг России и за рубежом. - 2004. - №2. - С. 13-16.

[7] Кристиан Гренроос - Модель качества услуг и ее применение в маркетинге. Маркетинг услуг №1.2014.-С.67-71с.

фарқ аз маҳсулоти умумии дохилӣ, он арзиши ҳамаи маҳсулот ва хизматрасониҳоро муттаҳид месозад (аз ҷумла арзиши ашёи хом ва нимфабрикатҳо). Бо мақсади такрор нашудани ҳисобҳо ҳамаи арзиши изофашудаи дар раванди истеҳсол ва фурӯши ҳамаи маҳсулот ва хизматрасониҳо ба вуҷуд омадаро ҷамъ мекунанд».

Бояд нуқтаи назари як қатор иқтисодшиносҳоро дар мавриди шарҳи мафҳумҳои «соҳаи хизматрасонӣ" ва "зерсохтор" дастгирӣ намуд. Ин олимон чунин меҳисобанд, ки зерсохтор, ин маҷмуи корхонаҳои расонандаи хизматҳои гуногун мебошад. Дар ин маврид он қисмати зерсохторе, ки соҳаи истеҳсолоти моддиро дар бар мегирад, зерсохтори истеҳсолӣ ном гирифтааст, он қисмате, ки бо хизматрасонии аҳолӣ алоқаманд мебошад, зерсохтори иҷтимоӣ ном дорад.

Як қатор муҳаққиқон[8] ба зерсохтори бозор ҳама гуна хизматрасониро, ки барои инсон заруранд: «бахши энергетикӣ, нақлиёт, муҳандисию технологӣ, об, обу ташноб; хизматрасониҳои қарзию бонкӣ, ҳуқуқӣ, дорои хусусияти иттиллоотию суғурта ва ғайра; хизматрасониҳои савдо, алоқа; таъмини моддию техникӣ; тандурустӣ, маориф, фарҳанг, таъминоти иҷтимоӣ ва машваратдиҳиро дохил кардаанд. Дар шарҳи мазкур берун аз доираи инфрасохтори мазкур танҳо хизматрасонии хусусияти инфиродӣ дошта мемонад. Мавқеи мазкури муҳаққиқонро дар мавриди ҳам баробарарзишии байни соҳаи хизматрасонӣ ва инфрасохтор ва ҳам мавриди назар қарор додани инфрасохтор ҳамчун маҷмуи корхонаҳо ва соҳаҳои махсусе, ки ба соҳаҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ хизмат мерасонанд, баррасӣ намуда, пай мебарем, ки он пурра дуруст нест, зеро ба шарҳу тавзеҳи минбаъда эҳтиёҷ дорад.

[8] Котило, В.В. Стратегии развития сферы услуг / В.В. Котило, И.И. Санин - М.: Сатурн - С, 2003. - 248с.

Таснифоти гуногуни соҳаи хизматрасонӣ мавҷуданд. Ошкорнамоии аломатҳои таснифот ба хусусиятҳои сифатӣ, арзишӣ ва хусусиятҳои дигари объектҳо асос меёбад.

Бисёр муаллифон дар он ақидаанд, ки[9] «иқтисодиёти ҳар мамлакат ба се бахши фарқкунанда ҷудо мешавад (амсилаи Фишер-Кларк): бахши бадастоваранда (аввалия), ки ба он кишоварзӣ ва саноати истихроҷи маъданҳо, бахши истеҳсоли маҳсулот (бахши дувумбораи иқтисодиёт) ва бахши хизматрасонӣ (бахши сеюмбора). Вобаста ба он ки хизматрасонӣ дар кадом намуд худро нишон медиҳад, соҳаи сервисро одатан ба ду зерсохтор ҷудо мекунанд: истеҳсоли хизматрасониҳои моддӣ (нақлиёт, савдо, хизматрасонии манзилию маишӣ ва ғайра); истеҳсоли хизматрасониҳои ғайримоддӣ (идора, фаъолияти артиш ва мақомоти бехатарӣ, маориф, тандурустӣ, илм, фарҳанг, шоу-бизнес, хизматрасонии иҷтимоӣ, маркетинг, аудит, қарздиҳӣ, суғурта ва монанди инҳо)[10].

Истеҳсоли хизматрасониҳои моддӣ бевосита бо объектҳои моддӣ алоқаманд аст: «нақлиёт ҷойгишавии предметҳоро дар фазо муайян мекунад, савдо ба кӣ дахл доштани онҳоро нишон медиҳад ва монанди ин. Дар фарқ бо ин, истеҳсоли хизматрасониҳои ғайримоддӣ (донишҳо, бехатарӣ, тандурустӣ, эҳсосҳои мусбат) аз объектҳои моддӣ хеле дур мавқеъ дорад. Дар ин ҷо ҳамчун объекти таъсир на ашёҳои дигар, балки бевосита худи инсон баромад мекунад»[11].

---

[9] Зорким Д.Ю. Государственно-частное партнерство как инструмент социально-экономического развита. Российской Федерации // Современные научные исследования и инновации. 2014. № 11 [Электронный ресурс] (рӯзи муроҷиат 15.11.2022).

[10] Раджабов Р.К., Факеров Х.Н., Нурмахмадов М., Саидова М.Х. Сфера услуг: проблемы и перспективы развития. - Душанбе: Дониш, 2007.-544с.

[11] Дар ҳамон ҷо

Ин ҷо равиши сохтории соҳаи хизматрасонии иқтисодшиноси амрикоӣ Дуглас Норт таваҷҷуҳи бештар ба миён овардааст. Ба андешаи ӯ «барои нишон додани саҳми институтҳо дар зиндагии ҷомеа, дар иқтисодиёт, ба таври умумӣ сектори трансформатсионӣ (тағйирёбии хусусиятҳои ҷисмонии неъматҳои иқтисодӣ) ва бахши транзаксионӣ (тағйирёбии хусусиятҳои соф иҷтимоӣ – ба касе дахл доштани неъматҳои иқтисодӣ) бояд ҷудо карда шаванд. Ҳангоми ба кор гирифтани чунин равиш қисми соҳаи хизматрасонӣ ба бахши трансформатсионӣ (нақлиёт, маориф), қисми дигар бошад, ба бахши транзаксион (савдо, идора, молия) ворид мешаванд. Дар амал тамоми соҳаи хизматрасонӣ аз маҷмуи бисёр намудҳои фаъолият иборат буда, амалан ба ҳисобкунии онҳо оварда мерасонад[12]. Одатан панҷ намуди хизматрасониро ҷудо мекунанд (ниг. ба расми 1.1.):




**Расми 1.1. -** Намудҳои соҳаи хизматрасонӣ (пешниҳоди муаллиф дар асоси манбаҳои [80,81])

Дар асоси иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ соҳаи хизматрасониро ба соҳаҳои хизматрасонии самтҳои фуксионалӣ ҷудо намудан мувофиқи мақсад аст:

- хизматрасониҳои равонашуда ба истеҳсолот;

---

[12] Дуглас Норт. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики/ https://gtmarket.ru/library/basis/6310/6311.

- хизматрасониҳои равонашуда ба ҷомеа;

- хизматрасониҳои равонашуда ба хоҷагии хонадорӣ;

- хизматрасониҳои хусусияти шахсӣ дошта.

Аз ҷумла ба хизматрасониҳои равонашуда ба истеҳсолот хизматрасониҳои оид ба барномаҳо ва кумаки техникӣ таҷҳизоти истеҳсолӣ ва воситаҳои нақлиёт дохил мешаванд. Ба он, ҳамчунин хизматрасониҳо оид ба анборкунӣ, нигоҳдории захираҳои моддию техникӣ, хизматрасониҳои гуногуни истеҳсолии зерсохтори роҳҳо, пулҳо ва ғайраро метавон дохил намуд. Хизматрасониҳои равонашуда ба ҷомеа аз хизматрасониҳои мақомоти идораи давлатӣ, ки бо дифои мамлакат, ба нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини бехатарии дохилӣ, барои иҷрои вазифаҳо оид ба танзими давлатии иқтисодиёт дохил мешаванд. Таснифоти хизматрасониҳо имконият медиҳад хусусияти усулҳои идораи ташкилот ва истифодаи маркетинг муайян карда шавад (расми 1.2.).

Вобаста ба ин, имрӯз мо метавонем тамоюли диверсификатсияи соҳаи хизматрасониро мушоҳида намоем. Дар ин раванд шаклҳои нави хизматрасониҳои корӣ (касбӣ): тиҷорати ғайриманқул, гузоштани маблағҳои муваққатан озод, хизматрасониҳои иттиллоотӣ, маркетингӣ ва рекламавӣ, тартибдиҳии тавозунҳои муҳосибӣ ва ҳисоботҳо, котиби электронӣ, хизматрасониҳо оид ба тарбия ва таълими кӯдакон ва мактабҳои хусусӣ, хизматрасониҳо оид ба нигоҳубини ҳайвонот: табобат, хӯрокдиҳӣ, гаштугузор ва нигоҳубини муваққатӣ ва ғайра ҷудо намудан зарур аст.

Нақши соҳаи хизматрасонӣ дар иқтисодиёти имрӯза аз он иборат аст, ки дар он омилҳои асосии рушди иқтисодӣ, маҳз донишҳои нави илмӣ, сармояи зеҳнӣ, технологияҳои иттиллоотӣ, хизматрасониҳои молиявӣ, консалтинг ва ғайра ташаккул меёбанд.




**Расми 1.2. -** Таснифоти хизматрасониҳо бо услуби ҳозиразамон (пешниҳоди муаллиф дар асоси манбаҳои [184,186,187]).

Рушди соҳаи хизматрасонӣ ин кафили тараққиёти муваффақи ҷомеа аст. Ҳамкории зичи соҳаи хизматрасонӣ бо зерсохтор ва рушди он зарурати объективӣ маҳсуб меёбад.

Омилҳои сегментатсияи хизматрасониҳо метавонанд маҷмуӣ бошанд: моддӣ ва ғайримоддӣ (расми 1.3.). Хизматрасониҳои ғайримоддиро бо ёрии омилҳои таъсиррасонанда ба худи раванди хизматрасониҳо баҳогузорӣ намудан мумкин аст.

Муҳим аст, қайд кунем, ки солҳои охир дар шароити иқтисодиёти бозорӣ имконияти ба таври воқеӣ муайян кардани нақши калидӣ ва аҳамияти хизматрасонӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин ҷанбаҳои мусбат ва манфии идораи иқтисодиёт мавриди назар пайдо шудааст.




**Расми 1.3. -** Равишҳои асосӣ барои сегментатсияи хизматҳои расонидашаванда (пешниҳоди муаллиф дар асоси манбаои [80,81]).

Имрӯз васеъшавии мунтазами ҳаҷми хизматрасониҳои гуногун, аз ҷумла хизматрасониҳои илмӣ ва зеҳнӣ ба амал омадааст. Чунин навоварӣ ташаккули стратегияи давлатро, ки ба васеъшавии соҳаи хизматрасонӣ дар сатҳи идораи давлатӣ равона шудааст, тақозо мекунад.

Аз ин рӯ, вазифаи муҳимми идораи рушди соҳа мутобиқаткунонӣ барои таъмини дастрасӣ ба захираҳо бо назардошти ҳифзи махсусияти низоми идораи давлатӣ мебошад.

Асоси иқтисодиёти мамлакатро раванди такрористеҳсолкунии неъматҳои моддӣ ва шароити зиндагии аҳолӣ ташкил медиҳад, ки ба ин кор рушди соҳаи хизматрасонӣ мусоидат карда метавонад. Чунин равиш зарурати ҷудонамоии соҳаи хизматрасониро ҳамчун зернизоми иқтисодиёти мамлакат ба миён овардааст, ки он мақомоти давлатии идоракунӣ, аҳолӣ, низомҳои қарзию пулӣ, молиявӣ, андоз, корхонаҳо ва ташкили шаклҳои гуногуни моликиятро дар бар мегирад.

Вазифаи идоракунӣ ва ташаккули механизми идораи рушди соҳаи хизматрасониро дар сатҳи миллӣ зарур аст, ки ҳолатҳои бавуҷудомадаи хусусияти объективии имрӯзаро ба назари эътибор гирад.

Самти иҷтимоии низоми идоракунии соҳаи хизматрасонӣ дар раванди рушди корхона, соҳаҳо, мамлакат дар умум боқӣ хоҳад монд. Дар шароити

иқтисодиёти тараққиёфтаи бозорӣ қисми таркибии асосӣ истеъмолгар ба ҳисоб меравад. Сабади истеъмолӣ аз ҳисоби даромадҳои худии синфи миёна доимо ба таври такрористеҳсолкунӣ пурра мешавад ва он дастрасии васеи аҳолиро ба хизматрасониҳо бе иштироки давлат, туфайли пардохтпазирии баланди истеъмолгарон ва бахши тараққикардаи соҳибкории хизматрасонӣ таъмин менамояд.

Бо вуҷуди ин, талаботи пардохтпазирии аҳолӣ ҳоло ҳам паст буда, дар чунин ҳол механизми бозорӣ ва соҳибкории хусусӣ наметавонанд мушкили дастрасии васеи хизматрасониҳои намудҳои гуногунро ҳал созанд, ки ин зарурати нигоҳдории устуворӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ, ҳифзи муҳити зистро пешбинӣ мекунад.

Заминаи амалисозии чунин сиёсат муайянкунии аниқи вазифаҳои идоракунӣ ва танзими давлат дар раванди амалкарди худ буда метавонад.

Муаллифи таҳқиқот бар он ақида аст, ки вазифаи иқтисодии идоракунии давлатӣ дар ин ҳолат аз истифодаи нисбатан мақсадноки захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ барои таъмини талаботи аҳолӣ ва таъмини сатҳи зарурии зиндагии вай иборат мебошад. Бо назардошти дастурамалҳои асосии фаъолияти низоми идоракунии рушди соҳаи хизматрасонӣ ва бо такя ба тамоюли менеҷменти имрӯза низоми идоракунӣ пеш аз ҳама бояд гардиши куллӣ ба сӯи инсон – истеъмолгар, хизматрасониро инъикос намояд, истифодаи механизмҳои бозорро васеъ намуда, таваҷҷуҳро ба ҳалли мушкилоти баамаломада ҳангоми рушди соҳаи хизматрасонӣ пурзӯр кунад.

Дар ин раванд хусусусияти идораи давлатӣ ҳалли вазифаҳои зеринро пешбинӣ кардааст:

-таъмини мутобиқати соҳаи хизматрасонии соҳавӣ бо имкониятҳои захиравии талаботи аҳолӣ;

- ташаккули зерсохтори бозори хизматрасонӣ;

- банақшагирӣ ва амалисозии рушди маҷмуии соҳаи хизматрасонӣ;

- ташаккули иқтидорҳои тахассусманди кадрӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ва истифодаи босамари онҳо;

- ташкили асосҳои моддии зиндагии аҳолӣ аз ҳисоби интенсификатсияи иқтисодиёт тавассути маблағҳои давлат ва ғайра.

Барои идораи рушди соҳаи хизматрасонӣ дақиққунонии вазифаҳое заруранд, ки дар ташкили фаъолияти самараноки инфрасохтори бозори хизматрасонӣ бо назардошти талаботи аҳолии мамлакат мавҷуданд ва онҳо рушди соҳаи хизматрасонӣ ва шуғли аҳолии мамлакат, такмили шаклҳои танзим ва дастгирии соҳаи хизматрасониро таъмин месозанд.

Маҷмуи зикршудаи вазифаҳо зарурати ташаккули механизми идоракунии рушди соҳаи хизматрасонӣ, инкишофи сохтори ташкилии идоракуниро бо назардошти ҳамкории ҳамаи шохаҳои идоракунӣ дар тамоми сатҳҳоро талаб менамояд. Бояд қайд кард, ки идоракунии босамари рушди иҷтимоии ҳама гуна сохторҳои ташкилӣ зарурӣ ба ҳисоб рафта дар ин ҷо мавҷудияти ҳама гуна унсурҳои сохторӣ муҳим арзёбӣ мешаванд.

Мақсади асосии рушди соҳаи хизматрасонӣ бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти корхонаҳои хизматрасонанда ташаккул дода мешавад. Дар ин маврид махсусияти бозори хизматҳои истеъмолии мамлакат дар умум, таъсири муҳити беруна ва дохилӣ ба самтҳои соҳавӣ ва давлатӣ ташаккул дода мешавад.

Амалисозии принсипҳо ва вазифаҳои идоракунии рушди соҳаи хизматрасонӣ вазифаҳо ва асосҳои идоракуниро ҳангоми таъини механизми муайян ва шароит барои иҷрои раванди рушд; таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии соҳаи хизматрасонӣ ва марҳалаҳои амалисозии онҳо; ҳалли мушкилоти дар раванди рушд бавуҷудомада ва ба рушди иҷтимоии мамлакат, соҳа, корхона таъсири манфӣ расонандаро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, вазифаҳои асосии идоракунӣ, мувофиқ ба ин вазифаҳо (банақшагирӣ, ташкил, батанзимдарорӣ, ҳавасмандӣ, баҳисобгирӣ ва назорат) мақсаднокии идораи давлатро нишон медиҳад.

Вазифаҳои дар боло зикршуда аз зарурати такмили низоми идоракунӣ ва дастгирии соҳаи хизматрасонии дорои самтҳои иҷтимоӣ, мувофиқ ба талаботи

ҳозиразамони иқтисоди бозорӣ, ташкили механизми таъсирбахши идораи рушди соҳаи хизматрасонӣ дарак медиҳанд.

Мундариҷаи аниқи вазифаи танзимкунандаи давлат аз чораҳои пешрафти институтҳои ғайридавлатии идоракунӣ ва механизмҳои худташкилии бозории фаъолияти корхона ва сохторҳои хоҷагидорӣ вобаста аст. Танзими давлатӣ барои идоракунии рушди соҳаи хизматрасонӣ зарур мебошад. Он ба афзоиши шуғли аҳолӣ, таъмини талаботи моддӣ ва ғайримоддии аҳолии мамлакат мусоидат хоҳад кард.

Баробари ин мақсади идоракунии давлатии соҳаи хизматрасонӣ баландбардории самаранокии фаъолияти он ва рушд мебошад; амалисозии ин кор бошад, ба ҳалли вазифаҳои зерин оварда мерасонад:[13]

- ташаккули мақсадҳо ва вазифаҳои рушди соҳаи хизматрасонӣ бо назардошти хусусиятҳои ҳудудӣ;
- муайянкунии объектҳои танзим ва ташаккули низоми идоракунии онҳо;
- ҷудонамоии субъектҳои танзим ва ташаккули сохтори онҳо;
- ҳадгузории интихоби усулҳои идоракунӣ ва танзим;
- арзёбии натиҷаҳои таъсири давлатӣ ба рушди соҳаи хизматрасонӣ;
- шарикии давлатию хусусӣ дар рушди соҳаи хизматрасонӣ.

Таносуби байни бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ дар истеҳсолоти хизматрасонӣ аз хусусияти миллию ҳудудӣ вобаста мебошад. Истеҳсоли хизматрасонӣ бештар вақт дар бахши хусусӣ ҷамъ мегардад.

Ба андешаи мо, ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми мувофиқи идоракунӣ ва танзими соҳаи хизматрасонӣ, ки фаъолияти корхонаҳои соҳаи хизматрасониро дар мамлакат ба назар мегирад, дар асоси меъёрҳо ва принсипҳои мавҷудаи давлатӣ бояд анҷом пазирад. Аз ин рӯ, вазифаҳои фаъолияти низоми таъсироти давлатӣ ба соҳаи хизматрасонӣ аз рӯйи мақсадҳои идораи стратегии рушди мамлакат ва консепсияи сиёсати давлатӣ

[13] Раджабов Р.К., Факеров Х.Н., Нурмахмадов М, Саидова М.Х. Сфера услуг: проблемы и перспективы развития,-Душанбе: Дониш, 2007.-544с.

дар сатҳи ҷумҳурӣ бояд муайян карда шавад. Идораи стратегии рушди соҳаи хизматрасонӣ дар асоси маҷмуи таъсири шакл ва усулҳои танзими давлатӣ зарур аст, ки он ба мустаҳкам кардани ҳамкории маъмурияти давлатӣ ва роҳбарони соҳаҳо ва корхонаҳо равона шудааст. Дар чунин ҳолат идораи стратегӣ ҳамчун шакли олии ҳамкорӣ дар иқтисоди имрӯзаи бозорӣ, ки ба ташкили шароити мусоиди рушди устувори соҳаи хизматрасонӣ дар мамлакат равона шудааст, баромад хоҳад кард.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати соҳаи хизматрасонӣ аз хизматрасониҳои соҳа, ҳамчунин мутобиқшавии он ба талаботи хоҷагии бозории аҳолӣ ва аз рӯйи шумораи шаклҳои нави хизматрасонӣ дар пеш меистад. Аз тарафи мо муайян карда шуд, ки дар соли 2010 вазни қиёсии соҳаҳои истеҳсолкунандаи хизматрасониҳо ба 32,5% расид; дар соли 2015 ин рақам 37,6%-ро ташкил медод, яъне, баробари 5,1 банд зиёд буд. Дар ин ҳолат дар ин давра истеҳсоли маҳсулот баробари 4,4 банд 14 коҳиш ёфтааст[14]. Дар натиҷаи гузариши иқтисодиёти нақшавию фармондиҳӣ ба муносибатҳои бозорӣ дар асоси хусусигардонии моликияти корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасонӣ шакли ғайридавлатии моликият ба вуҷуд омад, ки он ба суръати нисбатан баландтар афзудан дорад (ҷадвали 1.1.).

Натиҷаҳои таҳлили ҷадвали 1.1. нишон медиҳанд, ки агар дар соли 2015 вазни хоси моликияти давлатӣ– 11,71% ташкил диҳад, он гоҳ дар соли 2021 вазни қиёсии моликияти давлатӣ 23,14%-ро ташкил дод, аммо ҳиссаи сектори ғайридавлатӣ мутаносибан 88,29% дар соли 2015 ва 76,86%-ро дар соли 2021 ташкил дод.

Инчунин дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 афзоиши ҳиссаи моликияти давлатӣ ба 11,43 банди фоизӣ зиёд шуд.

[14] Ҳисобҳоро муаллиф дар асоси: Маҷмуаи ҳамасолаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2015. с. 398-400 анҷом додаст

**Ҷадвали 1.1. - Тақсими ҳаҷми хизматрасониҳои пулакие, ки ба аҳолӣ аз рӯйи шаклҳои моликият расонда шуданд, барои солҳои 2015-2021[15] бо нархҳои мутобиқи солҳои мазкур (млн. сомонӣ)**

| Номгӯйи хизматҳо | Солҳо | | | | | | | с.2021 ба с. 2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Хизматҳои пулакӣ, ҳамагӣ, аз ҷумла | 9615,8 | 10033,7 | 10884,0 | 12130,8 | 12983,6 | 13205,2 | 15163,3 | 157,51 |
| Моликияти давлатӣ | 1125,6 | 1394,6 | 1751,4 | 2487,3 | 2298,4 | 2824,8 | 3509,3 | 3,12 маро-тиба |
| Моликияти ғайридавлатӣ | 8490,2 | 8637,4 | 9132,6 | 9643,5 | 10685,2 | 10380,4 | 11656,0 | 137,29 |
| аз ҷумла аз рӯйи намудҳои хизмат | | | | | | | | |
| 1. Маишӣ | 3758,6 | 3694,1 | 3908,3 | 4030,6 | 4387,2 | 4253,8 | 4379,6 | 116,52 |
| 2.Нақлиёти мусофиркаш | 1741,0 | 2224,3 | 2208,2 | 2264,4 | 22000,9 | 2394,2 | 1376,9 | 79,09 |
| 3. Алоқа | 1331,3 | 11543,0 | 11645,3 | 11948,5 | 22018,7 | 1973,2 | 2303,6 | 173,03 |
| 4.Манзилию коммуналӣ | 72,6 | 779,3 | 999,5 | 203,3 | 1144,4 | 140,3 | 137,6 | 189,53 |
| 5.Соҳаи маориф | 990,2 | 11173,8 | 11354,8 | 11576,5 | 11761,1 | 11841,1 | 2125,2 | 23,56 маро-тиба |
| 6. Фарҳанг | 59,4 | 664,5 | 774,5 | 772,4 | 776,1 | 556,0 | 66,1 | 7,03 маро-тиба |
| 7. Сайёҳӣ | 20,8 | 22,1 | 44,0 | 66,0 | 110,0 | 22,4 | 3,8 | 4,75 маро-тиба |
| 8. Варзиш | 11,4 | 22,2 | 11,1 | 22,7 | 33,4 | 22,5 | 2,3 | 164,29 |
| 9.Тандурустӣ | 4402,9 | 4447,1 | 4490,7 | 6628,9 | 7703,1 | 6687,9 | 826,6 | 2,05 маро-тиба |
| 10.Санитарию тавонбахшӣ | 338,8 | 443,4 | 448,1 | 663,7 | 553,7 | 229,7 | 42,0 | 108,25 |
| 11.Хусусияти ҳуқуқӣ дошта ва муассисаҳои бонкӣ | 6658,5 | 3399,2 | 3384,2 | 5534,6 | 5689,6 | 11324,0 | 1228,8 | 186,61 |
| 12.Хизматра-сониҳои дигар | 5557,3 | 5551,7 | 6665,3 | 7799,2 | 11135,4 | 11575,7 | 2557,5 | 4,59 маро-тиба |

[15] Ҳисобҳоро муаллиф дар асоси: Маҷмуаи ҳамасолаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. с. 355-359 анҷом додаст

Аз тарафи дигар аз ҷадвали 1.1. бар меояд, ки тӯли солҳои 2015-2021 хизматҳои алоқа-73,03%, манзилию коммуналӣ-89,53% ва мутаносибан соҳаи маориф -23,56, фарҳанг -7,03, сайёҳӣ - 4,75, тандурустӣ -2,05, хизматрасониҳои дигар - 4,59 маротиба афзуда, хизматрасониҳои нақлиётӣ ба 20,91% коҳиш ёфтааст.

Бояд қайд кард, ки солҳои охир афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад. Динамикаи ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ аз рӯйи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2021 чунин буд (бо нархҳои солҳои дахлдор, млн. сомонӣ)[16,17] дар ҷадвали 1.2. оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.2. - Динамикаи ҳаҷми хизматрасониҳо ба аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021**

| Минтақаҳо | Солҳо | | | | | | | С.2021 назар ба с. 2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Ҳамагӣ дар мамлакат | 9615,9 | 10330,7 | 10884,0 | 12130,8 | 12983,6 | 13205,2 | 15165,3 | 157,71 |
| ш. Душанбе | 4474,5 | 4289,3 | 4781,6 | 5486,9 | 6178,0 | 6737,6 | 8120,0 | 181,47 |
| НТҶ | 985,8 | 973,7 | 1005,5 | 961,6 | 1037,9 | 1007,4 | 1123,4 | 113,96 |
| Вилояти Суғд | 2875,4 | 3137,8 | 3335,7 | 3527,2 | 3603,3 | 3291,6 | 3602,3 | 125,80 |
| Вилояти Хатлон | 1698,5 | 1565,4 | 1686,7 | 1868,4 | 2064,5 | 2070,5 | 2170,3 | 127,78 |
| ВМКБ | 64,9 | 67,5 | 74,5 | 88,7 | 99,9 | 98,0 | 149,3 | 2,22 маро-тиба |

**Сарчашма:** Ҳисобҳоро муаллиф дар асоси: Маҷмуаи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. - С.359 анҷом додаст.

Чӣ тавре ки аз ҷадвали 1.2. дида мешавад, дар давраи мавриди назар ҳаҷми хизматрасонии пулакии аҳолӣ, дар умум, дар ҷумҳурӣ 57,51%, дар ш. Душанбе – 81,47%, НТҶ – 13,98, вилояти Суғд – 25,8%, вилояти Хатлон –

[16] Ҳисобҳоро муаллиф дар асоси: Маҷмуаи ҳамасолаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. с. 400-409 анҷом додаст.
[17] Ҳисобҳоро муаллиф дар асоси: Маҷмуаи ҳамасолаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2015. с. 398-400 анҷом додаст.

27,78% ва ВМКБ -2,22 маротиба афзудааст. Натиҷаҳои бадастомада аз афзалиятнокии ин соҳа дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак медиҳанд.

Аз тарафи дигар бояд қайд намуд, ки таҳқиқи мавқеи соҳаҳои мухтаалифи хизматрасонӣ басо зарур аст, чунки ин соҳаҳо дар таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ва вилояту ноҳияҳои он ҷойи муносибро ишғол менамоянд. Бояд инчунин қайд намуд, ки масъалаи такмили идоракунии соҳа ва истифодаи механизмҳои муосири маблағгузорӣ ва дастгирии давлатӣ имрӯз мубрам аст.

Омӯзиши мавқеи соҳаи хизматрасонӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ин соҳа ҷойи соҳаи хизматрасонии маишӣ басо назаррас аст. Аз ин рӯ ба омӯзиши моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ ва нақши хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ мегузарем.

## 1.2. Моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ ва нақши хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ

Дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёти ҷаҳон ва миллӣ аҳамияти соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии маишӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъият нақши калонро мебозад.

Соҳаи хизматрасонӣ дар бисёр кишварҳо ба бахши асосии иқтисодиёт табдил ёфтааст ва нақши асосиро дар истеҳсоли ММД, бо кор таъмин намудани аҳолӣ, баланд шудани дараҷаи некӯаҳволии он мебозад.

Таҳлили кори Жилтсова Е.Н. ва Казакова В.Н. нишон медиҳад, ки онҳо «соҳаи хизматрасонӣ»-ро маҷмӯи соҳахои гуногуни хоҷагии халқ шуморида нақши онро барои истеҳсоли арзиши махсуси истеъмолӣ дар шакли фаъолияти конкретии меҳнатӣ қайд намуда дар он ақидаянд, ки он барои гирифтани самараи судбахши ҷиҳати қонеъ кардани талаботи иқтисодиёту аҳолӣ имконият медиҳад[18].

[18] Жильцов Е.Н., Казаков В.Н. Экономика социальных отраслей/ Е.Н.Жильцов В.Н. Казаков. – М.: Изд. ТГНС, 2007. – С. 12

Соҳаи хизматрасонӣ аз рӯи таснифоти байналхалқии соҳаҳо ба бахши сеюми иқтисодиёт мансуб буда, дар низоми умумии истифодаи қонунҳои иқтисодӣ иштирок мекунад.

Ин соҳа бахшҳои гуногунро муттаҳид намуда, ду принсипи умумиро дар бар мегирад. Якум ба истеҳсоли хадамоти махсуси молӣ, дуюм ба самти қавии иҷтимоӣ ва таъсири назарраси омили инсонӣ, яъне самти иҷтимоию иқтисодиро дар бар мегирад, ки ҳоло қисмати якум аз ҷиҳати ташкилию техникии соҳаи таҳқиқшаванда мебошад.

Аз тарафи дигар соҳаи хизматрасонӣ маҷмӯи мураккаби муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки ба амсилаи классикии «соҳибият, истифода, ихтиёрдорӣ» мувофиқат намекунад. Хусусияти муносибатҳои моликият дар ин соҳа аз нуқтаи назари назарияи неоинститутсионалӣ натиҷаи фаъолияти кормандони соҳаи хизматрасонӣ шакли ғайримоддӣ дар бар мегиранд. Дар амсилаи классикӣ муносибатҳои иқтисодӣ танҳо бо шароити моддии фаъолият, яъне заминаи моддию техникӣ алоқамандан д. Хизмат, ки ашё набуда, метавонад асоси ҳуқуқӣ дошта бошаду мавҷудияти натиҷаҳои меҳнати кормандон дар шакли ҳуқуқӣ ва ба вуҷуд омадани ӯҳдадориҳои мутақобилан байни таъминкунандагони хизматрасонӣ ва истеъмолкунандагонро дар назар дорад.

Ҳоло нақши хизматрасонӣ аз он иборат аст, ки он ба истеъмолкунандагони мушаххас, дараҷаи баланди ҳаракати саноатӣ, васеъ намудани номгӯи хизматрасонӣ дар асоси технологияи нав нигаронида шудааст[19].

Дар байни олимони ватанию хориҷӣ оид ба таърифи категорияи «хизматрасонӣ» ақидаи ягона вуҷуд надорад. Асосгузори классикии иқтисоди сиёсӣ К.Маркс қайд карда буд, ки «хизмат ба истеъмолкунанда барои истеъмол зарур аст, яъне арзишҳои истифодаи объектҳо мебошанд ва

---

[19] Виноградова М.В. Организация и планирование деятельности сферы сервиса. – М.: Дашков И.К. 2011. – С 151.

барои истеҳсолкунандаи хизматрасонии он молест, ки ҳам арзиши истеъмолию ҳам арзиши истифодабариро дорад.

Дар айни замон муносибати муайян ба муайян кардани категорияи «мол» ва «хизматрасонӣ» ва фарқияти онҳо вуҷуд дорад. Хусусиятҳои муқоисавии онҳо инҳоянд (ҷадвали 1.3.):

**Ҷадвали 1.3 - Фарқият байни мавҳуми «мол» ва «хизматрасонӣ»**

| Мол | Хизматрасонӣ |
|---|---|
| 1. Моҳият<br>2. Материаликунонӣ дар объектҳо ва имконияти ҷамъшавии онҳо | 1. Ғайримоддӣ<br>2. Мавҷуд набудани қобилияти ҷамъ кардани равандҳо ва фаъолиятҳо |
| 3.Марҳилаҳои истеҳсолот, тақсимот аз марҳилаи истеъмол ҷудо мешаванд | 3. Марҳилаҳои истеҳсол ва истеъмол дар як вақт ба ҳам меоянд |
| 4. Дар раванди истеҳсолот мавҷуд набудани истеъмолот | 4. Иштироки истеъмолкунандагон дар раванди истеҳсолот ва хизматрасонӣ. |
| 5. Мавҷудияти санади додани ҳуқуқи моликият | 5. Бе интиқоли моликият |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф дар асоси манбаҳои [64,80,81] пешниҳод карда шудааст.

Олимон К. Макконнелл, П. Самуэлсон ва С.Л. Бру хизматрасониро чизе мешуморад, ки ноаён аст ва бояд ба чизи арзишманд[20] иваз карда шавад[21], Котлер Ф. бошад хизматро ҳамчун неъмати ғайримоддие мефаҳмад, ки соҳиби аниқ надорад ва аз як шахс ба шахси дигар мегузарад[22]. Олими дигар С.Халлер хизматрасониро ба фаъолияте, ки барои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон имкон медиҳаду омодагии таъминкунандагонро дар бар мегирад мешуморад[23].

К.Лавренюк хизматрасониро ғайримоддӣ мешуморад. Дар баробари ин, хизматро ҳамчун амал ё раванде, ки як тараф ба тарафи дигар пешниҳод мекунад, ки моли ҷисмониро истифода мебарад, аммо ин амал ғайримоддӣ аст ва умуман боиси моликият намегардад. Инчунин ин намуди фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки дар натиҷаи амалҳои моддӣ ё ғайримоддие, ки ба гирандаи хизмат ё амволи ӯ нигаронида шудааст, арзиш ба вуҷуд меорад ва

[20] Заяц. Е.Ю. Схема инновации в систем организационного управления предприятиями бытового обслуживания // Экономика и предпринимательство. 2012. №5. – С. 43.
[21] Дар ин ҷо. – С. 43.
[22] Котлер Ф. Основы маркетинга: краткий курс. – М.: Вильямс, 2003. – С. 356.
[23] Клименкова Г.А. Совершенствование системы управления предприятием сферы услуг в условиях рынка. Автореферат дисс. .... канд. экон. наук: 2009. – С.18.

ба истеъмолкунандагон дар маҳал ва замони муайян фоидаи муайян мерасонад[24].

Умуман, раванди расонидани хидмат маҷмӯи амалиётҳои пайдарпай иҷрошуда мебошад ё тибқи ISO 9004/2, хизмат бояд ҳамчун натиҷаи фаъолияти байни таъминкунандагон ва истеъмолкунанда ва қонеъ кардани ниёзҳои истеъмолкунандагон баррасӣ карда шавад. Ҳамин тариқ, таърифҳои баррасишудаи мафҳуми «хизматрасонӣ» хусусиятҳои фарқкунандаи хизматрасониро аз неъматҳои моддӣ тавсиф мекунанд ё онро ҳамчун раванд тавсиф мекунанд.

Таҳлили ҷанбаҳои назариявии мафҳуми «хизматрасонӣ» имкон дод, ки мафҳуми зеринро мураттаб кунем: хизматрасонӣ натиҷаи якдафъаинаи фаъолияти муштараки истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда мебошад, ки шакли моддиро нагирифта, фоида меорад. ва талаботи иштирокчиёни равандро бе додани моликият қонеъ мегардонад.

Ҳангоми муайян кардани меъёрҳои хизматрасонӣ низ андешаҳои гуногун мавҷуданд. Ба гуфтаи академик Жилтсов Е.Н. хизматрасониҳо намудҳои зеринро дар бар мегиранд[25]:

-таъмин, коркард, харид ва нигоҳдории захираҳои моддӣ, хизматрасонии қарзӣ, молиявӣ ва суғуртавӣ;

– муомилоти амволи ғайриманқул ва дигар хизматрасониҳои амалии бозорӣ;

- маориф, фарҳанг ва санъат;

- илм ва хизмати илмӣ;

- нигаҳдории тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

- барои хизматрасонии маишӣ;

- хизматрасониҳои давлатӣ ва шахсӣ ва ғайра.

---

[24] Куимов В.В. Регулирование предпринимательской деятельности в сферы до школьных услуг.// Российское предпринимательство. – 2012, №11. – С. 37-42.

[25] Экономика сферы платных услуг / под ред. Жильцова Е.Н., Казакова В.Н. – Казань. 1996. – С. 127.

Дар шароити бозор хизматрасониро объектҳои хариду фурӯш, ки истеҳсоли онҳо характери ягона дошта, хароҷот аз ҳисоби маблағи бадастомада баргардонда мешавад, ҳисоб кардан лозим аст. Ба чунин хизматрасониҳое, ки аз ҷониби яклухтфурӯшӣ, савдои чакана, муассисаҳои хӯроки умумӣ, нақлиёт, хизматрасонии маишӣ ва ғайра пешниҳод карда мешаванд, дохил мешаванд. Ба хизматрасониҳои ғайрибозорӣ хизматҳое дохил мешаванд, ки хароҷоти онҳо асосан аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва пардохтҳои ихтиёрӣ (хизматҳои идоракунии давлатӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ғайра) пардохта мешаванд.

Таснифи хизматрасониҳо аз рӯи аломатҳои гуногун муҳим аст (ҷадвали 1.4.). Асоснокии таснифи хизматрасонӣ на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти амалӣ низ дорад.

**Ҷадвали 1.4. - Таснифоти хизматрасонӣ**

| Аломатҳои таснифот | Намудҳои хизматрасонӣ |
|---|---|
| Шартҳои ҷуброни арзиши ниҳоии хизматрасонӣ | - пулакӣ;<br>- бепул. |
| Аз рӯи намудҳои моликият | - сектори давлатӣ;<br>- бахши хусусӣ;<br>- моликияти муштарак; |
| Аз рӯи аломати соҳавӣ | - маишӣ;<br>- таҳсилот;<br>- нигоҳдории тандурустӣ;<br>- фарҳанг;<br>- нақлиёт;<br>- савдо;<br>- алоқа ва дигар. |
| Аз рӯи дараҷаи возеҳият | - хизматҳое, ки талаботи маънавии одамонро қонеъ мегардонанд;<br>- маишӣ, нақлиётӣ, хӯроки омма ва дигар. |
| Аз рӯи ҷойгиршавии хизмат | – дар маҳалли ҷойгиршавии хизматрасониҳо, истеъмолкунандагон ва миёнаравҳо |
| Аз рӯи вақти истеъмол | - талаботи доимӣ, эпизодӣ, мавсимӣ ва даврӣ |
| Аз рӯи хусусияти муносибат бо истеъмолкунандагони хизматрасонӣ | - хизматрасонии асосӣ ва иловагӣ |
| Навъи муштарӣ | - истеъмолӣ;<br>- истеҳсолотӣ. |
| Аз рӯи шакли ҳаракати хизмат | - логистикӣ |
| Аз рӯи тақсимот | - дилерӣ;<br>- франчайзингӣ;<br>- савдои чакана;<br>- савдои яклухт |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф дар асоси [52,55,81] пешниҳод карда шудааст.

Аз баррасии таҷрибаи мамлакатҳои хориҷии ҷаҳон бар меояд, ки тараққиёти хочагии хизматрасонӣ дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ имконпазир аст. Барои ин, шояд як таконе оғоз намуд, ки афзоиши иқтисодиёти мамлакату минтақаҳои онро таъмин намояд. Таъсири соҳаи хизматрасонии маишӣ ба сатҳи иқтисодию иҷтимоии аҳолӣ дар асоси иҷрои вазифаҳои муҳимтарини иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ муайян карда мешавад.

Аҳамияти иқтисодии соҳаи хизматрасонии маишӣ дар шароити муосир истеҳсолотро ба истеъмолкунанда наздик мекунад, инчунин барои муҳайё намудани шароити мусоиди зиндагониро дар асоси дар истеҳсолот истифода намудани қисми зиёди захираҳои моддию молиявӣ, ҷалб намудани захираҳои сокинон, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди рақобат, илова бар ин то ки манбаи пур кардани буҷети давлатиро дар бар мегирад. Дар ин шароит нақши занон дар тараққиёти соҳаи хизматрасонии маишӣ меафзояд.

Дар баробари ин ба афзудани хизматрасонии маишӣ ҳосилнокии меҳнат таъсири калон мерасонад. Ҳамаи ин барои беҳтар кардани он анҷом дода мешавад шароити иҷтимоию маишии кор (муҳайё намудани шароити санитарию гигиенӣ, хуроки умумӣ, расонидани ёрии тиббӣ), ба мақсад мувофиқ истифода бурдан ва зиёд кардани вақти ғайрикорин аҳолӣ барои худтакмил, инчунин хушсифат пешниҳод намудани хизмати маишӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосир зарур аст.

Умуман, соҳаи хизматрасонии маишӣ аҳамияти калони иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки бо мақсади афзоиш сифати зиндагии аҳолӣ пайваста аст. Таҳлили низоми арзёбии сифати зиндагии аҳолӣ нишон медиҳад, ки таркиби он аз ҳолати саломатии сокинон, муҳити зисти табиӣ ва экологӣ; ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, амнияти шахсӣ ва ҷамъиятӣ; сатҳи зиндагии сокинон; меҳнат ва шуғли аҳолӣ; нишондиҳандаҳое, ки нерӯи башардӯстона ва шахсиро тавсиф мекунанд ва ғайра вобаста аст.

Ба андешаи мо, қисматҳои дар боло қайдшуда ба соҳаҳои функсионалӣ мувофиқат намуда фаъолияти аҳолӣ, инчунин масъулияти сиёсати иҷтимоӣ, маишӣ ва фарҳангии мақомоти маҳаллии ҳокимияти

давлатӣ ва худидоракунӣ, ҳукуматҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо вобаста аст.

Дар сохтори пешниҳодшуда қисматҳое муайян карда шудаанд, ки ба дараҷаи тараққиёти соҳаи хизматрасонии маишӣ бевосита алоқамандaнд. Мутақобила таъсири инкишофи соҳаи хизматрасонии маишӣ ва баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии сокинонро дар сохтори қариб хамаи қисматҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳаҷми умумии хизматрасонии истеъмолшудаи аҳолӣ аз даромаду хароҷоти онҳо, фаъолияти корӣ ва бекорӣ, истироҳат, ба таври васеъ ташаккули соҳаи хизматрасонии маишӣ дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва минтақаҳо вобаста аст.

Натиҷаҳои таҳлили чандирӣ нишон медиҳад, ки соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити ҳозираи тараққиёти иқтисоди бозор рӯ ба рушд дорад.

Баланд бардоштани аҳамияти иҷтимоию иқтисодии низоми хизматрасонӣ аз умурҳои давлатии идоракунӣ ва маҳаллии ҳокимият, худидоракунӣ, ҳукумати кишвар диққати калонро тақозо менамояд.

Ба назари мо, умуман бозори хизматрасонӣ ва ҷузъи таркибии он, хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ мувофиқи қонунҳои низоми бозор инкишоф меёбад, ки дар он якчанд хусусиятҳо мавҷуданд, ки муносибати махсусро ба фаъолияти соҳибкорӣ ва маркетинг, талаботро ба навъҳои гуногуни хизматрасонӣ қонеъ намудан дар бар мегиранд

Хусусиятҳои ин бозор аз бандҳои зерин иборат аст:

- тағйирёбии баланди равандҳои бозор (хизматрасонии бевосита барои қонеъ гардондани талаботи одамон);
- сегментатсияи ҳудудӣ (шаклҳои хизматрасонӣ, андозаи талабот ва шароити кори корхонаҳои хизмати маишӣ, параметрҳои ҳудуди мавриди таҳқиқ қарордошта ва вазъи бозор вобаста аст);
- суръати баланди гардиши сармоя (мӯҳлати кӯтоҳтари давраи истеҳсолӣ);

- ҳассосияти баланд ба тағйироти ҷории шароити бозор;
- хусусиятҳои ташкили истеҳсолоти хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва равандҳои амали намудани он;
- дараҷаи баланди тафриқаи хизматрасонӣ;
- номуайянии натиҷаи пешбинишавандаи фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявии корхонаҳои соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва ғайра.

Дар баробари хусусиятҳои равшани соҳаи хизматрасонии маишӣ омухтани хусусиятҳои маркетинг дар таъминоти бонкҳо, мехмонхонаҳо ва тарабхонаҳо, хизматрасонӣ ва сайёҳӣ, аудит ва хизматрасонии машваратӣ хело зарур аст. Маҳз дар зери таъсири ҳамин соҳаҳои хизматрасонӣ талабот ба молҳои хоҷагӣ барои хизматрасонии маишӣ меафзояд.

Дар шароити сохти фармонфармоию маъмурӣ хизматрасонӣ қисман ба соҳаи истеҳсолоти моддӣ (савдо, хӯроки умумӣ, маҳсулоттайёркунӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ғайра) тааллуқ дошт. Дар баробари ин илм, маориф, нигаҳдории тандурустӣ, маданият ва ғайра ба соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ тааллуқ доштанд, ки ин дар маблағгузории онҳо ифода мегардид. Таснифи дар боло зикршуда ниҳоӣ нест ва асосан хусусиятҳои фарқкунандаи хизматрасониҳоро тавсиф мекунад.

Дар баробари ин баъзе аз олимон чунин намудҳои хизматрасониро номбар мекунанд: хизматрасонии тиҷоратӣ, алоқа, сохтмону таъмир, маориф, сайёҳӣ ва ғайра. Илова бар ин, мо ба таснифот чунин намуди хизматрасониро, аз қабили хизматрасонии логистикӣ (хизматрасонии ширкатҳои ҳавопаймоӣ, баҳрӣ, нақлиёти роҳи оҳан ва ғ.), инчунин аз рӯи принсипи тақсимот – франчайзингро дохил менамоем.

Дар шароити татбиқи ислоҳоти бозорӣ, ки ба тезонидани рушди иҷтимоию иқтисодӣ, муътадил гардонидан ва таъмини рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар сатҳи дохилӣ ва байналмилалӣ нигаронида шудааст, муносибатҳои иқтисодӣ, технологӣ ва истеҳсолии субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ба куллӣ тағйир меёбанд.

Дар соҳаи хизматрасонӣ-хизматрасонии маишӣ, ки ба қонеъ гардондани эҳтиёҷоти даврагӣ ва ҳаррӯзаи маишии одамон нигаронида шудааст, мавқеи махсус дорад.

Ба ин хизматҳо чунин намудҳо: таъмир, рангубор ва дӯхтани пойафзол, либос, маснуоти чармӣ, кӯлоҳҳо, дӯзандагӣ ва бофандагии либосҳои трикотажӣ, нигоҳдории асбобҳои радиоэлектроникии рӯзгор, мошинҳо ва асбобҳои рӯзгор, истеҳсол ва таъмири мебел, тозакунии кимиёвӣ ва рангуборкунӣ, ҷомашуӣ, суратгирӣ, сартарошонӣ ва дигар намудҳои хизматрасонӣ дохил мешаванд.

Хизматрасонии маишӣ бо навъҳои калон ва истеъмоли оммавӣ фарқ мекунад. Ҳоло дар буҷети оила хароҷот барои хариди молҳои истифодаи дарозмӯҳлат зиёд мешавад, ки ин аз баланд шудани маданияти аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар раванди муайян кардани категорияи «хизматрасонии маишӣ» ақидаҳо ва муносибатҳои гуногун мавҷуданд.

Дар қонунгузории ҷумҳурӣ мафҳуми «хизматрасонии маишӣ» ҳамчун «фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оид ба иҷрои кору хизматрасонии пулакӣ барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти маишӣ ё дигар эҳтиёҷоти шахсии истеъмолкунандагон мутобиқи номгӯи хизматрасонӣ (ба истиснои гаравхона (ломбард) тибқи шартномаи хизматрасонии маишӣ»[26] фаҳмида мешавад.

Д.М. Исмоилова чунин мешуморад, ки «хизматрасонии маишӣ меҳнатест, ки дар ин ё он арзиши истеъмолӣ таҷассум ёфта, талаботи шахсии одамонро қонеъ гардонда метавонад». Ба ақидаи мо, муаллиф ба асоси меҳнати хизматрасонӣ бо мақсади ба амал баровардани арзиши истифодабарии он таваҷҷуҳ дорад. Дар ин раванд субъектҳо ва шакли пешниҳоди ин хизматрасониҳоро инъикос намекунанд[27].

---

[26] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2013, №3, мод.186; с.2014, №3, мод.150)

[27] Исмоилова Д.Н. Формирование системы управления рынком бытовых услуг. Автореф. дисс. … канд. экон. наук:08.00.05/Д.Н.Исмоилова – Душанбе: 2004, – С. 9.

Олими ватанӣ Д.О.Фозилхонов «хизматрасонии маиширро ҳамчун натиҷаи фаъолияти субъектҳои хизматрасонӣ дар шакли моддӣ ва ғайримоддӣ барои қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа бо мақсади баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ меҳисобад» [28]. Ин таъриф умумӣ буда, муносибати инфиродиро ба пешниҳоди хизматҳои шахсӣ ба муштариён инъикос намекунад.

Дар мақолаи хеш профессор Раҷабов Р.К ба таҳқиқи комплекси истеъмолии минитақавӣ диққати махсус дода мавқеи соҳаи хизматрасонии маиширо дар сохтори он соҳаи муҳим меҳисобад[29]. Аз тарафи дигар профессор Раҷабов Р.К. дар монографияи худ[30] ҷанбаҳои рушди соҳаи хизмарасонии пулакиро ба аҳолӣ таҳқиқ намуда пешниҳодҳои мушаххас доир ба аҳамияти иҷтмоию иқтисодии соҳаи хизматрасониро ба аҳолӣ дар минтақаҳои кишвар асоснок кардааст.

Аз тарафи дигар Фозилхонов Д.О. ҳолати муосири соҳаи хизматгузории маишии аҳолиро дар ҳудуди шаҳру деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада дурнамои инкишофи онро дар шароити муосири табаддулоти бозорӣ меҳисобад[31]. Инчунин ин олим ба масъалаҳои афзудани нақши давлатро дар рушди соҳаи хизматрасонии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим шуморида инкишофи механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешқадамро зарур медонад[32].

---

[28] Фозилханов Д.О. Формирование и развитие рынка бытовых услуг в сельских территориях Таджикистана.-Автореферат дисс. … канд. экон. наук:08.00.05/Д.О.Фозилхонов. Душанбе, 2009. –23с.

[29] Раджабов Р.К. Региональный потребительский комплекс в системе рыночной экономики Таджикистана/ Р.К. Раджабов// Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: 2013, №2/8(125) - С.100-111.

[30] Раджабов Р.К. Региональные аспекты развития сферы платных услуг населению в условиях переходной экономики: монография/Р.К. Раджабов. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 213 с.

[31] Фозилханов Д.О. Бытовое обслуживание на городских и сельских территориях Республики Таджикистан: состояние и перспективы развития Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). 2022. №3-4(78).-С.56-64.

[32] Фозилханов Д.О. Усиление роли государства в развитии сферы бытовых услуг в Республике Таджикистан // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). –Душанбе: РТСУ, 2016. – №2 (53). – С.149-153.; Фозилханов Д.О. Развитие

Як қатор муаллифони соҳаи хизмати маишӣ дар он ақидаанд, ки ин хизмати пулакӣ аз рӯи фармоишҳои фардӣ иҷро карда мешаванд[33]. Дар ин ҷо субъектҳо, мақсад ва шаклҳои расондани хизмати фардӣ ҷудо карда нашудаанд. Ба фикри мо, хизматрасонии маишӣ бояд натиҷаи фаъолияте, ки барои расондани хизмати характери коллективӣ ва фардӣ, чӣ дар шакли моддӣ ва чӣ дар шакли ғайримоддӣ нигаронида шуда барои ба даст овардани фоида ва конеъ гардондани эхтиёҷоти шахсию иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

Дар рисолаи хеш Саломова У.Т.[34] асосҳои иқтисодӣ ва ташкили фаъолият ва рушди бозори хизматрасониро дар шароити иқтисоди бозорӣ, нақш ва ҷои соҳаи хизмати маишӣ дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада, таҳлили вазифаҳои идоракунии ин бахшро дар маҳалҳо, ташкил намудани фондҳои махсуси дастгирии соҳибкории хурд, пеш аз ҳама барои дастгирӣ кардани истеҳсолкунандагони асбобҳои хизматрасонии маишӣ, самтҳои асосии тараққиёти ин соҳаро бо назардошти хусусиятҳояш то соли 2020 пешниҳод намудааст.

Дар монография хеш Машокиров Ҷ.Н.[35] баланд бардоштани сифати хизматрасониии маиширо дар шароити бозори иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст ва зарур мешуморад, ки ба ин масъала бо иштироки давлат диққати махсус дода шавад.

Олими дигари ватанӣ Бобоева П.М. масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии иҷтимоию иқтсиодии хизматрасонии маиширо ба аҳолӣ дар

---

государственно-частного партнерства в сфере бытовых услуг: опыт развитых стран//Вестник РТСУ №2 (74) 2021. С.55-65.

[33] Саломова У.Т. Развитие рынка услуг бытового обслуживания населения в условиях рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан): дисс…канд. экон наук: 08.00.05/ Умия Туйчиевна Саломовна. -Душанбе, 2017. -178с.

[34] Саломова У.Т. Развитие рынка услуг бытового обслуживания населения в условиях рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан): дисс…канд.экон наук:08.00.05/ Умия Туйчиевна Саломова.-Душанбе, 2017.-178с.

[35] Машокиров Дж.Н. Повышение качества бытовых услуг в условиях рыночной экономики. Монография/Дж.Н.Машокиров. -Душанбе: «Ирфон», 2021. -157с.

шароити муносибатҳои бозорӣ самти афзалиятнок меномад[36] ва мо ин ақидаро пурра дастгирӣ менамоем. Новобата ба ин на ҳама паҳлӯҳои ин масъалаи хело муҳим мавриди омӯзиш дар шароити муосир қарор дода шудадаст. Аз ин рӯ пешбурди таҳқиқоти суроғавиро дар шароити муосири Тоҷикистон ва минтақаҳои он тақозо мекунад.

Дар асоси омӯзиши таҳқиқотҳои ба анҷомдодашудаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ мо дар он ақидаем, ки дар шароити муосир соҳаи хизматрасонии маишӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар нақши муҳим дошта, фунсияҳои зеринро босуботона иҷро мекунад (расми 1.4).

Мо ҳангоми омӯхтани сохтор ва таркиби соҳаи хизматрасонии маишӣ баҳо додани потенсиали истеҳсолию техникии он, инчунин муайян кардани аҳамияти онро дар низоми бозорӣ муҳим мешуморем. Ин соҳа ба сатҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, инчунин байни истеҳсолот ва истеъмол, ҷамъоварӣ, захираҳои меҳнатӣ ва шуғли аҳолӣ таъсир мерасонад.

Дар баробари ин такрористехсолкунӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ хусусиятҳои ба худ хосро дорост. Ҳамин тариқ, сохтори технологии фондҳои асосии корхонаҳои хизматрасонии маишӣ бар хилофи корхонаҳои соҳаи истеҳсолоти моддӣ бо бартарии арзиши биноҳо, иншоотҳо (то 85,0%), мошинҳо, захираҳо то 10,0%, асбобҳо, дастгоҳҳои интиқол ва прокат хос аст. Дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ мутаносибан: қариб аз 30,0 то 60,0 фоизро ташкил медиҳад. Аммо ба ҳаҷми захираҳои моддӣ вобаста будани соҳаи хизматрасонии маишӣ мушоҳида карда мешавад, ки ин ба оқилона ҷо ба ҷо гузоштани корхонаҳои ин соҳа бо ба назар гирифтани талаботи сокинон таъсир мерасонад. Дар баробари ин зарур аст, ки пояи моддию техникии соҳаи хизматрасонӣ ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад, ки он азнавсозӣ, модернизатсия, бунёди иншоотҳои навро дар назар дорад.

[36] Бобоева П.М. Повышение социально-экономической эффективности бытового обслуживания населения в условиях рыночных отношений (на материалах Республики Таджикистан): дисс.канд.экон.наук:08.00.05/ Парвина Мансуровна Бабаева.-Душанбе, 2019.-146с.




**Расми 1.4.-** Функсияҳои соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (пешниҳоди муаллиф дар асоси манбаҳо[53, 81])

Хусусияти такрористеҳсолкуниро дар соҳаи хизматрасонӣ ҳамчун омили муҳим, бо назардошти истифодаи захираҳои меҳнатӣ қайд кардан лозим аст. Хусусияти ин омил дар робитаи бевоситаи байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи хизматрасонӣ мебошад, ки ба сифати он таъсири калон расонида дар навбати худ аз сатҳи тахассусии кадрҳо вобаста аст.

Хусусиятҳои такрористеҳсолкунии захираҳо дар соҳаи хизматрасонии маиширо бо назардошти истифодаи интенсивии захираҳои меҳнатӣ, афзоиши ҳосилнокии меҳнат баҳисоб гирифтан зарур аст.

Барои соҳаи хизматрасонии маишӣ раванди илмию техникӣ ба сарфаи меҳнат таъсири назаррас намерасонад, зеро робитаҳои байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони хизматрасонӣ хусусияти возеҳи инфиродии тамоюли эҷодӣ доранд. Дар баробари ин, истифодаи таҷҳизоти муосир ва технологияҳои хизматрасонӣ хароҷоти зиёди моддӣ, дастрасӣ ва роҳати меҳмононро талаб мекунад. Омилҳое, ки дар боло

номбар шудаанд, зарурати объективии ҷобаҷогузорӣ ва деконсентратсияи истеҳсолоти хизматрасониҳои маишӣ, аз ҷумла, бевосита ба аҳолӣ расонидашударо муайян мекунанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ истеъмолкунандагони соҳаи хизматрасонии маишии аҳолӣ дорои даромади баланд ва миёна мебошанд. Ин имкон медиҳад, ки байни талабот ва пешниҳод дар бозори хизматрасонии маишӣ мувозинат ба вуҷуд ояд.

Дар баробари ин, таҳлили фаъолияти соҳаи хизматрасонии маишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки сатҳи пасти даромади пулии аҳолӣ дастрасии онро ба хизматрасониҳои инфиродӣ маҳдуд намуда, зарурати машғул шудан ба худхизматрасониро ба миён меорад. Ин равандҳо махсусан дар деҳот, ки сатҳи камбизоатӣ дар он ҷо баланд боқӣ мемонад, зоҳир мешавад. Ин ба он оварда расонд, ки дар бисёр деҳотҳо кори муассисаҳои хизмати маишӣ маҳдуд ё тамоман нест.

Аз сабаби он ки дар марҳалаи ҳозира аҳолӣ қисми зиёди даромади худро барои харидани маҳсулоти озуқаворӣ сарф мекунад ва хароҷоти истеъмолиро барои харидани молҳои истифодаи дарозмуддат кам намуда, талабот ба намудҳои дахлдори хизмати маишӣ (нигоҳдорӣ, таъмир) кам мешавад.

Дар ҷумҳурӣ соҳаи хизматрасонии маишӣ аз миёнаҳои асри XX инкишоф ёфт. Аз ҷиҳати истеъмоли хизмати маишӣ ба ҳар сар аҳолӣ Иттифоқи Шуравӣ аз ШМА -2 баробар ақиб монда хизматрасонии маишӣ - 75,0 %-ро ташкил дода буд[37].

Баъди ба даст овардани истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои қонунгузорӣ барои рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ қабул карда шуданд, аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 1994 «Дар бораи гузаштан ба соҳаи истеъмолӣ ва хизматрасонӣ ба принсипҳои тиҷоратии кор» қабул шуд. Ин давра бо хеле кам шудани ҳаҷми адои хизмати маишӣ (назар ба соли 1990-ум 63 фоиз),

[37] Легорнев С.Н. Служба быта и рынок / С.Н. Легорнев – М.: Знание,1991. – С. 8.

якбора баланд шудани нархи хизмати маишӣ (ба ҳисоби миёна 54,0 фоиз), бад шудани вазъияти молиявии корхонаҳои хизматрасонӣ хос аст. Аз тарафи дигар хусусигардонӣ боиси кам шудани шумораи корхонаҳо гардид ва ғайра.

Дар рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ такони муайяне баъди дар соли 2013 қабул шудани қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизмати маишӣ», ки муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба ташкил, танзим ва назорати савдо ва хизматрасонии маишӣ, инчунин фароҳам овардани шароит барои рушди онҳо бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон муайян менамояд, бозид[38].

Танзими давлатии соҳаи хизматрасонии маишӣ ба манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, ҳифзи бозори хизматрасонии дохилӣ аз рақибони хориҷӣ, дастгирии соҳибкорон, ҳифзи анъанаҳои мардумӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва ғайра асос меёбад[39].

Бартараф намудани душворию монеаҳои рушди соҳаи хизмати маишӣ онро ба дараҷаи дигари сифатӣ расонд.

Сегменти бозори хизматрасонии маишӣ асосан бо ду самт тавсиф мешавад:

- корхонаҳое, ки ба хизматрасонии босифати гаронбаҳо ба аҳолии дорои даромади баланд нигаронида шудаанд;
- корхонаҳое, ки ба истеъмолкунандагони оммавии камдаромад хизмат мерасонанд.

Аз сабаби нисбатан паст будани даромади аҳолӣ рушди корхонаҳои навъи дуюм барои Тоҷикистон хос аст.

---

[38] Закон Республики Таджикистан «О торговле и бытовом обслуживании», от 28.03.2013г. – Душанбе, 2013.

[39] Раджабов Р.К., Саломова У.Т. Некоторые подходы к регулированию сферы бытового обслуживания в Таджикистане» // Вестник ТНУ(научный журнал).-Душанбе: «Сино», 2014. № 2/7 (147). - С.230 - 233; Бобоева П.М. Повышение социально-экономической эффективности бытового обслуживания населения в условиях рыночных отношений (на материалах Республики Таджикистан): дисс.канд.экон.наук:08.00.05/ Парвина Мансуровна Бабаева.- Душанбе, 2019.-146с.; Сабирова З.Э. Развитие социально значимых бытовых услуг на принципах государственно-частного партнерства в регионе. Автореферат дисс. канд.экон.наук:08.00.05/З.Э.Собирова. -М., 2013.-С. 11.

Дар ин раванд дастгирии давлатӣ, истифодаи механизми шарикию давлатӣ низ бояд нақши махсус дошта бошад, ки он аз додани субсидияҳои гуногун, имтиёзҳо ва кам кардани гаронии андоз иборат аст, махсусан дар деҳотҷойҳо. Ин имкон медиҳад, ки соҳибкорӣ дар ин соҳаи иқтисодиёт инкишоф дода, талаботи аҳолӣ беҳтар қонеъ гардад.

Дар солҳои охир на танҳо ҳаҷми адои хизмати маишӣ, балки сифати хизматрасонӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ҳам баланд шудаст. Ба ин вазъият омилҳои гуногун:

1. Дараҷаи баланди пардохтпазирии (даромаднокии) хизматрасонӣ, ки аксари онҳо дар раванди истеҳсолот истеъмол карда мешаванд.

2. Сегментатсияи ҳудудӣ ва хусусияти маҳаллӣ

3. Афзоиши дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ аз ҳисоби афзоиши даромади пулӣ ва кам шудани хароҷоти озуқа, ки ин аз беҳтар шудани дараҷаи зиндагонии аҳолӣ шаҳодат медиҳад.

4. Мӯҳлати кӯтоҳи пардохти ҳаққи хизмат.

5. Дар корхонаҳои хизмати маишӣ ҷорӣ намудани комёбиҳои прогресси илму техника, ки ба васеъ шудани номгӯи хизматрасонӣ, баланд шудани суръат ва сифати хизмати маишӣ ёрӣ мерасонад.

6. Дар асоси тақсимоти ҷамъиятии меҳнат аз нав тақсим кардани вақти кор ва холӣ ба фоидаи он ба амал меояд. Ин ба баланд шудани сатҳи маънавии аҳолӣ, ташкили истироҳат ва ғайра мусоидат мекунад.

7. Вазъияти демографии мамлакат, афзоиши давомнокии умри аҳолӣ, ки боиси зиёд шудани талабот ба хизмати маишӣ, махсусан ба пиронсолону маъюбон мегардад.

8. Афзоиши шумораи заноне, ки ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ машғуланд, ки ин вақти кор дар хонаро кам карда, талаб мекунад, ки талабот ба хизмати маишии ғайримаишӣ зиёд карда шавад.

9. Таҷҳизоти техникии ташкили хоҷагӣ, зиёд шудани воситаҳои техникии рӯзгор, ки ҳангоми фарсуда шуданашон таъмир, нигоҳубин ва ғайраро талаб мекунанд, таъсир мерасонанд.

Фаъолсозии равандҳо дар соҳаи хизматрасонии маишӣ дар марҳилаи кунунӣ бо як қатор сабабҳо набудани сармояи кории кофӣ ва ташаккули механизмҳои шарикии давлатии хусусии маблағгузориҳо; заминаи сусти қонунгузорӣ, ки барои ҳифзи соҳибкории хурд ва истеъмолкунандагон шароит фароҳам намеорад; набудани инфрасохтори дахлдори бозор; сатҳи баланди коррупсия; фоизи баланди қарзҳо; монеаҳои бюрократӣ ва ғ. монеъ мешаванд.

Соҳаи хизматрасонии маишӣ дорои хосиятҳои хос буда, ба робитаҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон асос ёфтааст, дорои самти равшани мураккаби фаъолияти кормандони он мебошад, ки нишондиҳандаҳои иқтисодиро бо мазмуни иҷтимоӣ пур мекунад.

Ҳамин тавр, соҳаи хизматрасонии маишӣ соҳаи муҳимми хоҷагии халқ буда, ба баланд шудани самараи истеҳсолоти ҷамъиятӣ, баланд шудани дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, ҳамаи мақсадҳо, вазифаҳо ва вазифаҳои идоракунии рушди соҳаи хизматрасонӣ зарурати истифодаи механизмҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусиро пешбинӣ мекунад. Аммо такмили усулҳои идораи соҳаи хизматрасонӣ танҳо дар асоси таҳқиқи таъмини сармоягузорӣ ва рушди манфиатҳои давлат ва манфиатҳои хусусӣ имконпазир аст. Ин кор гузаронидани таҳқиқоти махсусро металабад.

Дар ин рисола омӯзиши асосҳои усулии фишангҳои сармоягузории рушди соҳаи хизматрасонӣ дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ махсусан муҳим дониста шудааст.

Аз тарафи дигар таҳқиқи хусусиятҳо ва ёфтани роҳҳои ҳалли масоили низоми танзими хизматрасониии маишӣ ба аҳолӣ ба ҷойи аввал мебарояд.

## 1.3. Хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ

Дар шароити муосири рушди иқтисодию иҷтимоӣ кишварҳои ҷудогона бо назардошти муҳимияти ин раванд яке аз масъалаи мубрами рӯз баррасии

масоили танзими давлатӣ соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Аз таҳлилу баррасии ин низом маълум шуд, ки айни замон сустии заминаи меъёрии амалкунанда ва механизми номукаммали танзими мақомоти муҳити соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба назар мерасад.

Вазъияти кунуниро пеш аз ҳама бо натиҷаи барҳам додани сохторҳои дахлдори давлатӣ ва хусусигардонии босуръати корхонаҳои давлатӣ дар ҳама сатҳҳои ҳукумат баъди пош хурдани ИҶШС шарҳ додан зарур аст. Баъди ин амал идораи хизмати маишӣ ба ташкилотҳои ғайридавлатӣ гузошта шуд, ки салоҳияти рушд ва ташкили хизматрасонии маиширо надорад[40]. Масъалаҳои лоиҳакашӣ ва ҷо ба ҷо гузоштани корхонаҳои хизмати маишӣ низ кушода монданд. Низоми соҳавии тайёр кардани кадрҳо аз ҳисоби маблағгузории буҷетӣ қатъ гардида дар асоси шартномаҳои пулакӣ ба роҳ монда шуд[41].

Имрӯз, идоракунӣ хизмати маишӣ ба замимаи Вазорати рушди иқтисодиёт ва савдои Тоҷикистон гузоша шудааст ва дар асоси механизми танзими давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Вазорат дар доираи он ваколатҳои худ фаъолияти худро ба амал мебарорад.

Як қатор омилҳое мавҷуданд, ки рушди соҳаи хизматрасонии маиширо дар минтақаҳо ва маҳалҳо мушкил мегардонанд:

1. Ӯҳдадории ҳудудӣ, баъзан хеле дур будани корхонаҳои истеҳсолӣ (сеххо, нуқтаҳои қабул, ки ба як корхона дохил мешаванд, дар қитъаҳои гуногуни шаҳр ва деҳотҳои гуногуни вилоят ҷойгир шуда метавонанд).

---

[40] Машокиров Дж.Н. Повышение качества бытовых услуг в условиях рыночной экономики. Монография/Дж.Н.Машокиров. -Душанбе: «Ирфон», 2021. -157с.; Галушко Н. А. Некоторые аспекты управления бытовым обслуживанием населения. – URL: http://science-bsea. narod. ru/2007/ekonom_2007_2/galushko_nek. htm (рӯзи муроҷиат: 12. 03. 2022).

[41] Проект типовой концепции или плана национального проекта «БЫТ» субъекта РФ. Развитие бытового обслуживания и ремесленничества в городах и сельских поселениях субъекта РФ на 2011–2015 годы. – URL: http://www. rpalata. ru/normativnopravovaya_baza/dokumenty (рӯзи муроҷиат: 11. 06. 2022).

2. Ба талаботи аҳолӣ ба хизмати маишӣ комилан вобаста будани фаъолияти корхонаҳо. Хизматҳоро нигоҳ доштан мумкин нест, онҳо барои шахси мушаххас пешбинӣ шудаанд ва ба ягон каси дигар пешниҳод карда намешаванд. Тағйирёбии талабот ба намуди муайяни хизматрасонӣ боиси тағйироти назаррас ва баъзан азнавсозии куллии равандҳои истеҳсолот мегардад.

3. Мавсими будани истеҳсолоти хизматрасонии маишӣ, яке аз хусусиятҳои асосии фаъолияти корхонаҳои хизмати маишӣ мебошад. Таъсири он ба фаъолияти корхона таъсири манфӣ мерасонад: иқтидорҳои истеҳсолӣ ва таҷҳизот нобаробар истифода бурда мешавад; дараҷаи ҳосилнокии меҳнат ва музди кори коргарон ба таври куллӣ тағйир меёбад; мӯҳлати иҷрои супоришҳо риоя карда намешавад; сифати маҳсулоти онҳо зарар мебинад; бекористӣ ба амал меояд; таъминоти масолеҳ ва таҷҳизот ба сатҳи хароҷоти истеҳсолоти хизматрасонӣ таъсир мерасонад.

4. Гуногунии намудҳои хизматрасонӣ ва номгӯи ташкилоту корхонаҳои хизмати маишӣ торафт зиёд мешавад.

5. Истифодаи маводи фармоишгар дар баробари маводи худ. Ин дар иҷрои хизматрасонӣ душвориҳои иловагӣ ба вуҷуд меорад. Дар баробари даромади кори иҷрошуда шумораи фармоишҳоеро, ки аз масолеҳи фармоишгар тайёр карда мешаванд, инчунин арзиши масолеҳи худиро ба назар гирифтан лозим аст. Истифодаи масолеҳи хушсифат ва гаронбаҳои харидорон (матоъ, пашм ва ғайра) нисбат ба сифати иҷрои фармоиш талаботи зиёд ба миён гузошта, ба ташкили раванди истеҳсолот дар корхонаҳои хизмати маишӣ ба таври муайян таъсир мерасонад.

6. Таъсири муд. Корхонаҳои хизмати маишӣ пеш аз ҳама ба тағйир ёфтани муди молҳои сермасриф - либос, пойафзол, мебел, маснуоти заргарӣ ва ғайра дучор мешаванд. Аз ин рӯ дар раванди технологӣ, истифодаи таҷҳизоти мавҷуда тағйирот ба амал меояд. Барои ин кормандони

баландихтисоси корхонаҳои хизмати маиширо истифода намудан зарур аст[42].

Рушди хизматрасонии маишӣ хусусиятҳои ба худ хос дошта бештар аз хусусиятҳои худи минтақа (маҳал) вобаста аст. Чунин хусусиятҳои минтақавиро дида баромадан зарур аст:

1. табии-ҷуғрофии минтақа бо назардошти ба ҳисобгирифтани ҷойгиршавии он, робитаи мусоиди нақлиётӣ, захираҳои гуногуни табии, шароити табии ва васеъ будани ҳудуд, релеф ва ғайра;

2. иқтисодӣ - махсусгардонии минтақа, баҳодиҳии қувваи корӣ, рушди зерсохтор, набудани роҳҳои нақлиёт, сатҳи пасти музди меҳнати аҳолӣ, андозаи нарху тарифҳо ҷиҳати хизматрасониҳо ва ғайра;

3. иҷтимоӣ- демографӣ - зичии аҳолӣ, миқдори шаҳракҳо, деҳаҳо, муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, масоили асосии рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ аз:

- номукаммалии баҳисобгирии оморӣ дар ин соҳа, ки таҳлил ва муайян намудани тамоюлҳои асосиро душвор мегардонад;

- номукаммал будани заминаи меъёрии ҳукукие, ки кори соҳаро ба танзим медарорад ва асосҳои ташкили хизматрасонии давлатӣ ба аҳолӣ бо мақсади рушди бозори хизматрасониҳои давлатӣ дар минтақаро муайян мекунад;

- нобаробар рушд ёфтани шабакаи хизматрасонии маишӣ ва нуқтаҳои қабул, махсусан дар маҳалҳои дурдаст ва кӯҳсори вилоят;

- набудани муассисаҳои таълимии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос барои корхонаҳои хизмати маишӣ;

- сифати пасти хизматрасонӣ ҳам дар корхонаҳои хизматрасонии маишӣ ва ҳам дар бахши хусусӣ ва ғайрирасмӣ, ки дар он ҷо хизматрасонӣ

[42] Чернова Н.В. Сфера бытового обслуживания населения Хабаровского края: современное состояние и перспективы развития//Вестник ТОГУ, 2009, № 2(15). - С.145-152.

аз ҷониби соҳибкорони ба қайд гирифтанашуда, ки метавонад ба саломатӣ ва моликияти шаҳрвандон зарар расонад;

- дараҷаи баланди нарху тарифҳои хизматрасонии маишӣ, ки онро барои шаҳрвандони камдаромад дастнорас мегардонад;

- паст будани фаъолияти самарабахши корхонаҳо дар ин соҳа ва ғайра иборат аст.

Дар асоси омӯзизи адабиётҳо мо усулҳои танзими соҳаи хизматрасонии маиширо дида баромадем. Низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба мақсадҳои зерин созмон дода мешавад:

- таъмини дастрасии хизмати маишӣ ба ахолӣ ва баланд бардоштани дараҷаи хизматрасонӣ;
- дар навбати аввал ҷудо намудани биноҳо барои муассисаҳои хизматрасонии маишӣ;
- таъмини риояи стандартҳои давлатии иҷтимоӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ, андешидани тадбирҳо оид ба оптимизатсияи онҳо ва ноил шудан ба меъёрҳои оқилонаи истеъмоли хизмати маишӣ;
- таҳия ва таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ;
- истисно кардани дахолати ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ба фаъолияти субъектҳои хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ;
- афзалияти усулҳои иқтисодии танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ;
- муҳайё намудани шароит барои рушди ташаббуси соҳибкорӣ дар ин самт ва ҷалби сармояи хусусӣ;
- ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар сурати пастсифат расондани хизмати маишӣ ва ғайра.

Дар асоси омӯзиши механизми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ муайян намудем, ки онро ба намуди зерин пешниҳод намудан бамаврид аст (расми 1.5.).

Танзими давлатии хизматрасонии маишӣ бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- муқаррар намудани талабот ва қоидаҳои ташкил ва амалигардонии он;
- танзими зиддиинҳисории хизматрасонии маишӣ;
- таъминоти иттилоотӣ дар ин соҳа;
- назорати давлатӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ;

бамеъёрдарории техникӣ, тасдиқи мутобиқат ба талаботи санадҳои меъёрии техникӣ дар соҳаи бамеъёргирии техникӣ ва стандартизатсия дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ.

Зарур аст, ки ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими хизматрасонии маиширо дида бароем, ки онҳо аз қисматҳои зерин иборатанд:

- таҳияи пешниҳодот оид ба рушди хизматрасонии маишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- тасдиқи тавсияҳои методӣ оид ба таҳияи барномаҳои минтақавии рушди хизматрасонии маишӣ;
- таҳияи пешниҳодҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди хизматрасонии маишӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои истеҳсол ва фурӯши хизматрасонии маишӣ;
- ташаккул додани махзани иттилоотии ҷумҳуриявии давлатӣ оид ба бозори хизматрасонии таъиноти истеъмолӣ, инчунин муқаррар намудани санадҳои иттилоотӣ, ки барои ташкили махзани иттилоот дар соҳаи танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ҳатман пешниҳод карда мешаванд;
- сари вақт огоҳ намудани субъектҳои хизматрасонии маишӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории дар соҳаи танзими давлатии хизматрасонии маишӣ;
- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Танзими давлатии хизматрасонии маишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**1.Принсипҳои асосии танзими давлатии хизматрасонии маишӣ** (асоснок ва объективӣ будани тадбирҳои танзими давлатии хизматрасонии маишӣ; ҳамгироии механизмҳои танзимкунӣ бо принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва созишномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон; беасос дахолат накардани мақомоти давлатӣ ба танзими хизматрасонии маишӣ; ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои хизматрасонии маишӣ ва шаҳрвандонва дастгирии давлатии корхонаҳои хизматрасонии маишӣ)

**2. Коркарди механизми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ** (муқаррар намудани талабот ва қоидаҳои ташкил ва амалигардонии он; танзими зиддиинҳисории хизматрасонии маишӣ; сифровизатсия; назорати давлатӣ; бамеъёрдарории техникӣ ва стандартизатсия дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ)

**3.Ташаккул ва амали намудани ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими хизматрасонии маишӣ** (сатҳи ҷумҳуриявӣ)

**4. Ташаккул ва амали намудани ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими хизматрасонии маишӣ** (сатҳи маҳаллӣ) (сатҳи маҳаллӣ)

**5. Баланд бардоштани самаранокии расонидани хизматрасониҳои иҷтимоии аҳамиятноки маишӣ аз тарафи субъектҳои хизматрасонии маишӣ ба аҳолии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Расми 1.5.** - Низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (пешниҳоди муаллиф дар асоси манбаи [1,81,190,207])

Бояд қайд намуд, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи танзими хизматрасонии маишӣ ваколатҳои зеринро дорад:

- гузаронидани мушоҳидаҳои иттилоотию таҳлилии вазъи бозорӣ ва анҷом додани хизматрасонии маишӣ;
- таҳия ва татбиқи чорабиниҳое, ки ба рушди хизматрасонии маишӣ мусоидат менамоянд, таҳия ва татбиқи барномаҳои минтақавии рушди хизматрасонии маишӣ;

- тасдиқи нақшаи ҷойгиркунонии объектҳои хизмати маишӣ дар маҳалҳо мутобиқи нақшаҳои рушди минтақаҳо;
- ташаккули захираҳои иттилоотии шаҳру ноҳияҳо барои таъмини фаъолияти самараноки бозори хизматрасонии таъиноти истеъмолӣ;
- бо назардошти шароити маҳаллӣ муқаррар намудани номгӯи намудҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳими молу хизматрасонӣ, ки барои фурӯш (ё хизматрасонӣ) дар объектҳои махсусгардонидашуда ҳатмӣ мебошанд, ташкили хизматрасонӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи шахсоне, ки аз дастгирии иҷтимоӣ истифода мебаранд;
- муқаррар намудани тартиби ҷойгиркунонии объектҳои хизматрасонии маишӣ бо назардошти шароити маҳал мутобиқи қонун дар ин соҳа, реҷаи кории ташкилоту объектҳои хизматрасонии маишии давлатӣ ва мувофиқа намудани реҷаи кории ташкилоту объектҳои хизматрасонии маишии ғайридавлатӣ;
- ташкили омӯзиш ва пешгӯии талабот ба хизматрасонии таъиноти истеъмолӣ, мушоҳидаи иттилоотию таҳлилии вазъи бозори хизматрасонии таъиноти истеъмолӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо ва деҳаҳо;
- ташаккули захираҳои иттилоотии давлатӣ дар бораи бозори хизматрасонии таъиноти истеъмолӣ дар шаҳру ноҳияҳо ва деҳаҳо;
- таҳияи барнома ва муқаррар намудани талаботи ягона бо мақсади ороиш додани корхонаҳои бозори истеъмолӣ вобаста ба санаҳои муҳими давлатӣ ва ба таври мушаххас ҷойгир намудани иттилоот бо назардошти шароити маҳал;
- ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба сохтмони марказҳои логистикии молрасонӣ ва расонидани хизмати маишӣ ба аҳолӣ;
- ҳавасмандгардонӣ ба кори фаъолона ва ҳамкории муштараки субъектҳои савдо, молрасонӣ, гузаронидани намоишҳо ва ярмаркаҳо дар соҳаи хизматрасонии маишӣ;

- андешидани тадбирҳо барои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва дастгирии сохтмон, ҷойгиркунонии объектҳои зерсохтори иҷтимоӣ ва таъмини дастрасии субъектҳои хизматрасонии маишӣ ба молу мулки давлатӣ;
- таҳлили нишондиҳандаҳои молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар нишондиҳандаҳои вазъи хизматрасонӣ дар минтақаҳои маъмурию ҳудудӣ ва самарабахшии тадбирҳои андешидашуда оид ба рушди хизматрасонии маишӣ;
- таҳия ва тасдиқи нақшаи ҷойгиркунонии объектҳои сайёри хизматрасонии маишӣ бо назардошти таъмин намудани аҳолӣ бо майдонҳои хизматрасонӣ, амалӣ намудани дигар ваколатҳоро пешбинӣ намудааст.

Бояд қайд намуд, ки субъектҳои хизматрасонии маишӣ ҳангоми ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти худ мустақилона машғул шудан бо хизматрасонӣ дар соҳаи хизмати маишӣ; махсусгардонии хизматрасонии маишӣ; асосҳо барои истифодабарии молу мулк ҳангоми хизматрасонии маишӣ (ҳуқуқи моликият ва (ё) дигар асосҳои қонунӣ); нархи хизматрасонии маишӣ; шакли интишори реклама дар объекти хизматрасонии маишӣ ва пешдӯконҳои он; шартҳои бастани шартномаҳои хизматрасонии пулакиро муайян менамоянд. Инчунин тартиб ва шартҳои хизматрасонии маишӣ ва номгӯи он; реҷаи кор; тарз ва усулҳое, ки тавассути онҳо хизматрасонии маишӣ амалӣ гардонида мешавад; миқдор, навъҳо, амсилаҳои таҷҳизоти технологӣ, асбобу анҷоме, ки ҳангоми хизматрасонии маишӣ истифода бурда мешаванд; усули ба маълумоти харидорон расонидани иттилоот дар бораи фурӯшанда, молҳои ба хизматрасонӣ пешниҳодшуда; кафолати сифат ва мӯҳлати амали он; тартиб ва шартҳои дигари хизматрасониро дар бар мегирад.

Бояд қайд намуд, ки субъекти хизматрасонии маишӣ ҳуқуқ дорад:

- аз мақоми ваколатдори давлатӣ иттилооти марбут ба ҳамаи масъалаҳои ташкили хизматрасонии маишӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии

ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои соҳаи хизматрасонии маиширо дар бораи санҷишҳои пешбинишудаи фаъолияти онҳо (ба истиснои санҷишҳои амалиётӣ) талаб намояд ва мувофиқи масъалаҳои марбут ба риояи қонунгузорӣ оид ба танзими давлатии хизматрасонии маишӣ тавзеҳоти хаттӣ гирад;

- манфиатҳои худро оид ба масъалаҳои муносибатҳои шахсан ё тавассути намояндаи худ муаррифӣ намояд;
- ҳангоми гузаронидани назорати давлатӣ дар соҳаи танзими хизматрасонии маишӣ иштирок намуда, нусхаи ҳуҷҷатҳоро аз рӯи натиҷаи назорат талаб намояд;
- бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ва дигар санадҳо нисбат ба санадҳои санҷиши мақоми ваколатдори давлатӣ ва огоҳиномаҳо оид ба санадҳои санҷишӣ ва амали (ё беамалии) шахсони мансабдори мақоми ваколатдори давлатӣ шикоят намояд;
- иттилоот ва ҳуҷҷатҳоеро, ки ба хизматрасонии маишӣ дахлдор нестанд, пешниҳод накунад;
- аз шахсони мансабдори мақоми ваколатдори давлатӣ ва сохторҳои минтақавии он ҳангоми анҷом додани амалҳо нисбат ба субъектҳои хизматрасонии маишӣ риояи қонунгузориро дар соҳаи танзими давлатии хизматрасонии маишӣ талаб намояд;
- санадҳо ва талаботи мақоми ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори онро дар соҳаи танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои танзими давлатии хизматрасонии маишӣ мутобиқат намекунанд, иҷро накунад;
- аз шахсони мансабдори мақоми ваколатдори давлатӣ, ки санҷиш мегузаронанд, асоси гузаронидани санҷишро талаб кунад, бо шаҳодатномаи хизматии онҳо шинос шавад;

- аз мақоми ваколатдори давлатӣ ҷуброни зарарро, ки дар натиҷаи қабули қарор ва амали (беамалии) шахсони мансабдори ӯ расидааст, талаб намояд;
- ҷиҳати гузаронидани санҷиши хизматрасонии маишӣ мутахассисон, намояндагони ассотсиатсияҳо ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятиро ҷалб намояд ва ғайра.

Ба субъектҳои хизматрасонии маишӣ ҳимояи судии ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо кафолат дода мешавад. Ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти худ субъектҳои хизматрасонии маишӣ ӯҳдадоранд:

- ба харидор дар бораи сифат ва маҳалли истеҳсоли хизматрасонӣ, хусусиятҳои истеъмолӣ, ӯҳдадориҳои кафолатӣ ва тартиби пешниҳоди арзу шикоят, усул ва қоидаҳои истифодабарии маҳсулот, тарзи нигоҳдории он, инчунин маҳалли ҷойгиршавӣ ва дигар реквизитҳои тайёркунанда (иҷрокунанда) иттилооти зарурӣ ва саҳеҳ пешниҳод намоянд;
- бо тартиб ва ҳолатҳои пешбининамуда аз дастгоҳҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ истифода баранд;
- дастурҳои мақоми ваколатдори давлатиро, ки бо тартиби муқарраргардида дода шудаанд, иҷро намоянд;
- ба мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба моҳияти масъалаҳои марбут ба иҷрои қонуни доир ба ин соҳа ва риоя накардани қоидаҳои хизматрасонии маишӣ дар рафти аз ҷониби он гузаронидани тафтиш ва аз рӯи натиҷаҳои он тавзеҳот манзур намоянд;
- бо тартиби муқарраргардида пешбурди баҳисобгирии амалиёти молиро таъмин намуда ҳисоботи пешбининамударо пешниҳод ва дигар муқарраротро риоя намоянд.

Кормандон барои иҷрои корҳое, ки бевосита бо хизматрасонии истеъмолкунандагон алоқаманданд, бояд тахассуси дахлдори касбӣ ва омодагии касбӣ дошта, аз гигиенаи касбӣ ва ташхиси тиббӣ гузаранд ва дар толори хизматрасонӣ кормандоне, ки бо хизматрасонии истеъмолкунандагон машғуланд, бояд либоси ягонаи махсус дошта бошанд.

Ба кори хизматрасонии маишӣ ноболиғони то 18-сола роҳ дода намешаванд. Кормандоне, ки бевосита ба истеъмолкунандагон хизмат мерасонанд, бояд ҳуҷҷати дахлдори тасдиқшуда тайёрии касбӣ дошта бошанд. Инчунин кормандон бояд ҳар се сол як маротиба аз ҳисоби маблағи иҷрокунанда аз бозомӯзии касбӣ гузаранд. Гузаштан аз муоинаи пешакии тиббӣ (ҳангоми қабул шудан ба кор) ва муоинаи даврии профилактикии тиббии кормандон ҳатмӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили хизматрасонӣ барои гурӯҳҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон, ки аз ҳифзи иҷтимоӣ истифода мебаранд ба назар гирифта шудааст. Ҷиҳати хизматрасонӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколаташон метавонанд объектҳои махсусгардонидашудаи хизматрасонии маиширо муайян намуда дар онҳо нархи хизматрасонӣ нисбат ба чунин хизматрасонии дар минтақа мавҷудбуда пасттар ба роҳ мемонад. Инчунин барои субъектҳои хизматрасонии маишӣ имтиёзҳо фароҳам оварда шуда нархи кору хизматрасонӣ мустақилона муайян карда шуда танзими давлатии нархҳо иҷозат дода мешавад.

Субъекти хизматрасонии маишӣ ӯҳдадор аст, ки мавҷудияти нархномаҳои ягона, дақиқ ва ба расмият даровардашударо бо имзои шахси аз ҷиҳати моддӣ масъул ё мӯҳри ташкилот ва санаи таҳияи нархнома таъмин намояд.

Бо мақсади танзими давлатии нархи намудҳои алоҳидаи молу хизматрасонии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои мухталифи нарх ва тарифҳоро дар асоси мониторинг, калкулятсия ва ташаккули нархро истифода онҳо мутобиқи қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромадани навъҳои молу хизматрасонии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим зарур шуморида мешавад. Дар объектҳои хизматрасонии маишӣ, ки ба таври дахлдор махсус гардонида

шудаанд, навъи хизматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим расонида мешавад. Ба навъҳои хизматрасонии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим инҳо дохил мешаванд:

- барои сартарошхонаҳо - мӯйсаргирии оддӣ;
- барои шустагарӣ - шустушӯи болопӯши рахти хоб;
- барои ҳаммом ва саунаҳо – қабули душ;
- барои корхонаҳои таъмири асбобу анҷоми маишӣ, радиоэлектронӣ, мошину дастгоҳҳои маишӣ - таъмири яхдон, асбобҳои гармидиҳанда, телевизор, дарзмол ва чангкашакҳо;
- барои ателе - таъмири маҳсулоти дарздӯзӣ, нассоҷӣ бе поракунӣ, аз нав буридан ва аз нав дӯхтан;
- барои суратгирхона - тайёр намудани сурат барои ҳуҷҷатҳо;
- барои корхонаҳои таъмири металл - сохтани калид;
- барои корхонаҳои таъмири пойафзол - ҳама гуна таъмир, ба истиснои нав ва иваз намудани қисми болоӣ ва пошнаи пойафзол.

Барои ҳалли мушкилотҳои мавҷуда ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ як қатор чораҳои мушаххасро татбиқ карда мешаванд:

- ҳамоҳангсозии идоракунӣ дар ҳама сатҳҳо (минтақавӣ, шаҳрӣ);
- таҳия ва истифодаи усулҳои баҳисобгирии оморӣ фаъолияти ташкилоту корхонаҳои хизматрасонии маишӣ бо мақсади зуд пайгирӣ намудани тамоюлҳои бозори хизматрасонии маишӣ;
- таъмини рушди бозори хизматрасонии маишӣ бо назардошти тағйироти конъюнктура ва ҷорӣ намудани танзими иқтисодӣ бо мақсади зиёд намудани хизматрасониҳои маишӣ (таъмини манзил барои иҷора, додани қарзҳо барои рушди соҳибкорӣ бо шартҳои имтиёзнок ва ғайра);
- ташкили иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия ва гуруҳбандии корхонаҳои хизмати маишӣ бо мақсади баланд бардоштани сифат ва бехатарии хизматрасониҳо, додани маълумоти объективӣ оид ба иҷрокунандагон бо мақсади баланд бардоштани рақобат;

- аз болои фаъолияти ташкилоту корхонаҳои хизмати маишӣ бурдани назорати доимӣ зарур аст, инчунин ошкор ва пешгирӣ кардани фаъолияти беиҷозат дар ин соҳа маън карда шавад;
- мақсаднок истифода бурдани шабакаи мавҷудаи корхонаҳхо барои расондани хизмати маишӣ бе аз нав баррасӣ намудани фаъолияти онҳо;
- масъалаи кадрҳоро бо роҳи ташкили марказҳои таълимии мутахассисон ва барои баъзе намудҳои хизматрасонӣ ҷалби хонанишинон, нафақахӯрон, маъюбон, заноне, ки барои нигоҳубини кудакони хурдсол дар рухсатӣ мебошанд;
- ҳалли масъалаи нарасидани таҷҳизоти гаронбаҳо бо назардошти истифодаи лизинги таҷҳизот;
- таҳқиқи масъалаҳои ҷойгиркунии корхонаҳои хизмати маишӣ, комплекси муассисаҳои хизмати маишӣ ё нуқтаҳои кабули онҳоро дар шаҳракҳо, донишкадаю донишгоҳҳо, хобгоҳҳои донишҷуёну корхонаҳо, хонаҳои калонсолон, комплексҳои манзилӣ, марказҳои савдо;
- хизмати маиширо на фақат дар маркази шаҳру ноҳияҳо, балки дар ноҳияҳо бо роҳи ташкил намудани хизмати маишӣ ё нуқтаҳои кабули саҳроӣ ба роҳ мондан;
- пурзӯр намудани кор бо намояндагони мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба расонидани кӯмаки мақсаднок дар шакли хизматрасонии имтиёзноки маишӣ ба табақаҳои камбизоати аҳолӣ ва ғайра. Талаботи эҳтимолӣ дар ин гурӯҳҳо зиёд аст, аммо нархҳо ҳанӯз дастрас нестанд. Барои хизматрасонӣ ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, нафақахурон ва дигар табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашавандаи аҳолӣ ташкил намудани корхонаҳои хизмати маишӣ зарур аст;
- истифодаи технологияи рақамӣ ва реклама ҳангоми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва ғайра.

Дар асоси баҳо додан ба вазъияти муосири рушди бозори хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар Тоҷикистон, инчунин таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, мо чунин мешуморем, ки тараққиёти ин соҳа ҷустуҷуи

роҳҳоеро, ки такмил додани корро дар асоси муайян кардани ҳаҷми ҳар як намуд хизматрасонии маишӣ ва ба мақсади мувофиқ ба роҳ мондани кор зарур аст талаб мекунад. Хусусияти муҳим ин ташаккули талабот ба хизматрасонии маишӣ ба ҳисоб меравад.

Хусусияти дигари соҳаи хизматрасонии маишӣ ба нокифоягии корхонаҳои соҳаи хизмати маишӣ, ҳолати пояи моддию техникии онҳо, нарасидани кадрҳои касбӣ, паст будани сифати хизматрасонӣ ва рақобат махсусан дар деҳот мебошад.

Дар ҷумҳури қариб сеяки ҳаҷми хизматрасонии маишӣ аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ амалӣ карда мешавад. Бо назардоршти ин мо гурӯҳҳои зеринро ҷудо мекунем:

- доштани иҷозат барои расонидани хизмати маишӣ бо тартиби муайян;

- дар ихтиёри худ доштани шумораи зиёди коргарони кироя, ки дар асоси шартнома кор мекунанд;

- шахсоне, ки ба сифати шахси воқеӣ -соҳибкор ба қайд гирифта нашудаанд, вале дар хона хизмати маишӣ мерасонанд.

Масоили зеринро ҳангоми хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ дар бозор қайд намудан зарур аст:

- бесамар расонидани хизмати маишӣ дар натиҷаи истифодаи технологияи куҳнашуда;
- паст будани ихтисос ва музди кори коргарон;
- монеаҳои маъмурӣ;
- вуҷуд доштани рақобати носолим;
- мавҷудияти шумораи зиёди ҳунармандоне, ки хизмати маиширо ба аҳолӣ ғайриқонунӣ расонида, андозҳо ва пули хизматҳои коммуналиро пардохт намекунанд ва дар натиҷа фоидаи зиёдатӣ мегиранд ва ғайра.

Барои ҳалли масоили муайяншудаи бозори хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ тадбирҳои зеринро ба амал баровардан зарур мешуморем:

- такмил додани низоми додани қарз ва истифодаи барномаҳои махсуси қарздиҳӣ ба корхонаҳои соҳаи хизмати маишӣ ба аҳолӣ;

- дастрасии корхонаҳои хизмати маишӣ ба захираҳои молиявӣ ва сармоягузорию гирифтани онҳо;

- такмил додани механизми таъминоти корхонаҳо бо маводҳо, додани имтиёзҳои андозӣ ва иҷоравӣ;

- тараққи додани пояи моддию техникии корхонаҳои хизматрасонӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди инноватсионии онҳо тавассути шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

- ташкили низоми ягонаи бақайдгирӣ, баҳисобгирӣ, ташкил ва интихоби роҳбарони корхонаҳои хизмати маишӣ дар шаҳрҳо, вилоятҳо ва ноҳияҳо дар асоси муайян кардани корхонаҳое, ки вазифаҳои «махсус» доранд, яъне барои ҳалли супоришҳои давлатӣ ва расонидани хизматрасониҳои иҷтимоии маишӣ ба аҳолӣ;

- таҳия ва татбиқи низоми муассири ташкилӣ ва идоракунии бозори хизматрасонии маишӣ, схемаи оқилона ҷойгиркунии субъектҳо, тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи хизматрасонии маишӣ;

- такмили механизми институтсионалии танзими бозори хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, беҳдошти фаъолияти корхонаҳои ин соҳа дар асоси омухтан ва баҳрабари аз таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ;

- таҳияи самтҳои афзалиятноки инноватсионии рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ дар шаҳру ноҳияҳо ва маҳалҳои аҳолинишин, дурнамои дарозмуҳлати он дар кишвар.

Ҳамин тавр, нақш ва аҳамияти соҳаи хизматрасонии маишӣ хело назаррас буда бо назардоштани рушди он, амали гардондани сиёсати давлатии ба иҷтимоӣ нигаронидашуда ба мақсади сифати зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти он равона карда шавад.

Аз ин рӯ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сарфи назар аз як қатор масоили ба таври объективӣ мавҷудбуда ҳангоми хизматрасонии

маишӣ ба аҳолӣ дар вилояти Хатлон дигаргуниҳои куллии мусбат ба амал омадаанд, вале дараҷаи тараққиёти он аз сатҳи миёнаи Тоҷикистон паст аст. Дар умум соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дорои имконоти бузург ва пешомадҳои рушд аст, аммо ба танзим ва дастгирии давлатӣ ниёз дорад.

Бо назардошти ин ба арзёбии вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон мегузарем.

# БОБИ 2. ВАЗЪИ ИМРӮЗА ВА РУШДИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 2.1. Арзёбии вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ғояи аз ҳама муҳим дар шароити иқтисоди бозорӣ ин рақобати солим дар байни соҳаҳо ва ташкилоту корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият мебошад. Дар ин маврид интихоби намуди самаранок ва мусоиди фаъолият барои субъектҳои иқтисодиёт муҳим маҳсуб меёбад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит сохтааст, ки ҳоло шакли чандирии фаъолияти хоҷагӣ бо назардошти таъмини сармоягузорӣ, рушди шарикии давлатию хусусӣ, истифодаи технологияи рақамӣ талаботи бештар пайдо кардааст. Ин унсурҳо ҳамчун амсилаи якҷояи бароҳмонии фаъолияти бозорию рақобатӣ баромад хоҳанд кард. Инчунин дар ин раванд пеш аз ҳама арзёбии вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст.

Ҳангоми таҳлили вазъи рушди иқтисодиёти Тоҷикистон дар солҳои мустақилият давраҳои коҳиш, сукут ва муътадилшавиро метавон ҷудо кард. Дар чунин вазъ пайдоиши шаклҳои нав дар фаъолияти хоҷагӣ дар бозор хеле самаранок хоҳанд буд.

Дар чунин шароит ташаккул ва рушди бахши хусусӣ дар раванди хизматрасонӣ ба аҳолӣ, махсусан муҳим дониста шудааст. Зеро он қобилияти зуд мувофиқ шудан ба тағйироти бозор ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот ва хизматрасониро дорост. Ин ба таъмини саривақтии талаботи бозор, пешравӣ дар шароити норасоии сармоя, ашёи хом, иттиллооти зарурӣ ва ғайра мусоидат хоҳад кард. Баробари ин, нақш ва аҳамияти соҳаи хизматрасонӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ ва баландбардории сатҳи зидагии аҳолии мамлакат ба таври назаррас меафзояд.

Вобаста ба он ки дастгирии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи донорҳои сершумор идома дошта, онҳо ба бахши фаъолияти ҳаётан

муҳимми мамлакат равона шудаанд. Хоҳишмандони ба даст овардани чунин кумакҳо низ зиёданд. Мутобиқгардонии фаъолияти ҳамаи онҳо аҳамияти калон дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ҷалб ва истифодаи захираҳои берунӣ барои ҳалли мушкилоти паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, ки аз талаботи Стратегияи миллии рушд то соли 2030 ва стратегияҳои миёнамуҳлати вобаста ба он қабулшуда ва истифодаи нишондиҳадаҳои оморӣ бармеоянд, аҳамияти зиёд медиҳанд.

Рушди низоми омор нишондиҳандаҳое, ки соҳаи хизматрасониро ҳамчун як бахши иқтисодӣ бо назардошти шароити тараққиёт, барпо намудани системаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва мувофиқ ба барномаи ислоҳоти омории ба шароити иқтисоди бозаргонӣ мувофиқ ва фаъолияти пурсамари он тавсиф мекунанд.

Талаботи нав ба низоми нишондиҳандаҳои ичтимоию иқтисодӣ бо зарурати ба назар гирифтани баҳо додан ба раванд ва натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодӣ; ташаккули гуногунандешии шаклҳои моликият; рушди бозори меҳнат ва сармоя; мутобиқ ва муттаҳид кардани маълумотҳои омории тамоми аҳолӣ; намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар раванди бисёрзинаи иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва минтақаҳо дар бар мегирад.

Аз омузиши адабиётҳои соҳавӣ[43] бар меояд, ки чунин принсипҳои асосии ташкили низоми нишондиҳандаҳои оморие, ки рушди хизматрасониро дар бар мегиранд аз қисматҳои зерин иборат аст:

[43] Коломиец Р.Е. Об основных статистических характеристиках рынка услуг в Ростовской области // Экономические и социально-правовые проблемы России: Сборник научных трудов профессорско-преподавательского состава. Часть 4 / Под ред. д.э.н. Масловой Н.П.- С.239-245; Логинова С.Л. Социально-экономическая статистика: учебное пособие / С. Л. Логинова. Екатеринбург: Изд-во Рос. гос. проф.-пед. ун-та, 2020. 99 с. URL: http://elar.rsvpu.ru/

1. системаи нишондиҳандаҳое, ки ҳамаи нишондиҳандаҳои бо ҳам алоқамананд ва барои ноил шудан ба ҳадафи таҳқиқот нигаронида шудаанд;
2. системаи нишондиҳандаҳое, ки ба принсипҳои ягонаи методологӣ, ки шарти зарурӣ ва муқоисавии онҳо асос ёфтааст;
3. системаи нишондиҳандахое, ки бояд бошад мукаммал буда илова намудани нишондиҳандаҳои умумиро бо назардошти фаъолияти зернизом истисно намекунад.

Ҳангоми таҳияи нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи соҳаи хизматрасонӣ микёс ва баҳодихии вазъияти иқтисодии мамлакат, дараҷаи тараққиёти он ҷойи махсусро ишғол мекунад, бояд қабул карда шавад. Ин ба муносибати мавҷуда байни тараққиёти соҳаи хизматрасонию дараҷаи рушди хоҷагии халқ вобаста мебошад.

Дар ин раванд системаи нишондиҳандаҳои бахши хизматрасонӣ бояд арзёбии инкишофи навро дар бар гирад ва навъҳои охирини он аз рӯи муқоисаи онҳо бо ҳисобҳои дахлдори мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон сурат гирад. Дар ин раванд нишондиҳандаҳои оморӣ инчунин бояд барои фароҳам овардани фаъолияти он дар шароити дигаргунсозихои хозираи иҷтимоию иқтисодӣ сиёсати оқилонаи иқтисодӣ дар сохтори иқтисодиёти мамлакат имконият диҳад.

Аз тарафи дигар ҳангоми баррасии асосҳои методологии сохтани системаи нишондиҳандаҳои оморӣ тавсифкунанда соҳаи хизматрасонӣ ҳамчун як бахши иқтисодиёт ба тақсимоти меҳнати ҷамъиятӣ ба ду намуд асос ёфтааст: меҳнат барои истеҳсоли мол ва меҳнат барои хизматрасонӣ. Ҳар ду намуди меҳнат сермаҳсул мебошанд. Яке аз муҳимтарин шаклҳои тараққиёти иқтисодиёт дар тамоми ҷаҳон робитаи байни рушди иқтисодӣ ва афзоиши нақши хизматрасонӣ дар хочагии халқ ба ҳисоб рафта ифодаи афзоиши ҳиссаи меҳнат, захирахои моддию молиявӣ дар соҳаи хизматрасонӣ истифода бурда мешавад. Инкишофи соҳаи хизматрасонӣ ва таъсири он ба иқтисодиёт, умуман дар робита бо дигар бахшҳои иқтисодиёт,

инчунин таъсири он ба сифати зиндагии аҳолии кишвар, ноҳияҳо метавонанд бо истифодаи системаи ягонаи нишондиҳандаҳо баҳо дода шавад.

Низоми нишондиҳандаҳои соҳаи хизматрасонӣ маҷмӯи нишондиҳандаҳои ба ҳам алоқаманд буда ҳамаҷониба ҳолат ва рушди соҳаи хизматрасонӣ, инчунин ҷузъҳои алоҳидаи онро тавсиф мекунанд.

Нишондиҳандаҳои асосии оморӣ, ки вазъият ва рушди соҳаи хизматрасонӣ ва хизмати маиширо инъикос мекунанд пеш аз ҳама ҳангоми созмон додани нишондиҳандаҳои умумии макроиқтисодӣ, рушди саноат дар марҳилаҳои гуногун раванди такрористеҳсолкунӣ, ки бо дигар нишондодҳои дахлдор алоқаманд буда ба нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ асос ёфтааст. Гуруҳи чунин нишондиҳандаҳои умумӣ қисми таркибии системаи ҳисобҳои миллӣ буда имкон медиҳанд марҳила ба марҳила такрористеҳсоли хизматҳоро бо истифодаи нишондиҳандаҳои дахлдори динамикӣ ва минтақавӣ, инчунин гузаронидани муқоисаҳои байналмилалӣ пайгирӣ ва арзёбӣ кунанд,

Ҳаҷми хизматҳои пешниҳодшуда бо гурӯҳи нишондодҳое, ки натичаҳои фаъолияти истеҳсолии соҳаи хизматрасонӣ, навъҳои гуногуни корхонаҳо ва ташкилотҳо, инчунин шахсони алоҳидаро тавсиф мекунанд ҳисоб карда мешавад.

Нишондиҳандаҳои умумии ҳаҷми хизматрасонӣ ҳангоми нархгузорӣ дар асоси маълумоти натиҷаи мушоҳидаи оморӣ бо истифода аз шаклҳои мувофиқ, инчунин ҳисобҳои иловагии ҳаҷми хизматрасониҳои шахсони воқеӣ шахсон дар асоси усулҳои тасдиқнамудаи Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

Дар системаи нишондиҳандаҳо як гурӯҳи нишондиҳандаҳои бисёрсатҳи барои арзёбии хароҷот ва самаранокии корхонаҳои гуногунҷабҳа намудҳои соҳаи хизматрасонӣ, устувории молиявию иқтисодии фаъолияти онҳоро инъикос менамояд ҷои муҳимро ишғол мекунад.

Фасли махсуси нишондиҳандахо бояд баҳо доданро ба дараҷаи конеъ гардондани талаботи ҷамъият, гуногун гуруҳҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ аз руи баъзе намудҳои хизматрасонӣ, аз ҷумла минтақавӣ дар бар гирад. Ҳангоми баҳодиҳии нишондиҳандаҳои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба хизматрасонӣ меъёрҳои дахлдори музди меҳнат, инчунин буҷети оқилонаи истеъмолиро истифода бурдан мумкин аст.

Ҳангоми таҳлили бозори хизмати маишӣ талаботу пешниҳод аз ин намуди хизматрасонӣ, инчунин нархҳои онҳо баҳо додан лозим аст. Дар баробари нишондиҳандаҳои ҳаҷми фуруши хизматрасонӣ, баҳодиҳии миқёси пешниҳодҳои хизматрасониҳои гуногун, аз он ҷумла хоҷагӣ ё потенсиали баргардондани онҳо аз руи захираҳои дахлдори умумии моддию меҳнатӣ, таъминоти бозори истеъмолӣ бо хизматрасониҳо дар ноҳияҳо гузаронида мешавад.

Дар блоки нишондиҳандаҳое, ки истеъмоли хизматро тавсиф мекунанд, андозаи хароҷот барои хизматрасонии гуруҳҳои аҳолӣ, ҳиссаи ин хароҷот дар харочоти истеъмолии гуруҳҳои дахлдор, дар мамлакат, инчунин дар минтақа қайд карда мешавад.

Дар ин раванд баҳо додан ва таҳлил намудани рушди соҳаи хизматрасонӣ ва вазъи иҷтимоию иқтисодии гуруҳҳои гуногуни аҳолӣ нишондиҳандаҳои ҳиссаи хароҷоти хизматрасонӣ дар сатҳи зиндагӣ ва буҷети истеъмолӣ зарур аст.

Бояд қайд намуд, ки маҷмуи маҳсулоти дохилӣ нишондиҳандаи оморие мебошад, ки соҳаи хизматрасониро тавсиф намуда дурнамои тараққиёти онро дар миқёси кишвар ва минтақаҳои онро баҳо медиҳад. Ниҳоят, системаи нишондиҳандаҳо муқоисаҳои байналмилалиро дар бар мегирад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, системаи нишондиҳандаҳои оморӣ, ки рушди ин бахши иқтисодиётро тавсиф мекунанд, бо панҷ гуруҳ ҷудо карда мешаванд:

1. Нишондиҳандаҳои умумии макроиқтисодии рушди иқтисодиёт ва соҳаи хизматрасонии маишӣ;

2. Иқтидори иҷтимоию иқтисодӣ ва инфрасохтори бозор;

3. Натиҷаҳои молиявӣ, самаранокии амалиёт ва сармоягузорӣ;

4. Вазъияти бозори хизматрасонӣ, қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ва ҷамъият ба хизматрасонӣ;

5. Гузаронидани муқоисаҳои байналмилалӣ.

Яке аз соҳаи муҳими таҳлили бозори хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ хусусияти потенсиали иҷтимоию иқтисодии он мебошад.

Аз тарафи дигар ин нишондиҳандаҳо дар раванди арзёбии вазъи муосир ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Шароити душвори давраи ибтидоии гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ба тағйирёбии сохтори истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо дар ММД ва нишондиҳандаҳои дигари экзогенӣ дар солҳои 2015 – 2021 таъсири назаррас дошт (ҷадвали 2.1.).

**Ҷадвали 2.1. - Динамикаи нишондиҳандаҳои экзогении иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021**

*(бо нархҳои ҷорӣ, млн. сомонӣ)*

| **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **С.2021 ба с. 2015, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД | 48402,1 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 82543,1 | 98910,7 | 2,04 маротиба |
| Истеҳсоли маҳсулот | 11006,4 | 11427,6 | 13069,4 | 14049,8 | 16507,9 | 18659,8 | 49857,9 | 4,52 маротиба |
| Хизматрасонӣ, аз он ҷумла: | 19982,0 | 10359,3 | 25049,7 | 26111,4 | 29333,8 | 29597,1 | 39373,4 | 197,04 |
| нақлиёт ва алоқа | 4859,2 | 4875,2 | 4835,3 | 4277,6 | 4829,2 | 6604,6 | 6790,1 | 139,73 |
| Хизматрасонии коммуналӣ ва маишӣ | 1498,0 | 1385,1 | 1740,3 | 1370,2 | 1619,3 | 1644,1 | 2187,2 | 146,01 |

**Сарчашма:** Дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -414с. ҳисоб карда шудааст.

Аз ҷадвали 2.1. дида мешавад, ки дар давраи мавриди назар ҳаҷми Маҷмуи маҳсулоти дохила (ММД), истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ мутаносибан баробари 2,04 ва 4,52 маротиба ва хизматрасонӣ 97,04% зиёд шудааст. Дар ин ҳолат дар соҳаи нақлиёт ва алоқа, ҳамчунин хизматрасонии коммуналӣ ва хизматрасонии маишӣ афзоиш мутаносибан 39,73 ва 46,01% афзудааст.

Ҳангоми гузаронидани таҳлил аз тарафи мо, ҳамчунин динамикаи нишондиҳандаҳои дигари экзогении иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021 омӯхта шуданд (ҷадвали 2.2.).

**Ҷадвали 2.2. - Динамикаи экзогении нишондиҳандаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021**

*(бо нархҳои ҷории мутаносиби он солҳо, млн. сомонӣ)*

| Нишонди-ҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | С.2021 ба с.2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Даромади буҷети давлатӣ | 16061,0 | 18405,2 | 19955,5 | 3925,5 | 23469,4 | 25065,0 | 30053,8 | 187,12 |
| Сатҳи камби-зоатӣ, % | 31,5 | 30,4 | 29,5 | 29,3 | 28,4 | 26,3 | 22,35 | 8,95 банди фоизӣ |
| Хароҷоти буҷети давлатӣ | 15675,0 | 18294,3 | 22264,2 | 24187,4 | 23806,1 | 24812,5 | 29342,7 | 187,19 |

**Сарчашма:** Дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОНПҶТ, 2022. - 414с. ҳисоб карда шудааст.

Аз ҷадвали 2.2. дида мешавад, ки даромадҳо ва хароҷоти буҷети давлатӣ дар ин давра мутаносибан 87,12 ва 87,19 % афзудааст. Инчунин сатҳи камбизоатӣ дар кишвар нисбат ба соли 2015 ба 8,95 банди фоизӣ кам шудааст.

Самти муҳими дигар ба назари мо, таҳқиқи фишангҳои сармоягузорӣ ва стратегияи самараноки рушди соҳаҳо ва соҳаҳои иқтисодиёт хоҳанд буд. Аз ин рӯ, ташаккули стратегия ба натиҷаҳои пешгӯиҳои шароити гузаронидани фаъолияти сармоягузорӣ (фазои сармоягузорӣ) ва

конъюнктураи бозор, дар умум барои бозор ва ҳам дар сегментҳои он асос меёбад. Ин аст, ки ин ҷо ҷустуҷӯ ва арзёбии вариантҳои алтернативии қарорҳои сармоягузориро дар асоси баҳисобгирии эътибор ва вазифаҳои рушди корхона зарурӣ мешуморем.

Дар ҷадвали 2.3. омилҳои эндогении нишондиҳандаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.3. - Омилҳои эндогении нишондиҳандаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021**

*(бо нархи ҷории ҳамон солҳо, млн. дол. ИМА)*

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | С.2021 ба с.2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сармоягузории хориҷӣ, аз ҷумла: | 6028,0 | 5063,8 | 5665,4 | 6366,2 | 6652,9 | 6474,9 | 6367,0 | 105,62 |
| Сармояи мустақим | 2903,1 | 3245,7 | 3584,8 | 3631,7 | 3948,4 | 3760,5 | 3653,8 | 125,85 |
| Сармоягузории асосии инвеститсионӣ (млн. сомонӣ) | 9749,9 | 11179,7 | 11371,6 | 13361,0 | 12517,8 | 11755,6 | 15124,9 | 155,12 |

**Сарчашма:** Дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -414с. ҳисоб карда шудааст.

Аз ҷадвали 2.3. дида мешавад, дар давраи мавриди назар ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ баробари ба 5,62% афзудааст. Дар ин ҳолат сармоягузории мустақим 25,85% ва сармоягузории асосии инвеститсионӣ ба 55,12% афзудааст.

Дар раванди таҳлил ҷойи муносибро омӯзиши динамикаи нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон ишғол мекунад (ҷадвали 2.4.).

Аз ҷадвали 2.4. дида мешавад, ки дар тули солҳои 2015-2021 афзоиши динамикаи нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон дида мешавад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва боркашонию ҳаҷми гардиши моли чакана, хизматрасонии пулакӣ ва гардиши савдои

хориҷӣ мутаносибан 2,2 маротиба, 43,94%, 48,52%, 63,3%, 13,12 ва 46,99% зиёд шудааст. Дар ин раванд содирот ба 2,41 маротиба ва воридот ба 22,88% афзудааст.

**Ҷадвали 2.4. - Динамикаи нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | с.2021 ба с.2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолӣ, ҳазор нафар | 8551,2 | 8742,8 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 9506,3 | 9886,8 | 115,62 |
| Даромадҳои пулии аҳолӣ, млрд. сомонӣ | 25,5 | 31,4 | 37,2 | 41,08 | 47,9 | 65,3 | 80,5 | 3,15 маротиба |
| Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи як корманд, сомонӣ | 878,91 | 962,16 | 1144,19 | 1233,82 | 1335,92 | 1393,78 | 1540,84 | 175,31 |
| Маҳсулоти саноат, млн. сомонӣ | 12116 | 18695 | 22677 | 25080 | 28391 | 30890 | 38829 | 3,20 маротиба |
| Маҳсулоти кишоварзӣ, млн. сомонӣ | 27628,9 | 29053,9 | 31029,6 | 32257,2 | 34558,7 | 37616,6 | 39769,4 | 143,94 |
| Бо ҳамаи намудҳои нақлиёт бо кашонида шудааст, млн. тонн | 74,4 | 84,1 | 84,1 | 89,6 | 85,4 | 85,1 | 110,5 | 148,52 |
| Ҳаҷми гардиши моли чакана, млн. сомонӣ | 20366,6 | 21558,6 | 22948,7 | 24646,9 | 27604,5 | 27024,8 | 33259,5 | 163,30 |
| Хизматрасонии пулакӣ, млн. сомонӣ | 13405,4 | 13388,4 | 13645,2 | 13372,2 | 13599,6 | 13205,2 | 15165,3 | 113,12 |
| Гардиши савдои хориҷӣ, млн. доллар | 4326,2 | 3929,9 | 3972,9 | 4224,3 | 4523,7 | 4557,5 | 6359,1 | 146,99 |
| Содирот, млн. доллар | 890,6 | 898,7 | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 | 1406,9 | 2149,6 | 2,41 маротиба |
| Воридот, млн. доллар | 3453,6 | 3031,2 | 2774,9 | 3151,0 | 3349,3 | 3150,9 | 4209,5 | 122,88 |

**Сарчашма:** Дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -414с ҳисоб карда шудааст.

Дар тӯли солҳои 2015-2021 дар сохтори таркиби маҷмӯи маҳсулоти дохила дар Тоҷикистон тағйиротҳои ҷузъи ба амал наомадаанд (ҷадвали 2.5.).

**Ҷадвали 2.5. - Тағйирёбии таркиби маҷмӯи маҳсулоти дохила дар Тоҷикистон, бо фоиз**

| Нишондиҳанда | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмӯи маҳсулоти дохила | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| Истеҳсоли молҳо | 46,4 | 47,6 | 47,5 | 54,2 | 46,0 | 47,5 | 50,4 |
| Истеҳсоли хизматҳо | 41,2 | 41,1 | 41,7 | 36,0 | 43,6 | 43,4 | 39,8 |
| Андозҳои холис аз маҳсулот | 12,3 | 11,3 | 10,8 | 9,8 | 10,4 | 9,1 | 9,8 |

**Сарчашма:** Дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -414с. ҳисоб карда шудааст.

Аз ҷадвали 2.5. бар меояд, ки истеҳсоли молу хизматрасонӣ дар кишвар дида мешавад. ва дар сохтори ММУ соли 2021 истеҳсоли хизматҳо 39,8 ва молҳо 50,4% ва андозҳои холис аз маҳсулот 9,8% ро ташкил медиҳад. Дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 фоизи истеҳсоли молҳо ба 4,0 банди фоизӣ зиёд шуда, истеҳсоли хизматҳо ба -1,4 банди фоизӣ ва андозҳои холис аз маҳсулот ба -2,5 банди фоизӣ кам шудааст.

Дар тӯли солҳои таҳқиқӣ тағйирёбии индекси нархҳои истеъмолӣ дар Тоҷикистон ҷойи асосиро ишғол мекунад, ки динамикаи афзоиши индекси нархҳои истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 2.6., оварда шудааст ва аз ҷадвал дида мешавад, ки нисбат ба солҳои пешина афзоиши индексҳо мушоҳида карда мешавад.

**Ҷадвали 2.6. - Динамикаи индекси нархҳои истеъмолӣ дар Тоҷикистон нисбат ба солҳои пешина бо фоиз**

| Нишондиҳанда | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Индекс умумии нархҳои истеъмолӣ | 105,8 | 105,9 | 107,3 | 103,8 | 107,9 | 108,6 | 109,0 |
| - аз ҷумла | | | | | | | |
| Молҳои истеъмолӣ | 102,8 | 104,2 | 109,1 | 102,4 | 111,3 | 112,5 | 110,6 |
| Молҳои ғайриистеъмолӣ | 104,8 | 108,2 | 104,3 | 105,2 | 105,1 | 105,0 | 107,8 |
| Хизматҳои пулакӣ | 103,0 | 104,9 | 106,0 | 105,9 | 102,6 | 104,7 | 106,7 |

**Сарчашма:** Дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -414с ҳисоб карда шудааст.

Аз ҷадвали 2.6. дида мешавад, ки индекси умумии нархҳои истеъмолӣ ҳамасолона аз 3,8 то 9,0%, нархи молҳои истеъмолӣ аз 2,8 то 12,5%, молҳои

ғайриистеъмолӣ аз 4,8 то 7,8% ва хизматҳои пулакӣ аз 2,6 то 6,7% тағйир ёфтааст.

Дар ҷадвали 2.7. маълумот дар бораи тақсими аҳолие, ки дар иқтисодиёти Тоҷикистон машғул аст оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.7. - Тақсими аҳолие, ки дар иқтисодиёти Тоҷикистон машғул аст, ҳазор кас**

| Нишондиҳанда | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ машғул | 2380 | 2385 | 2407 | 2426 | 2463 | 2506 | 2533,5 |
| Аз онҳо: | | | | | | | |
| Дар бахши воқеӣ | 1704 | 1695 | 1685 | 1699 | 1728 | 1754 | 1764,1 |
| Бо фоиз | 72 | 71 | 70 | 70 | 70 | 70 | 69,6 |
| Дар соҳаи хизматрасонӣ | 676 | 691 | 722 | 727 | 735 | 751 | 769,4 |
| Бо фоиз | 28 | 29 | 30 | 30 | 30 | 30 | 30,4 |

**Сарчашма:** дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -414с ҳисоб карда шудааст.

Аз маълумот ҷадвали 2.7. бар меояд, ки дар бахши воқеӣ 69,6% -и аҳолӣ ва дар соҳаи хизматрасонӣ 30,4%-и аҳолӣ машғул аст

Бояд гуфт, ки ғайр аз ин ташаккули стратегияи сармоягузорӣислоҳи онро бо назардошти шароити тағйирёбандаи берунӣ ва имкониятҳои нави рушд дар давраи мавриди назар талаб мекунад. Дар асоси таҳлил муайян кардем, ки дар умум дар ҷумҳурӣ рушди сармоягузорӣ дар солҳои 2015-2021 мушоҳида шудааст. Динамикаи омилҳои эндогении Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 2.8 оварда шудааст.

Аз ҷадвали 2.8 дида мешавад, ки дар давраи дидабаромада (солҳои 2015-2021) 144 лоиҳаҳо ба маблағи 1736692,6 ҳазор долл. ШМА иҷро гардиданд. Вазни хоси бештар таносубанд, дар соҳаи нақлиёт – 55,3%, энергетика - 29,9%, маориф – 1,5% ва тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ – 0,7% рост меояд.

## Ҷадвали 2.8. - Тақсимоти маблағҳои сармоягузорӣ аз рӯи соҳаҳо дар давраи аз соли 2015 то соли 2021

| Соҳаҳо | Лоиҳаҳои ҷорӣ (мавҷудбуда) | | | Лоиҳаҳои нав | | | Ҳамагӣ аз рӯи соҳаҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи лоиҳаҳо | ҳаз. долл. ИМА | % | Шумораи лоиҳаҳо | ҳаз. долл. ШМА | % | Шумораи лоиҳаҳо | ҳаз. долл. ИМА | % |
| Кишоварзӣ | 0 | 0,00 | 0,0 | 3 | 27650,00 | 0,2 | 3 | 27650,00 | 0,2 |
| Ирригация/обёрӣ | 2 | 64266,00 | 5,3 | 12 | 1393118,00 | 8,6 | 14 | 1457384,00 | 8,4 |
| Таъминоти об ва канализатсия | 4 | 77817,95 | 6,4 | 16 | 348015,20 | 2,2 | 20 | 425833,15 | 2,5 |
| Энергетика | 6 | 494673,43 | 40,5 | 21 | 4690862,00 | 29,1 | 27 | 5185535,43 | 29,9 |
| Нақлиёт | 6 | 507903,00 | 41,6 | 36 | 9098763,00 | 56,4 | 42 | 960666,00 | 55,3 |
| Маориф | 4 | 69899,00 | 5,7 | 9 | 187500,00 | 1,2 | 13 | 257399,00 | 1,5 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 0 | 0,00 | 0,0 | 10 | 120290,00 | 0,7 | 10 | 120290,00 | 0,7 |
| Мултисектор ва дигар бахшҳо | 1 | 5940,00 | 0,5 | 14 | 279595,00 | 1,7 | 15 | 285535,00 | 1,6 |
| Ҳамагӣ | 23 | 1220499,4 | 100,0 | 121 | 16145793,2 | 100,0 | 144 | 17366292,6 | 100,0 |

**Сарчашма:** Дар асоси: Омоли солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОНПҶТ, 2022. - 414с., Таджикистан: 30 лет государственной независимости статистический сборник. –Душанбе: АОНПҶТ,2020. –341с.- С. 139, 368-393. ҳисоб карда шудааст.

Маҷмӯи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2021 бо назардошти ба анҷом расидани татбиқи якчанд лоиҳаҳо ва оғоз гардидани лоиҳаҳои нав аз 65 адад (22 лоиҳаи грантӣ, 10 лоиҳаи қарзӣ ва 33 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарз ва грант) иборат мебошад, ки маблағи умумии он 32,1 млрд. сомонӣ (3,32 млрд. доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад[44].

Дар таркиби маҷмӯи лоиҳаҳои амалкунанда маблағҳои қарзӣ 16,9 млрд. сомонӣ (1,75 млрд. доллар) ё 52,6 фоиз, маблағҳои грантӣ 13,6 млрд. сомонӣ (1,41 млрд. доллар) ё 42,4 фоиз, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,4 млрд. сомонӣ (144,6 млн. доллар) ё 4,4 фоиз ва дигар сарчашмаҳо, аз ҷумла саҳми корхонаҳои давлатии ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоъаҳо (бенефитсиарҳо) ва ғайра 190,7 млн. сомонӣ (19,7 млн. доллар) ё 0,6 фоизро ташкил медиҳад.

Манбаи маблағгузории маҷмӯи (сандуқӣ) лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда асосан аз сарчашмаҳои зерин иборат мебошад: Бонки Осиёи Рушд 889,6 млн. доллар ё 26,8 фоизи маблағи умумии портфел, Бонки Умумиҷаҳонӣ 575,6 млн. доллар ё 17,4 фоиз, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд 490,4 млн. доллар ё 14,8 фоиз, Ҷумҳурии Халқии Хитой 479,4 млн. доллар ё 14,4 фоиз, Бонки Исломии Рушд 143,9 млн. доллар ё 4,3 фоиз, Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ 89,7 млн. доллар ё 2,7 фоиз, Бонки Осиёгии сарм оягузориҳои инфрасохторӣ 87,5 млн. доллар ё 2,6 фоиз, Фонди Саудии Рушд 85,0 млн. доллар ё 2,6 фоиз, Бонки Олмонии Рушд 55,3 млн. доллар ё 1,7 фоиз, Фонди байналмилалии рушди соҳаи кишоварзӣ 53,1 млн. доллар ё 1,6 фоиз, Фонди Қувейтии рушди иқтисодии Араб 42,5 млн. доллар ё 1,3 фоиз, дигар созмонҳои байналмилалии молиявӣ /давлатҳои донор 163,9 млн. доллар ё 4,9 фоиз, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 144,6 млн. доллар ё 4,4 фоиз ва дигар сарчашмаҳо (саҳми корхонаҳои давлатии ватанӣ,

[44] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОНПҶТ, 2020.-201с. . –Душанбе: АОНПҶТ,2021. –С.341.

мақомоти иҷроияи маҳал лии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳо ва ғ.) 19,7 млн. доллар ё 0,6 фоиз.

Дарояндаи наздик, яъне дар муҳлате, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амали намудани лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро дар назар гирифтааст, бояд аз ҳисоби инфрасохтори зерин дар амал тадбиқ карда шаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани вазъиояндаи истифодаи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ барномаи давлатии сармоягузорӣ барои ҳар сол таҳия мегардад. Охирин барнома барои давраи то соли 2021 таҳия гардидааст, ки айни замон муҳлати иҷроиши он ба итмом расонида шудааст[45].

Барномаи давлатии сармоягузориҳо бо ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ ва мутамарказ омода карда шудааст, ки дар чорчӯбаи молиявии воқеӣ омода гардидааст. Азбаски захираҳои молиявӣ ба қадри зарурӣ нокифоянд, барномаи давлатии сармоягузорӣ аз рӯйи барномаҳои сармоягузорӣ афзалиятҳои миқдориро муқаррар месозад. Барнома бо дарназардошти як қатор меъёрҳо баррасӣ мешавад, ки бартарияти кифоятӣ ва сифатии онҳо таъмин гардад.

Бо роҳи муайян сохтани сармоягузориҳое, ки барои татбиқашон воситаҳо ҳанӯз пайдо карда нашудаанд, барномаи давлатии сармоягузорӣ ба сафарбар намудани захираҳои молиявии хориҷӣ имкон медиҳад. Дар доираи барномаи давлатии сармоягузорӣ мақсаду вазифаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи сиёсат ва нақши танзимкунандаи он мавриди таҳкими сармояи мусоид барои фаъолияти бахши хусусӣ ба назар гирифта шудааст. Вусъати иштироки бахши хусусӣ дар ҷое, ки иқтисодиёт қарор дорад, ба ташаккули даромадҳо, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва

[45] Барномаи давлатии сармоягузорӣ барои солҳои 2016-2020. Суроғаи электронӣ: https://medt.tj/tj/2021-09-01-18-19-28/ Сомонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар бештар мусоидат хоҳад кард.

Манбаи маблағгузории маҷмӯи (портфели) лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ воридшуда сармоягузориҳои муассисаҳои давлатӣ, идора ва сохторҳои корпоративиро дар бар мегиранд. Қисми муайяни хароҷотҳоро аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатӣ ё қарзҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатдода, маблағгузорӣ кардан имконият дорад. Фондҳои сармоягузорӣ метавонанд дорои хароҷоти оперативӣ ва кӯмакҳои техникӣ бошанд, ба шарте ки онҳо қисми ҷудонашавандаи лоиҳа маҳсуб дониста шаванд.

Дар Барномаи давлатии сармоягузориҳо теъдоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ дармаҷмӯъ 144 лоиҳаро бо маблағи умумии 17,3 млрд. доллари ШМА дар бар гирифта, Лоиҳаҳои ба барномаи аз 23 лоиҳаи амалкунанда бо маблағи умумии 1,2 млрд. доллари ШМА ва 121 лоиҳаи нав бо маблағи 16,1 млрд. доллари ШМА бе назардошти лоиҳаҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ иборат мебошад. Барои панҷ соли пешбинишуда (солҳои 2016-2020) маблағгузорӣ дар ҳаҷми 1020 млн. доллари ШМА дар назар дошта шудааст.

Дар номгӯи лоиҳаҳои нав, чунин лоиҳаҳое ҳам ҳастанд, ки ба таври расмӣ тасдиқ нашудаанд, вале лоиҳаҳои афзалиятдошта мебошанд.

Чуноне, ки маълум аст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи барномаи давлатии сармоягузорӣ соҳаҳои афзалиятноки самроягузорӣ нишон дода шудаанд ва миёни онҳо аз ҳама бештар маблағҳои сармоягузорӣ ба соҳаи нақлиёт (46370 ҳаз. долл. ИМА) маблағҳо рост меояд.

Сохтмони иншоотҳои пешбинишуда асосан соҳаҳои энергетика, нақлиёт ирригатсия, кишоварзӣ, мудофиа, ҳифзи ҳуқуқ, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш, хоҷагии манзилию коммуналӣ, хизмати маишӣ ва дигар соҳаҳоро дар бар мегиранд. Бунёди иншооти ба нақша гирифташуда бодарназардошти афзалиятнокии онҳо дар асоси дастуру

супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳар сол дар Паёми Президент ба Маҷлиси Олии кишвар баён гардидааст, инчунин дар асоси қарору фармоишҳо ва барномаҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳодҳои вазорату идораҳои ҷумҳурӣ интихоб гардидаанд.

Дар умум, дастгирии дурусти сармоягузорӣ имконият дод вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он хеле беҳтар гардад.

Ҳамин тавр, таҳлили вазъи имрӯза ва рушди иқтисодиёт ва дастгирии сармоягузории он, ҳамчунин рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ имконият медиҳад раванди рушди иқтисодӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан, дар соҳаи хизматрасонӣ ба таври назаррас тезонида шавад.

Дар раванди таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар нақши механизми шарикии давлату бахши хусусӣ афзуда истодааст, ки он яке аз самтҳои афзалиятнокӣ таъмини босуботи хизматрасониҳо, аз ҷумла хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Дар умум, дуруст ба роҳ мондани низоми танзими давлатӣ, дастгирии дурусти сармоягузорӣ имконият медиҳад, ки вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳою соҳаҳои мухталиф хеле беҳтар гардида, таъмини рушди устувор ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тавр, таҳлили вазъи имрӯза ва рушди иқтисодиёт ва дастгирии сармоягузории он, имконият медиҳад раванди рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан, дар соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба таври назаррас тезонида шавад.

### 2.2. Таҳлили ҳолати хизматрасонии маишӣ ба аҳолии кишвар ва вилояти Хатлон

Дар шароити рушди иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ва минтақаҳои он баррасии таҳқиқи вазъи хизматрасонии маиии пулакӣ басо назаррас аст. Айни замон рушди бозори хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ самти афзалиятнок ба ҳисоб меравад, зеро он дар рушди иқтисодиёт нақши муҳим

дошта, дар тақвияти дигаргуниҳои ҷойдошта дар сохтори соҳавӣ ва бадан бардоштани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ саҳми арзанда мегузорад[46].

Дар ин шароит омухтани расонидани намудҳои мухталифи хизматрасонии пулакиро ба аҳолӣ саривақтӣ мебошад. Пеш аз ҳама расонидани намудҳои зерини хизматрасониро ба аҳолӣ ҷудо мекунем: хизматрасонии маишӣ, нақлиёти мусофирбар, алоқа, хоҷагии манзилию коммуналӣ, маориф, фарҳанг, туристӣ ва экскурсиявӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, хизматрасонии тиббӣ, санаторию саломатӣ, хизматрасонии ҳуқуқӣ, муассисаҳои бонкӣ ва дигар[47].

Аз тарафи дигар омӯзиш ва баҳодиҳии тағйирёбии динамикаи нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи рушди хизматрасонии пулакӣ дар тамоми каналҳои фурӯш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим шуморида мешавад. Дар ҷадвали 2.9. натиҷаҳои тағйирёбии динамикаи ин нишондиҳандаҳо барои солҳои 2015-2021 дар Тоҷикистон оварда шудааст.

Таҳлили ҷадвали 2.9. нишон медиҳад, ки дар давраи баррасишаванда кам шудани суръати афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ мушоҳида гардида, дар соли 2021 нисбат ба соли 2015-ум ба 57,71 % зиёд шудааст.

Дар баробари ин ҳаҷми иҷрои онҳо ба ҳар сари аҳолӣ -35,59% афзудаст. Маълумоти ҷадвали 2.10. нишон медиҳад, ки дар соли 2021 ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 15165,3 миллион сомонӣ

---

[46] Раджабов Р.К. Региональные аспекты развития сферы платных услуг населению в условиях переходной экономики. Монография/Р.К. Раджабов. - Душанбе: Ирфон,2013. – 196с.; Раджабов К.Р. Роль частного сектора в производственной сфере и пути повышения конкурентоспособности национальной экономики /К.Р.Раджабов, М.М.Шарипов// Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал-. Серия социально-экономических и общественных наук №2/9 (218), 2016. –С. 12-20; Раджабов К.Р. Создание благоприятных социально-экономических условий для развития частного сектора в сфере услуг Таджикистана/К.Р.Раджабов//Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и гуманитарных наук. №2 2018. -Душанбе: «Сино»,2018. -С.114-119.

[47] Факеров Х. Н. Моделирование и совершенствование инфраструктуры потребительского рынка. Монография/Х.Н.Факеров, Р.К.Раджабов, С.Зубайдов. -Душанбе: «Ирфон», 2018. - 120с.; Хусаинов М.К. Управление экономическим развитием сферы услуг / М.К. Хусаинов. - М.: Компания Спутник +, 2005. - 40с.

хизматрасониҳои пулакӣ расонида шудааст, ки ин нисбат ба соли 2015-ум 57,71% зиёд мебошад.

**Ҷадвали 2.9. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди хизматрасониҳои пулакӣ аз рӯйи самтҳои пешниҳод дар Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Фоизи афзоиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, хизматҳои пулакӣ (млн. сомонӣ) | 13405,4 | 1338,4 | 13645,2 | 13372,3 | 13599,6 | 13205,2 | 15165,3 | 157,71 |
| Миқдори хизматҳои пулакӣ дар ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ (бо нархҳои ҳақиқӣ) | 1131,3 | 1161,2 | 1231,7 | 1247,7 | 1409,4 | 1389,5 | 1533,9 | 135,59 |

**Сарчашма:** дар асоси маълумотҳои оморӣ «Омори солонаи Тоҷикистон». – Душанбе, АОНПҶТ, 2022. -414с. -саҳ.357 ҳисоб карда шудааст.

Дар баробари ин, дар соли 2021 ҳиссаи ҳаҷми хизматрасониҳои корхонаҳо дар бахши давлатӣ ба андозаи 23,14 банди фоизиро ташкил дода, бахши ғайридавлатӣ бошад - 76,86%-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2015-ум ба 11,43 банди фоизӣ кам шудааст.

**Ҷадвали 2.10. - Динамикаи тақсими хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ аз рӯйи намудҳои моликият дар Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021**

| Намудҳои моликият | Ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ, млн. сомонӣ | | | | | | | Фоизи афзоиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Ҳамагӣ дар корхонаҳои намуди ҷудогонаи моликият | 9615,8 | 10033,7 | 10884,0 | 12130,8 | 12983,6 | 13205,2 | 15165,3 | 157,71 |
| Давлатӣ, ҳамагӣ | 1125,6 | 1396,4 | 1751,4 | 2487,3 | 2298,4 | 2824,8 | 3509,3 | 3,12 маро-тиба |
| Вазни хос дар ҳаҷми умумии хизмарасоониҳои пулакӣ (%) | 11,71 | 13,91 | 16,09 | 20,50 | 17,70 | 21,39 | 23,14 | +11,43 банди фоизӣ |
| Ғайридавлатӣ, ҳамагӣ | 8490,2 | 8637,3 | 9231,6 | 9643,5 | 10685,2 | 10380,4 | 11656,0 | 137,29 |
| Вазни хос дар ҳаҷми умумии хизмарасоониҳои пулакӣ (%) | 88,29 | 86,08 | 84,82 | 79,5 | 82,3 | 78,61 | 76,86 | -11,43 банди фоизӣ |

**Сарчашма:** дар асоси маълумотҳои: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОНПҶТ, 2022. - 414с. -саҳ.357 ҳисоб карда шудааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021 дар динамикаи даромади умумии ба ҳар сари аҳолӣ, индекси нархҳои истеъмолии хизматрасониҳои пулакӣ ва ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ тавассути тамоми каналҳои фурӯш тағйирот ба амал омадааст (ҷадвали 2.11.).

**Ҷадвали 2.11. - Динамикаи даромади умумии индекси нархи истеъмолии хизматрасониҳои пулакӣ ва ҳаҷми онҳо ба воситаи ҳама намудҳои пешниҳод дар Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Фоизи афзоиш, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хамагӣ даромади сарикасии аҳолӣ, (сомонӣ) | 297,61 | 351,14 | 374,12 | 409,78 | 475,72 | 518,19 | 814,3 | 2,74 маро-тиба |
| Индекси хароҷотҳои ҳақиқии аҳолӣ барои хариди мол ва пардохти хизматрасо-нии пулакӣ, % | 28,4 | 40,3 | 42,2 | 46,5 | 57,3 | 79,7 | 101,0 | +72,6 банди фоизӣ |
| Индекси ҳаҷми хизматрасо-нии пулакӣ, % | 25,5 | 31,2 | 37,1 | 37,1 | 40,8 | 47,8 | 80,1 | +54,6 банди фоизӣ |

**Сарчашма:** дар асоси маълумотҳои: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -414с. -саҳ.17-22 ҳисоб карда шудааст.

Тавре аз ҷадвали 2.11. дида мешавад, даромади умумии аҳолӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар солҳои 2015-2021 2,74 маротиба афзуда, боиси афзоиши ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ гардид. Дар баробари ин, индекси хароҷоти аҳолӣ барои хариди молҳо ва пардохти хизматрасонӣ 72,6 банди фоизӣ ва индекси ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ 54,6 банди фоизӣ зиёд шудааст.

Дар шароити муосир ба омузиши динамикаи таксимоти ҳачми хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ аз руи шаклҳои моликият дар заминаи

соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи махсус дорад (ҷадвали 2.12., расми 2.1.).

**Ҷадвали 2.12. - Динамикаи тақсимоти ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ аз рӯи шакли моликият дар заминаи соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2021**

| **Намуди хизматрасонӣ ва шакли моликият** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **С.2021 нисбати с.2015, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ хизматрасонии маишӣ** | 3758,6 | 3694,1 | 3908,3 | 4030,6 | 4387,2 | 4253,8 | 4379,6 | 116,52 |
| Давлатӣ, ҳамагӣ | 27,6 | 25,2 | 33,1 | 43,3 | 44,7 | 77,7 | 96,7 | 3,50 маротиба |
| Вазни хос дар ҳаҷми умумии хизмарасониҳои пулакии маишӣ (%) | 0,73 | 0,68 | 0,85 | 1,07 | 1,02 | 1,83 | 2,21 | +1,48 |
| Ғайридавлатӣ, ҳамагӣ | 3731,0 | 3668,9 | 3875,2 | 3987,5 | 4342,5 | 4176,1 | 4282,9 | 114,79 |
| Вазни хос дар ҳаҷми умумии хизмарасониҳои пулакии маишӣ (%) | 99,27 | 99,32 | 99,15 | 98,93 | 98,98 | 98,17 | 97,79 | -1,48 |
| **Дигар намудҳои хизматрасониҳои пулакӣ** | 557,3 | 551,7 | 665,3 | 799,2 | 1135,4 | 1575,7 | 1376,4 | 2,47 маротиба |
| Давлатӣ, ҳамагӣ | 52,1 | 51,0 | 50,1 | 97,8 | 162,5 | 366,0 | 328,5 | 6,31 маротиба |
| Вазни хос дар ҳаҷми умумии хизмарасониҳои пулакӣ (%) | 9,35 | 9,24 | 7,53 | 12,24 | 14,31 | 23,23 | 23,86 | +14,51 банди фоизӣ |
| Ғайридавлатӣ, ҳамагӣ | 55,2 | 500,7 | 615,2 | 701,4 | 972,9 | 1209,7 | 1165,6 | 21,12 маротиба |
| Вазни хос дар ҳаҷми умумии хизмарасониҳои пулакӣ (%) | 90,65 | 90,76 | 92,47 | 87,76 | 85,69 | 76,77 | 84,68 | -5,97 банди фоизӣ |

**Сарчашма:** дар асоси маълумотҳои: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -414с. -саҳ.17-22 ҳисоб карда шудааст.

Маълумоти ҷадвали 2.12. ва расми 2.1 нишон медиҳад, ки дар соли 2021 ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4379,6 миллион сомонӣ

хизматрасонии маишӣ расонида шудааст, ки ин нисбат ба соли 2015 ба 13,18% зиёд мебошад.

Дар баробари ин, дар соли 2021 ҳиссаи ҳаҷми хизматрасониҳои корхонаҳо дар бахши давлатӣ 2,21%, бахши ғайридавлатӣ – 97,79% -ро ташкил дод, ки дар бахши давлатӣ нисбат ба соли 2015-ум 1,48 банди фоизӣ афзуда, дар бахши ғайридавлатӣ 1,48 банди фоизӣ кам шудааст.

Тибқи ҷадвали 2.12. ва расми 2.1, дар соли 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои дигари хизматрасонӣ ба маблағи 1376,4 миллион сомонӣ расонида шудааст, ки ин нисбат ба соли 2015-ум 2,47 маротиба зиёд мебошад. Дар баробари ин, дар соли 2021 ҳиссаи ҳаҷми хизматрасониҳои корхонаҳо дар бахши давлатӣ 23,86% бахши ғайридавлатӣ – 84,68% -ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2015-ум 14,51 банди фоизӣ зиёд шуда, инчунин дар бахши ғайридавлатӣ мутаносибан 5,97 банди фоизӣ кам шудааст.




**Расми 2.1** - Динамикаи тақсимоти ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ аз рӯи шакли моликият дар заминаи соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2021

**Сарчашма:** дар асоси маълумотҳои: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -414с. -саҳ.17-22 ҳисоб карда шудааст.

Умуман дар ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои он дар оянда ҳам суръати афзоиши хизмати пулакӣ ба аҳолӣ чӣ аз тарафи корхонаҳои давлатӣ ва чӣ муассисаҳои ғайридавлатӣ зиёд мешавад.

Ҳангоми омӯзиши вазъи бозори минтақавии хизматрасонии пулакӣ динамикаи тақсимоти ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ ва маишӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда мешавад (ҷадвали 2.13., расми 2.2.).

**Ҷадвали 2.13. - Динамикаи тақсимоти ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ва маишӣ ба аҳолии минтақаҳои Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021**

| **Намуди хизматрасонӣ, аз ҷумла:** | **Хаҷми хизмарасонии пулакӣ (млн. сомонӣ)** | | | | | | | **С. 2021 нисбати с. 2015. %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон Таджикистан** | | | | | | | | |
| Хизматрасони-ҳои пулакӣ | 9615,8 | 10337,1 | 10884,0 | 12130,8 | 12983,6 | 13205,2 | 15165,6 | 157,72 |
| Аз ҷумла: маишӣ | 3758,6 | 3694,1 | 3908,3 | 4030,6 | 4387,2 | 4253,8 | 4379,6 | 116,52 |
| **Вилояти мухтори кӯхистони Бадахшон** | | | | | | | | |
| Хизматрасони-ҳои пулакӣ | 64,9 | 67,5 | 74,5 | 88,7 | 99,9 | 98,0 | 149,3 | 2,30 маро-тиба |
| Аз ҷумла: маишӣ | 31,2 | 31,4 | 34,0 | 34,0 | 33,3 | 28,6 | 29,3 | 93,91 |
| **Вилояти Суғд** | | | | | | | | |
| Хизматрасони-ҳои пулакӣ | 3017,0 | 3137,8 | 3335,7 | 3527,2 | 3603,3 | 3291,6 | 3602,3 | 119,40 |
| Аз ҷумла маишӣ | 1657,1 | 1622,7 | 1702,0 | 1791,7 | 1921,8 | 1828,8 | 1925,3 | 116,18 |
| **Вилояти Хатлон** | | | | | | | | |
| Хизматрасони-ҳои пулакӣ | 1569,0 | 1565,4 | 1686,7 | 1868,4 | 2064,5 | 2070,5 | 2170,3 | 138,32 |
| Аз ҷумла: маишӣ | 999,4 | 1015,6 | 1061,5 | 1116,0 | 1270,8 | 1303,4 | 1321,1 | 132,19 |
| **Шаҳри Душанбе** | | | | | | | | |
| Хизматрасони-ҳои пулакӣ | 3969,2 | 4289,3 | 4781,6 | 5684,9 | 6178,0 | 6767,6 | 8120,0 | 2,21 маро-тиба |
| Аз ҷумла: маишӣ | 471,7 | 437,3 | 516,0 | 550,1 | 600,5 | 578,2 | 537,2 | 113,88 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Идомаи ҷадвали 2.13.* | | | | | | | |
| **Ноҳияҳои тобеи марказ** | | | | | | | |
| Хизматрасони-ҳои пулакӣ | 1011,0 | 973,7 | 1005,5 | 961,6 | 1037,9 | 1007,2 | 1123,4 | 111,12 |
| Аз ҷумла: маишӣ | 599,2 | 587,1 | 594,8 | 538,8 | 560,8 | 544,8 | 566,7 | 94,57 |

**Сарчашма:** дар асоси маълумотҳои: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -414с. ҳисоб карда шудааст.

Тавре аз ҷадвали 2.13., расми 2.2 дида мешавад, дар соли 2021 дар ҷумҳурӣ нисбат ба соли 2015-ум хизматрасонии пулакӣ ба 57,72% ва хизматрасониҳои маишӣ 16,52% зиёд шудааст.

Дар ҳамин ҳол, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе афзоиши хизматрасонии пулакӣ соли 2021 нисбат ба соли 2015 мутаносибан 19,4; 38,32%; 2,21 маротиба ва НТМ 11,128% ва дар ВМКБ 2,30 маротиба зиёд шудаастАз тарафи дигар хизматрасониҳои маишӣ дар вилояти Суғд, Хатлон ва шаҳри Душанбе мутаносиба 16,18%, 32,19%, 13,88% зиёд шуда дар ВМКБ-6,09% ва НТМ -5,43% кам шудааст.




**Расми 2.2.-** Динамикаи тақсимоти ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ва маишӣ ба аҳолии минтақаҳои Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021

**Сарчашма:** дар асоси маълумотҳои: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -414с. ҳисоб карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳлил нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳо омӯзиши динамикаи тағйирёби миқдори ателеҳо, сеххо ва

коргоҳҳо и баррасии рушди хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ барои солҳои 2015-2021 мавқеи хоса дорад (ҷадвали 2.14.).

Таҳлили ҷадвали 2.14. нишон медиҳад, ки умуман баъди гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ бисёр корхонаҳои хизмати маишӣ мустақилона амал мекунанд. Инчунин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки шумораи корхонаҳое, ки ба таъмири пойафзол, 33,33% зиёд шуда, миқдори корхонаҳои тозакунии кимиёвӣ ва хизматрасонии рангкунӣ бе тағйир мондааст, дар дигар корхонаҳо суръати афзоиши он кам шудааст. Ин пеш аз ҳама аз сатҳи пасти моддию техникии корхонаҳо ва муносибати муштариён ба онҳо вобаста аст. Дар баробари ҳамин як қатор корхонаҳои хизмати маишӣ, хусусан дар деҳот аз кор монданд. Аммо таҳлил нишон медиҳад, ки дар деҳот хизматрасонии таъмири либос, пойафзол, тозакунии кимиёвӣ, нигоҳубин ва таъмир, хизмати суратгирӣ ва ғайра ғайриқаноатбахш ба роҳ монда шудааст.

**Ҷадвали 2.14. - Динамикаи тағйирёби миқдори ателеҳо, сеххо ва коргоҳҳо ва намуди хизматрасонии маишӣ ба аҳолии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021**

| Намуди хизматрасонии маишӣ | Миқдори ателеҳо, сеххо ва коргоҳҳои хизматрасонии маишӣ, адад | | | | | | | С.2021 ба с.2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Ҳамагӣ аз рӯйи намудҳо | 413 | 461 | 429 | 352 | 374 | 322 | 254 | 61,15 |
| Таъмир ва дӯхтани пойафзол | 12 | 11 | 7 | 32 | 20 | 20 | 16 | 133,33 |
| Таъмин ва духтани фардии либос, дӯхтан ва бофтани маводи трикотажӣ | 36 | 37 | 30 | 15 | 11 | 4 | 6 | 16,66 |
| Таъмир ва тайёр кардани маводҳои металлӣ | 21 | 20 | 17 | 20 | 14 | 11 | 7 | 33,33 |
| Таъмир ва тайёр кардани мебел | 6 | 10 | 6 | 11 | 3 | 3 | 3 | 50,0 |
| Тозакунии кимиёвӣ ва хизматрасонии рангкунӣ | - | 1 | 1 | - | - | - | 1 | 100,0 |
| Ҷомашӯӣ ва сохтмони манзилҳои истиқоматӣ | 63 | 63 | 67 | 91 | 78 | 71 | 56 | 88,88 |
| Хизмати суратгирӣ | 21 | 22 | 13 | 12 | 12 | 8 | 5 | 23,81 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Идомаи ҷадвали 2.14.* | | | | | | | |
| Хизматрасонии ҳамомҳо | 30 | 34 | 32 | 55 | 31 | 26 | 14 | 46,67 |
| Хизматрасонии сартарошон | 43 | 44 | 42 | 25 | 37 | 43 | 18 | 41,86 |
| Хизматрасонии нуқтаҳои иҷоравӣ | 44 | 90 | 90 | 40 | 73 | 49 | 19 | 43,18 |
| Дигар намуди хизматрасониҳо | 137 | 129 | 124 | 87 | 95 | 87 | 94 | 68,61 |

**Сарчашма:** дар асоси маълумотҳои оморӣ: Омори солонаи Тоҷикистон. -Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -414с. ҳисоб карда шудааст.

Ба фикри мо, инкишофи хизмати маишӣ бо афзоиши даромади пулии аҳолӣ ва қонеъ гардондани талабот ба ин хизматҳо, инчунин беҳтар намудани кори шуъбаи хизматрасонӣ ва ба тариқи оптималӣ идоракунии фаъолияти онҳо ва дастгири шарикию давлатию хусусӣ алоқаи зич дорад[48].

Бояд қайд намуд, ки сохтори имрӯзаи идоракунии бозори хизматрасонии маишӣ дар шароити муосир аз ҷиҳати иқтисодӣ начандон талаботи мардумро ба хизматрасонии хушсифати маишӣ қонеъ карда метавонад. Ғайр аз ин, чунин сохтори идоракунӣ нобаробарии мавҷударо дар рушди корхонаҳои соҳаи хизмати маишӣ бартараф карда наметавонад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки манфиати рушди бозори хизматрасонии маишӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониро ба аҳолӣ ба зиммаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сараёсати савдо ва бозори истеъмолӣ вогузорад. Дар хайати он мудирияти мутобиқгардогии соҳаи хизматрасонӣ ва ташкилотҳои тобеи вазорат ташкил карда шавад, ки дар он ба инкишофи бозори хизматрасонии маишӣ саҳми босубот гузорад (нигаред ба расми 2.3.).

Аз таҷрибаи сараёсати савдо ва бозори истеъмолии вазорати рушди иқтисодиёт ва савдо бар меояд ки сарраёсат воҳиди таркибии Дастгоҳи марказии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои таҳия ва амалӣ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи савдои

[48] Раджабов К.Р. Организационно-экономические аспекты развития частного сектора в сфере услуг рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан): дисс…канд. экон. наук: 08.00.05/ Комрон Раджабович Раджабов.-Душанбе, 2018.-173с.

дохилию хориҷӣ, танзими сиёсати тарифию гумрукӣ, ҳамкорӣ бо Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, танзими фаъолияти бозори истеъмолӣ ва рушди рақобат ва дигар масъалаҳои ба салоҳияташ вобаста масъул мебошад.

Ин сарраёсат дар соҳаи танзим ва рушди савдои хориҷӣ чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

- лоиҳаи қонунҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳоеро, ки тартиби қонунгузорӣ талаб мекунад, пешниҳод менамояд;




**Расми 2.3.**-Сохтори мақоми идоракунии бозори хизматрасонии маишӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (пешниҳоди муаллиф дар асоси манбаҳои [35,36])

- таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар бахши фаъолияти тиҷоратӣ ва танзими сиёсати тарифию гумрукӣ;
- таҳияи консепсияҳо, стратегияҳои кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат, барномаҳо ва дурнамои рушди савдои хориҷӣ, бозори истеъмоли ва танзими сиёсати тарифию гумрукӣ;
- дар ҳамоҳангсозии барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ оид ба рушди фаъолият дар бахши таҳлил ва омӯзиши бозори молӣ ва танзими сиёсати тарифию гумрукӣ иштирок менамояд;
- ҳамоҳангсозии ҷараёни ташкили системаи Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиётҳои содиротию воридотӣ ва транзитии молҳо;
- иштирок дар таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили нишондиҳандаҳо ва шаклҳои ҳисоботҳои оморӣ дар фаъолияти тиҷоратӣ вобаста ба омӯзиши бозори молӣ ва танзими сиёсати тарифию гумрукӣ ва иштирок дар амалӣ гардонидани стратегияҳои бехатарии иқтисодии мамлакат ва амнияти озуқаворӣ;
- иштирок дар масъалаҳои танзими низоми андозбандии (аксизии) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати воридот ва содироти молҳо ва иштирок дар ҳамоҳангсозии корҳо оид ба таъсиси нуқтаҳои тиҷоратии миёнамарзӣ ва бозорҳои наздисарҳадӣ;
- дар доираи ваколатҳои ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо вогузоршуда, додани иҷозат барои содирот, воридот ва интиқоли транзитии молҳои таъиноти дутарафаи таҳти назорати содиротӣ қарордошта;
- пешниҳоди хулоса ба субектҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ оид ба самаранокии иқтисодии қарорододҳо, шартномаҳо, созишномаҳо ва дигар санадҳои ба масъалаҳои иқтисодию тиҷоратӣ вобаста.

Таҳлили фаъолияти вазорати рушди иқтисод ва савдо нишон медиҳад, ки дар соҳаи сиёсати савдо ва хизматрасонӣ чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

- ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ ва танзими меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи савдо, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ, рушди туризм ва рақобат;
- гузаронидани таҳлили комплексии ҳолати савдо, дурнамои рушди бозори истеъмолӣ, омода намудани нишондиҳандаҳои асосии рушди савдо, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ, рушди туризм;
- ҳамкории мутақобила бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриявӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти якҷоя бо мақсади ташкилдиҳӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи савдо, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ, рушди туризм ва рақобат.
- оид ба ташкили системаи иттилоотӣ ва манбаъҳои маълумот оид ба масъалаҳои танзими савдои дохилӣ корҳоро анҷом дода, таъминоти методӣ ва иттилоотии соҳаро ташкил менамояд.

Ҳамин тариқ, дар навбати аввал, рушди соҳаи хизматрасонии маиширо ба самти конеъ гардонидани талаботи мавҷудаи пардохтпазирии аҳолӣ мутамарказ кардан мумкин аст; дуюм раванди идоракунии давлатӣ ва рушди корхонаҳои хизмати маишӣ самараноктар ташкил карда шавад. Дар ниҳояти кор ин боиси зиёд шудани вақти холии аҳолӣ ва баланд шудани дараҷаи некуаҳволии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлону шаҳрҳою ноҳияҳои он мегардад.

Дар рисола диққати асосӣ ба омӯзиши динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дода шудааст (ҷадвали 2.15.)

**Ҷадвали 2.15. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2021**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | с. 2021 нисбат ба соли 2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар | 3047,8 | 3124,4 | 3198,5 | 3274,9 | 3348,3 | 3425,0 | 3530,0 | 115,82 |
| Шумораи миёнаи солонаи машғулии дар иқтисодиёт, хазор нафар | 404,6 | 403,8 | 447,7 | 456,7 | 473,2 | 476,0 | 486,8 | 120,32 |
| Сатҳи бекорӣ, % | 5,8 | 5,2 | 4,5 | 3,5 | 3,2 | 3,2 | 3,1 | -2,7 банди фоизӣ |
| Хаҷми умумии махсулоти кишоварзӣ бо нархҳои мукоисавӣ, млн. сомонӣ | 123,19 | 129,09 | 138,39 | 140,04 | 155,05 | 169,85 | 185,19 | 150,32 |
| Бо хамаи намуди наклиёт мусофир кашонда шудааст, хаз. Нафар | 59,71 | 72,16 | 77,41 | 85,42 | 95,50 | 99,63 | 103,94 | 174,07 |
| Сармоягузорӣ, млн. сомони | 1503,8 | 2375,8 | 2185,1 | 2802,5 | 2623,1 | 2404,9 | 2693,49 | 179,11 |
| Хаҷми гардиши моли чакана дар хамаи соҳаҳои савдо, бо нархҳои амалӣ. млн. сомонӣ | 3336,3 | 3887,1 | 4607,7 | 4874,2 | 6628,7 | 6946,8 | 7279,32 | 2,18 маро-тиба |
| Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ, бо нарххои амалӣ, млн. сомонӣ | 1568,95 | 1565,41 | 1686,73 | 1836,80 | 2064,45 | 2070,54 | 2170,35 | 138,33 |
| Даромади буҷети давлатӣ, мдн. сомонӣ | 1239,35 | 1325,422 | 1467,92 | 1546,77 | 1720,44 | 1848,96 | 1987,08 | 160,33 |
| Хароҷоти буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ | 1200,75 | 1300,76 | 1446,70 | 1515,70 | 1687,30 | 1867,54 | 2066,44 | 172,09 |
| Шумораи муассисаҳои тиббӣ, адад | 151 | 149 | 151 | 154 | 156 | 161 | 175 | 115.89 |
| Шумораи мактабҳои олӣ, адад | 5 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 120.00 |
| Шумораи муассисаҳои миёнаи касбӣ ва коллеҷҳо, адад | 15 | 16 | 16 | 19 | 21 | 25 | 27 | 180.00 |

**Сарчашма:** дар асоси Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. -Бохтар, 2022. - 430с.ҳисоб карда шудааст

Аз ҷадвали 2.15. дида мешавад, ки дар тӯли солҳои 2015-2021 миқдори аҳолии вилоят ба 15,82, шумораи миёнаи солонаи машғули дар иқтисодиёт ба 20,32% афзуда сатҳи бекорӣ ба 2,7 банди фоизӣ кам шуд. Дар ин давра хаҷми умумии махсулоти кишоварзӣ, бо ҳамаи намуди нақлиёт кашонидани бор ва мусофир, сармоягузорӣ, ҳаҷми гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳҳои савдо, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ, даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, шумораи муассисаҳои тиббӣ, мактабхои олӣ муассисаҳои миёнаи касбӣ ва коллеҷҳо мутаносибан ба 50,32%, 74,07%, 79,11%, 2,18 маротиба, 38,33%, 60,33%, 72,09%,15,89%, 20,0% ва 80,0% зиёд шудааст. Ин нишондиҳандаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар маҷмӯ рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2021 дида мешавад.

Дар раванди таҳлил ҷойи асосӣ ба рушди хизматрасониҳои пулакӣ ва намудҳои он дар вилоят дода мешавад.

Дар ҷадвали 2.16. ва расми 2.4. динамикаи нишондиҳандаҳои асосии хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ аз рӯи намудҳо дар вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2021 оварда шудааст.




**Расми 2.4. -** Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ аз рӯи намудҳо дар вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2021 (ҳазор сомонӣ)

**Сарчашма:** дар асоси Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. - Бохтар, 2022. -430 с. ҳисоб карда шудааст.

**Ҷадвали 2.16. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ аз рӯи намудҳо дар вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2021** (ҳазор сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | С. 2021 нисбат ба с.2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ, ҳамагӣ | 1568,95 | 1565,41 | 1686,73 | 1836,80 | 2064,45 | 2070,54 | 2170,35 | 139,29 |
| Корхонаҳои ба кайд гирифташуда | 1268 | 2748 | 3454 | 4387 | 5133 | 4918 | 5021 | 3,95 маротиба |
| Аз ҷумла | | | | | | | | |
| Хизмати маишӣ | 999,35 | 1015,56 | 1061,46 | 1115,51 | 1270,80 | 1303,43 | 1394,68 | 139,56 |
| Хизмати наклиёти мусофиркашӣ | 113,64 | 103,41 | 94,90 | 1303,20 | 1201,01 | 797,21 | 855,93 | 75,31 |
| Хизмати алоқа | 3686,8 | 3343,7 | 3243,6 | 3251,7 | 6920,4 | 7482,1 | 8543,7 | 2,32 маротиба |
| Хизмати хоҷагии манзилӣ- коммуналӣ | 9956,3 | 10075,1 | 12722,4 | 15043,3 | 19873,6 | 17472,9 | 18964,5 | 190,48 |
| Хизмати фарҳанг | 687,9 | 701,2 | 680,8 | 687,8 | 783,5 | 1033,2 | 1322,4 | 192,24 |
| Хизмати саёҳӣ ва экскурсионӣ | 16,3 | 17,9 | 72,2 | 50,7 | 257,9 | 95,0 | 107,6 | 6,60 маро-тиба |
| Хизмати санаторию истироҳатӣ | 937,3 | 865,4 | 1347,2 | 1928,2 | 2254,7 | 1618,0 | 1891,4 | 2,02 маро-тиба |
| Хизмати нигоҳдории тандурустӣ | 77,55 | 84,85 | 111,43 | 121,26 | 99,64 | 116,39 | 126,74 | 163,43 |
| Нигохдории кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ | 164,57 | 182,99 | 209,13 | 241,46 | 288,77 | 304,97 | 319,87 | 194,37 |
| Хизмати ҳуқуқӣ ва бонкию аманатгузорӣ | 157,43 | 139,20 | 110,19 | 124,60 | 155,51 | 163,63 | 175,45 | 111,45 |
| Дигар хизматҳо | 43,803,5 | 24152,0 | 81518,5 | 82589,2 | 99571,4 | 74695,2 | 79862,9 | 182,32 |

**Сарчашма:** дар асоси Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. -Бохтар, 2022. -430 с. ҳисоб карда шудааст

Аз ҷадвали 2.16. ва расми 2.4. дида мешавад, ки дар тӯли солҳои 2015-2021 хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ ва миқдори корхонаҳои ба кайд гирифташуда мутаносибан ба 39,29% ва 3,95 маротиба дар вилоят афзудааст. Дар ин солҳо мутаносибан ҳаҷми хизмати маишӣ, алоқа, хоҷагии манзилӣ- коммуналӣ, фарҳанг, сайёҳӣ ва экскурсионӣ, санаторию истироҳатӣ, нигоҳдории тандурустӣ ва кӯдакон дар муасисаҳои томактабӣ, хизмати ҳуқуқӣ ва бонки аманатгузорию дигар хизматҳо мутаносибан 39,56% ва 2,32 маротиба,90,48%, 94,24%, 6,60 маротиба,2,02 маротиба, 63,432%, 94,37%,11,45 % афзудааст, хизматрасонии наклиёти мусофиркашӣ бошад ба 24,69% кам шуда, дигар хизматрасониҳо 82,32% зиёд шудааст.

Дар раванди таҳдил ҷойи асоси ба омӯзиши динамикаи ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба ахолӣ аз рӯи намудҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2021 додан зарур аст. Ин динамика дар ҷадвали 2.17. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.17. - Динамикаи ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ аз рӯи намудҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2021**

*(ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | С. 2020 нисбат ба2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ, хамагӣ | 1568,9 | 1565,4 | 1686,7 | 1836,8 | 2064,5 | 2071,0 | 2077,5 | 132,42 |
| ш. Бохтар | 190,25 | 165,48 | 193,72 | 215,10 | 259,58 | 239,47 | 261,70 | 137,56 |
| н.Кушониён | 105,68 | 106,67 | 112,56 | 116,42 | 136,16 | 131,86 | 137,22 | 129,84 |
| н. Вахш | 78,86 | 79,74 | 84,68 | 89,48 | 101,55 | 103,61 | 104,77 | 132,86 |
| н. Хуросон | 45,72 | 46,13 | 48,37 | 51,47 | 57,08 | 59,00 | 61,93 | 135,46 |
| н. Дустӣ | 45,76 | 46,86 | 48,95 | 51,89 | 58,21 | 59,07 | 60,89 | 133,21 |
| н. Қубодиён | 75,02 | 76,06 | 80,81 | 86,13 | 95,63 | 97,27 | 98,22 | 130,93 |
| н. Ҷ. Балхӣ | 84,05 | 85,73 | 93,49 | 98,73 | 110,67 | 112,11 | 114,21 | 135,88 |
| н. А. Ҷоми | 75,43 | 75,76 | 80,54 | 80,03 | 92,56 | 94,74 | 97,56 | 129,34 |
| н.Ҷайҳун | 54,05 | 54,95 | 58,55 | 68,53 | 77,72 | 78,40 | 79,96 | 147,93 |
| н. Панҷ | 47,27 | 47,77 | 51,51 | 54,72 | 61,08 | 65,07 | 68,93 | 145,82 |
| н. Шахритус | 55,49 | 56,18 | 60,49 | 66,63 | 75,23 | 75,37 | 78,51 | 141,48 |
| н. Ёвон | 112,21 | 114,07 | 117,49 | 126,62 | 142,54 | 149,60 | 152,37 | 135,79 |
| н.Н. Хусрав | 14,07 | 14,31 | 14,91 | 15,59 | 17,31 | 18,27 | 19,53 | 139,11 |
| ш. Левакан | 23,05 | 23,34 | 23,82 | 24,95 | 37,12 | 30,73 | 36,59 | 158,74 |
| ш. Кӯлоб | 118,32 | 121,08 | 140,52 | 178,16 | 170,02 | 164,83 | 177,52 | 150,03 |
| н. Муъминобод | 37,02 | 37,69 | 38,78 | 40,94 | 44,99 | 45,82 | 47,09 | 127,20 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Идомаи ҷадвали 2.17.* | | | | | | | | 
| н. Восеъ | 87,93 | 89,60 | 96,49 | 101,79 | 109,95 | 115,53 | 121,11 | 137,73 |
| н. Ҳамадонӣ | 60,54 | 63,27 | 66,44 | 72,04 | 80,94 | 81,42 | 83,92 | 138,62 |
| н. Фархор | 67,70 | 68,96 | 72,09 | 75,88 | 84,03 | 85,68 | 87,78 | 129,66 |
| н. Темурмалик | 27,69 | 28,06 | 29,35 | 31,18 | 34,84 | 35,72 | 37,62 | 135,86 |
| н. Данғара | 66,55 | 68,90 | 76,73 | 89,69 | 105,53 | 115,66 | 125,76 | 188,97 |
| н. Ховалинг | 24,35 | 24,48 | 25,67 | 27,04 | 30,31 | 30,76 | 31,58 | 129,69 |
| н. Ш. Шоҳин | 24,75 | 22,89 | 23,46 | 24,63 | 27,92 | 28,13 | 30,31 | 122,46 |
| н. Балҷувон | 11,54 | 11,85 | 12,58 | 13,21 | 14,69 | 15,12 | 16,27 | 140,98 |
| ш. Норак | 35,81 | 34,77 | 33,90 | 35,97 | 38,82 | 34,77 | 37,99 | 106,08 |

**Сарчашма:** дар асоси омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. - Бохтар, 2022. -430с.ҳисоб карда шудааст.

Аз ҷадвали 2.17. дида мешавад, ки дар ҳамаи ноҳияю шаҳрҳои вилоят динамикаи ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ аз рӯи намудҳо дар дар солҳои 2015-2021 ба ҳисоби миёна аз 6,08% (шаҳри Норак) то 88,97% (ноҳияи Данғара) зиёд шудааст. Аз ин маълумотҳо бар меояд, ки ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ аз рӯи намудҳо, аз он ҷумла хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон зиёд шудааст.

Натиҷаҳои таҳлили хусусиятҳои рушди бозори минтақавии хизматрасониҳои пулакию маишӣ дар вилояти Хатлони Тоҷикистон имконият дод, ки чунин хулоса барорем:

✓ дар сохтори ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ ҳиссаи хизматрасониҳои маишӣ ва тиббӣ, алоқа, маориф, хадамоти ҳуқуқӣ ва муассисаҳои бонкӣ зиёд шуда, коҳиши истеҳсолот аз ҳисоби воридот ҷуброн карда мешавад ва захираҳои мавҷуда оқилона истифода бурда мешавад;

✓ омили муҳими муайян кардани талабот ба хизматрасонӣ хусусияти бозории он буда, ҳиссаи бахши хусусӣ тақрибан 78,61% мебошад;

✓ айни замон дар бозори истеъмолии минтақавӣ мӯътадилшавӣ мушоҳида мешавад. Аммо бинобар мавҷудияти таваррум сатҳи зиндагии мардум паст аст ва Covid-2019 -ю дигар омилҳо ба вазъ ва рушди бозори истеъмолӣ таъсири хоса гузоштанд.

Дар рисола нисбати омӯзиши ҳолати мусори хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ пурсишнома оид ба хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ дар ноҳияҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Дар асоси натиҷаҳои пурсишнома омилҳои таъсиррасон ба ҳаҷми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (У- ҳаҷми хизматрасониҳои маишии расонидашуда ба аҳолӣ, ҳазор.сомонӣ) муайян карда шудаанд. Ба қатори омилҳои асосии таъсиррасон бо истифодаи усули пешниҳоднамуда[49] омилҳои зерин; $X_1$- даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ; $X_2$ – ҳароҷоти миёна ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ.; $X_3$ – андозаи миёнаи оила; $X_4$ – миқдори корхонаҳои хизмати маишӣ, адад, интихоб карда шудаанд. Ин омилҳо ҳангоми амсиласозии иқтисодию риёзии бисёромила дар зербоби 3.3 рисолаи мазкур истифода бурда шудаанд.

Натиҷаи пурсишнома оид ба хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ дар ноҳияҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замимаи 2 оварда шудааст.

Дар асоси натиҷаи назарсанҷӣ мо барои рушд ва такмил додани бозори минтақавии хизматрасонии пулакию маишӣ ба аҳолӣ дар асоси баҳодиҳии қонеъ кардани нарх, дастрасии ҳудудии ташкилотҳои хизматрасонӣ, қонеъ накардани сифату реҷаи кори ташкилоту корхонаҳои хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ тадбирҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1. Нақши институтҳои давлатӣ дар баланд бардоштани рушди ин соҳа дар асоси дастгирии молиявии мақсаднок баланд бардоштан зарур аст.

2. Масъалаҳои такмили механизми танзими давлатии бозори минтақавии хизматрасонии пулакӣ ва маишӣ бояд дар асоси муносибати маҷмӯии методологӣ ва интихоби стратегияи самаранок ва мақсадноки рушд ва бо назардошти маҳдудиятҳои гуногун ҳал карда шаванд.

3. Барои таъмини афзоиши босуръат ва аҳамияти хизматрасониҳои пулакӣ ва маишӣ ба ин сегменти бозори минтақавӣ ҷалби сармояи зиёди

---

[49] Раджабов Р.К. Региональные аспекты развития сферы платных услуг населению в условиях переходной экономики/Р.К.Раджабов. – Душанбе.: Ирфон, 2013. - 213с.; Раджабов Р.К., Ходжаев П.Д., Саидова М.Х. Исследование факторов, характеризующих уровень потребительского спроса на рынке платных услуг/ Р.К. Раджабов, М.Х. Саидова, П.Д. Ходжаев// Проблемы и перспективы развития потребительской кооперации в условиях глобализации. Материалы межд. науч. прак. конф. (г. Душанбе, 23-24 мая, 2012). - Душанбе: ТГУК, 2012. - С. 318 - 322.

мустақим ва хориҷӣ, дастгири шарикии давлатию бахши хусусӣ мувофиқи мақсад аст.

4. Таклифҳо дар бораи кам кардани нарху тарифҳои навъхои муҳимми хизматрасонӣ (хоҷагии маишӣ, тиббӣ, таълимӣ ва манзилию коммуналӣ, хизмати нақлиёти автомобилии мусофирбарӣ ва ғайра).

5. Банақшагирӣ ва гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ оид ба омӯзиши мунтазами бозори минтақавии хизматрасонии пулакӣ ва маишӣ ба аҳолӣ ва беҳтар намудани фаъолияти он.

6. Таҳияи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани сифати намудҳои нави хизматрасонии пулакӣ, инчунин такмил додани технологияи истеҳсол ва расонидани онҳо бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, инчунин рушди рақамикунонӣ.

7. Механизми ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти оморӣ оид ба вазъи бозори минтақавии хизматрасонии пулакӣ ва фаъолияти бахши хусусӣ такмил дода, ҳиссаи ин соҳа дар ташаккули ММД ва маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ муайян карда шавад.

8. Дар шароити Тоҷикистон ва субъектҳои ҳудудии он мо пешниҳод менамоем:

а) ташаккули механизми муосири танзими давлатии бозори минтақавии хизматрасонии пулакӣ ва бахши хусусӣ ва ҷузъҳои асосии саноатии он;

б) навсозии сохтори бозори минтақавии хизматрасонии пулакӣ ва бахши хусусӣ, такмили таҷҳизоти техникии сохторҳои соҳибкорӣ бо мақсади васеъ намудани доираи хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати он;

в) таҳия ва татбиқи барномаи тайёрӣ ва бозомӯзӣ барои бозори минтақавии хизматрасонии пулакӣ, маишӣ ва бахши хусусии соҳаи хизматрасонӣ;

г) такмили низоми молия бо назардошти қонеъ гардонидани талаботи корхонаҳои хусусӣ, бахусус корхонаҳои хурду миёна ба захираҳои молиявӣ,

беҳтар намудани фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ, таҳкими эътимод ба муассисаҳои бонкӣ, инчунин баланд бардоштани фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, ташкили бонкҳои муштарак дар Ҷумҳурӣ ва дигаргунсозии ҳудудии он;

д) ташаккули муҳити оқилонаи соҳибкорӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди бозори минтақавии хизматрасонии пулакӣ ва бахши хусусӣ, такмили таҷрибаи бақайдгирӣ, сертификатсиякунонӣ, иҷозатномадиҳӣ ва назорат, инчунин фаъол намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар бахшҳои гуногуни хизматрасонӣ;

е) фароҳам овардан ва татбиқи муҳити институтсионалии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки ба афзоиши сармоягузорӣ тавассути сармоягузории мустақими хусусӣ, давлатӣ ва хориҷӣ ба ҷузъҳои соҳавии бахши хизматрасонӣ, инчунин ҷалби ташкилотҳои мустақил барои экспертиза ва машварати лоиҳа иттиҳодияҳо ва фондҳои гуногун ва ғайра мусоидат мекунанд.

Дар маҷмӯъ татбиқи ин самтҳо барои беҳтар намудани бозори минтақавии хизматрасониҳои маишии пулакӣ ба баланд бардоштани сифати онҳо, ки ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад, такмили низоми идоракунӣ ва танзим кишвар дар ва субъектҳои ҳудудии он дар раванди амалисозии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 мусоидат менамояд.

## 2.3. Таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасонии маишӣ ва низоми танзими он

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёт дар тамоми ҷаҳони мутамаддин соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ҳангоми таъмини зиндагии мардум ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо нақши муҳим мебозад ва ба самти афзалиятнок табдил ёфтааст. Барои арзёбии аҳамияти иҷтимоии хизматрасонии маишӣ, аз маълумотҳо бар меояд, ки ҳиссаи онҳо

дар буҷети истеъмолии ИМА ба ҳисоби миёна 31%, дар Британияи Кабир - 37%, дар Шветсия - 41% ва дар Русия - тақрибан 13%-ро ташкил медиҳад[50] .

Корхонаҳои хизмати маишии кишварҳои соноатӣ дорои технологияи навтарини хизматрасонӣ мебошанд, инчунин мувофики натиҷагирии прогресси илму техника таҷҳизоти мавчударо мунтазам тағйир медиҳанд ва технологияи рақамиро мавриди истифода қарор медиҳанд. Арзиши хизматҳои расонидашаванда  аз технологияи интихобшуда вобаста аст ва тавассути рақобат танзим карда мешавад. Яке аз соҳаҳои фоидаовар ҳангоми хизматрасонии маишӣ дар ИМА ва Аврупо хизматрасонии хушккунакҳо, ҷомашӯӣ, инчунин толорҳои зебоӣ ва саломатӣ мебошад.

Дар ин раванд истифодаи франшиза яке аз роҳҳои маъмултарини рушди тиҷорати шабакавӣ мебошад. Дар бобати ба тартиб андохтани бозори хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ аз тарафи давлат як қатор воситаҳо истифода бурда мешаванд:

1. низоми қатъии назорат аз болои ихтисоси кадрҳо ва мунтазам такмил додани он;
2. додани иҷозатномаҳо барои анҷом додани баъзе намудҳои фаъолият ва назорати сари вақт барқарор кардани онҳо.

Дар раванди танзими фаъолияти муассисаҳои хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ иттиҳодияҳо ва иттиходияҳои соҳавӣ, ки манфиатҳои корхонаҳоро дар соҳа тарафдорӣ мекунанд, нақши калон мебозанд. Дар хориҷа дар соҳаи хизматрасонӣ ҳамон шаклхои хоҷагидорие амал мекунанд, ки  фаъолияти истеҳсолиашон ба моликияти хусусӣ асос ёфтааст.

Дар байни онҳо корхонаҳои хурду миёна бартарӣ доранд, ки аз ҷиҳати вақт ва ҷои хизматрасонӣ то ҳадди имкон ба истеъмолкунандаи инфиродӣ наздиканд, яъне дар масофаи дастраси пиёдагардӣ  ҷойгир шудааст. Чунин корхонаҳо қодиранд, ки шаклҳои нави хоҷагидориро фаъолонатар

[50] Шаинян Б.Р. Анализ зарубежного опыта развития бытового обслуживания// Российское предпринимательство, 2007, № 10 (2). -С.169-173; Маркетинг в отраслях и сферах деятельности: под редакцией проф. В.А. Алексунина. – М.: Маркетинг, 2001. – 516 с. – ISBN 5-94462-008-0.

инкишоф диҳанд. Ҳамин тариқ, тибқи омори Чин, беш аз 88%-и субъектҳои соҳаи хизматрасонии маишӣ ширкатҳои дорои шаклҳои соҳибкории инфиродӣ ва оилавӣ, 9% моликияти дастаҷамъӣ ва танҳо каме бештар аз 2% корхонаҳои давлатӣ мебошанд.

Чунин тамоюл дар ИМА идома дорад, ки вобаста ба намуди хизматрасонии маишӣ ҳиссаи моликияти шахсии оилавӣ аз 70 то 80% ташкилотҳои тамоми шаклҳои моликиятро ташкил медиҳад[51].

Ҳаминро ҳам қайд кардан лозим аст, ки дар ИМА омор ҳар гуна сохторҳоеро дарбар мегирад, ки дар ҳаҷми умумии фаъолияти онҳо хизмати маишӣ на камтар -50 фоизи корхонаҳои хизмати маиширо ташкил медиҳад. Онҳое, ки хизматрасонии шахсиро на танҳо дар корхонаҳои хурд ва биноҳои иҷора, балки худи корхонаҳои чаканафурушӣ, мехмонхонаҳо, наклиёти мусофиркашонӣ ва ғайра низ ба ҷо меоранд.

Аз таҷрибаи Россия бар меояд, ки вазорати саноат ва савдои Федератсияи Русия дар сохтори худ шуъбаи рушди савдои дохилӣ, саноати сабук ва бозори истеъмол фаъолияти мекунад, ки вазифаҳои асосии он доир ба мусоидат ба рушди соҳибкорӣ ва рақобат дар саноат, таҳияи пешниҳодҳо оид ба ташаккул ва татбиқи сиёсат ва танзим; гузаронидани таҳлил ва пешгӯӣ нишондиҳандаҳои асосӣ; афзалиятнокии самтҳои рушд дар саноат; таҳияи пешниҳод барои танзими техникӣ дар саноат, доштани сиёсати дахлдор ташкилотҳои корпоративиро иҷро мекунад. Инчунин вазифаҳои асосии танзими давлатӣ дар савдои дохилӣ, саноати сабук ва бозори истеъмолӣ ба дӯш дорад.

Дар ҳамин ҳол, бояд қайд кард, ки манфиатҳои ҷомеаи тиҷоратӣ дар соҳаи ҳаёти ҳаррӯзаи Россия аз ҷониби: Палатаи савдо ва саноати Федератсияи Россия, Кумитаи бозори истеъмолӣ, зеркумитаи «Хизматрасонии давлатӣ ба аҳолӣ», Палатаи ҳунарҳои Россия ба сомон расонида мешавад.

[51] http://beljournal.evolutio.info/ (санаи мурочиат 15.05.2022)

Палатаи ҳунарҳои Россия вазифаҳои худро мустақилона ё тавассути ҳунармандӣ иҷро мекунад палатаҳое, ки дар ҳудуди субъектҳои Федератсияи Россия фаъолият мекунанд, инчунин тавассути тобеият, корхонаю муассисҳои он амалӣ менамояд.

Бояд қайд намуд, ки аввалин палатаҳои ҳунарӣ дар Россия соли 1995 таъсис ёфтаанд[52]. Ба пайдоиши палатаҳои ҳунарӣ дар Россия таҷрибаи таҳияи истеъмолкунанда мусоидат кард бозор дар мамлакатхои хоричии иктисоди бозаргонӣ, зеро маҳз дар он ҷо дурнамой гузариш ба низоми баъдииндустриалӣ бо васеъ намудани бахши корхонаҳои ҳунармандӣ мушоҳида мешуданд[53].

Таҳлили мукоисавии фаъолияти корхонаҳо дар соҳаи хизматрасонии маишӣ, омухтани шаклҳои хоҷагидориро дар мамлакатҳои хориҷӣ тақозо менамояд. Асосӣ шакли идоракунии иқтисодиёт дар мамлакатҳои хориҷӣ ташкили истеҳсолот дар асоси истифодаи моликияти хусусӣ ташкил медиҳад. Дар ин раванд ҷойи асосиро корхонаҳои хурду миёна ишғол мекунанд.

Мувофиқи маълумотҳои омории Хитой онҳое, ки дар соҳаи хизматрасонии маишӣ кор мекунанд, бештар аз 88% субъектҳо корхонаҳои дорои тиҷорати инфиродӣ ва оилавӣ мебошанд; 9,0 фоиз - объектҳои моликияти коллективӣ ва зиёда аз 2,0 фоиз - корхонаҳои дорой моликияти давлатӣ мебошанд.

Дар ШМА низ тамоюле мавҷуд аст, ки он вобаста ба намуди хизматрасонии маишӣ ҳиссаи молу мулки шахсии оила аз 70 то 80 %-ро ташкил медиҳад.

Хусусияти асосии ин ниҳод дар Тоҷикистон дар он аст, ки умуман сохтор, ҳиссаи корхонаҳои хусусӣ зиёда аз 10,0 фоизро ташкил медиҳад.

---

[52] Ремесленная палата России. Все о РПР. – URL: http://www. rpalata. ru/vse_o_rpr (рӯзи муроҷиат: 02. 06. 2022).

[53] Бытовое обслуживание населения: современное состояние, проблемы и перспективы / Национальный проект «БЫТ» Российское объединение работодателей сферы бытового 2017. № 1. «РОСБЫТСОЮЗ». – М. : Издание ОО «Принтсервис», 2009. – 106 с

Хусусияти муҳимми соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ қобилияти ҳалли масоили бекорӣ ва бо кор таъмин кардан мебошад. Корхонаҳои соҳаи хизмати маишӣ имконият доранд одамоне, ки тамоми руз имконияти кор кардан надоранд, яъне категорияи ахолӣ (занон, нафақахурон ва маъюбон), ки барои онҳо осон нест дар шароити бозор кор пайдо кунанд ба кор фаро гиранд. Ин самт дар шароити Точикистон афзалиятнок дониста мешавад. Аз тарафи дигар, барои ҳалли масоили таъминот, рушди иқтисодиёт ҳунармандиро ба роҳ мондан зарур аст.

Таҷрибаи хориҷии Франсия оид ба фаъолияти хунармандиро омухта, маълум намудем, ки усто шахсе мебошад, ки кори муайяншударо аз ҳисоби худ иҷро мекунад, инчунин роҳбари корхонаи худ буда дар кори корхона иштирок мекунад.  Инчунин он дорои тахассуси касбӣ буда, фаъолияташро танҳо ҳамроҳи аъзоёни оилааш, инчунин бо даъвати донишҷуён ва на бештар аз панҷ ҳамсафар амалӣ мегардонанд. Дар баъзе ҳолатҳо, иҷозати фаъолият танҳо муваққатӣ ва ба тариқи холатҳои истисноӣ ба роҳ монда мешавад. Инчунин дар департаментҳои Фаронса палатаҳои ҳунарӣ ташкил карда шудаанд, ки вазифаҳои зеринро, аз ҷумла ба қайд гирифтан ва додани диплом ҳунарманд; омӯзиш ва такмили ихтисос барои менеҷерони тиҷорат, коргарони кироя; бо маблағҳои мавҷуда дастгирӣ кардани бахши ҳунармандӣ ва бозорҳо; ташаккули касбии ташкилотҳо ва дастгирии фаъолияти онҳо; таҳқиқот ва ҳалли масоили иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва техникии ҳунармандонро иҷро мекунанд.

Дар Иёлоти Муттаҳида системаи идоракунии тиҷорати хурд мавҷуд аст, ки муносибати байни фармоишгарон ва пудратчиёну алоқаи онҳоро танзим мекунад, инчунин шартномаҳои намунав баста мешаванд.

Дар Олмон ҳунарманд шахс ё гурӯҳи одамонест, ки бо се нафар фаъолият мекунанд. Дар Олмон бақайдгирии ҳатмӣ дар Палатаи ҳунармандон ва федератсияи касбии савдо, доштани шаходатнома оид ба маҳорати касбӣ зарур аст.

Мувофиқи маълумот дар Олмон зиёда аз шаст палатаҳои ҳунарӣ принсипи ҷуғрофӣ таъсис дода шудаанд, ки назорати қонуниро амалӣ мекунанд, инчунин фаъолияти федератсияҳои касабавӣ ва пешбурди реестри корхонаҳои ҳунармандӣ, гузаронидани озмунҳо ва имтиҳонҳоро ҳангоми ҳалли масъалаҳои умумии иқтисодӣ, машваратҳои технологӣ пешниҳод мекунанд ва дар ҳалли масъалаҳои муҳофизат муҳити зист; дастгирии иттилоотӣ бо ҷалби воситаҳои ахбори омма, радио, телевизион; схемаҳои ба мақсад мувофиқ ҷойгир кардани ҳунармандонро дар ноҳияҳо, банақшагирии сохтмон, боркашонӣ ва ғайра, иҷро кардани фаъолияти иқтисодии байналмилалию хизматрасониҳои гумрукӣ, таълими касбӣ ва таҳияи барномаҳои таълимиро ба роҳ мемонанд.

Бояд гуфт, ки дар Италия ба категорияи хизматрасониҳо дар соҳаи хизмати маишӣ тиҷорате, ки бо санъат ё анъанавӣ сарукор доранд ва дар онҳо шумораи коргарон маҳдуд набуда аз ҳама муҳимаш он аст ки онҳо бояд на бештар аз 10 нафар талаба дошта бошанд. Инчунин корхонаҳои истеҳсолӣ, ки дар онхо 100 нафар коргарон ва 5 нафар донишҷуён меҳнат мекунанд дохил мешаванд. Аз тарафи дигар дар асоси омӯзиши таҷрибаи мавҷуда мо маълум намудем, ки бояд хусусиятҳои рушди фаъолияти ҳунармандӣ дар кишварҳои хориҷиро дида бароем, ки натиҷаи он дар ҷадвали 2.18. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.18. - Хусусиятҳои рушди фаъолияти ҳунармандӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ дар мамлакатҳои ҷаҳон**

| Давлатҳо | Хусусиятҳои махсуси фаъолияти ҳунармандӣ | Тамоюлҳои умумии рушди фаъолияти хунармандӣ |
|---|---|---|
| Фаронса | Соҳаи хизматрасонӣ 71,1% маҷмӯи маҳсулоти дохилиро истеҳсол мекунад, бо кор таъминшуда 62%-и аҳолиро ташкил медиҳад. Ҳиссаи корхонахои хунармандӣ 40%-ро ташкил медиҳад. Ба сифати соҳаҳои асосии ҳунармандӣ инҳо ҷудо карда мешаванд: 33% - корҳои сохтмону ҷамъиятӣ (коммуналӣ), истеҳсол ва таъмири мебел; 15% - маҳсулоти хӯрокворӣ; 7,8% - хизматрасонии сартарошхона ва косметикӣ; 5% - дӯзандагӣ; 14% - таъмир (автомобилҳо, велосипедҳо, асбобҳои рӯзгор, соатҳо ва ғайра) | 1. Субъекти фаъолияти ҳунармандӣ номаҳдуд аст, ба истиснои: тиб; фаъолияти фрилансерҳо.<br>2. Ба соҳа корхонаҳои хурд ва миёнаи тиҷоратӣ ва косибон дохил мешаванд<br>3. Дар дохили баъзе минтақаҳо (шаҳр, вилоят, вилоят) фаъолияти ҳунармандӣ маҳдуд аст |
| Италия | Корхонаҳои ҳунармандӣ 33% шумораи умумии ҳамаи корхонаҳоро ташкил медиҳанд, ки 21%-и аҳолиро бо кор таъмин менамоянд ва 11%-и ММД-ро ташкил менамояд. Корхонаи ҳунармандӣ корхонаи хусусӣ буда дар он на бештар аз 20 нафар кор мекунанд. Соҳаҳои ҳунармандӣ иборатанд аз: ҳунарҳои бадеӣ ё анъанавӣ (аз ҷумла дӯзандагии фармоишӣ) | 4.Корхонаи ҳунармандӣ корхонаи хусусӣ буда соҳаҳои ҳунармандӣ ҳунарҳои бадеӣ ва анъанавӣ (аз ҷумла дӯзандагии фармоишӣ) ҳунармандӣ эҷодӣ иборат аст.<br>5. Талабот ба ҳунарманд: ба ҳунарманд диплом дода мешавад, палати ҳунарҳо риояи коидаҳо ба реестр ворид шудан ва иштирокро дар фаъолияти ҳунарӣ назорат мекунад. |
| Олмон | Дар Олмон соҳаи ҳунармандӣ тақрибан 10% ММД-ро ташкил медиҳад. Ба корхонахои хурди хунармандӣ корхонахоер дохиланд, ки то 9 нафар коргарон доранд. Фаъолиятҳои ҳунармандӣ иборатанд аз: хизматрасонӣ оид ба таъмири гуногун, дӯзандагӣ, сартарошӣ, истеҳсоли молҳои боҳашамат,<br>маснуоти бадеӣ ва мукаммали китобхонӣ | |
| Британияи Кабир | Корхонаҳои хунарманди тамоми хизмати маиширо ба ҷо меоранд ва шумораи коркунон махдуд карда нашудааст. Самтҳои асосӣ инҳоянд: хизматрасонӣ оид ба таъмири гуногун (механикҳо, челонгарон), ҷомашуйҳо, химчисткаҳо ва ғайра. | 6. Фаъолияти ҳунармандӣ дар асоси механизми худидоракунии танзим, зери сарпарастии хукумат ин вилоят ба роҳ монда мешавад.<br>7. Ҳунармандоне ҳастанд, ки ба категорияи имтиёзнок ҳам дар сатҳи федералӣ ва ҳам маҳаллӣ дохиланд. |
| Лахистон | Ҳунар як фаъолияти касбӣ бо иштироки мутахассисони сохибихтисос - косибон, ки то 50 нафар коргарон доранд ташкил карда шудааст | |
| Дания | Ба корхонаҳои хурди ҳунармандӣ корхонахое, ки то 50 нафар коргарон доранд дохил мешаванд | |

| | | *Идомаи ҷадвали 2.18.* |
|---|---|---|
| ИМА | Соҳаи ҳунармандӣ ба корхонаҳои хурд (то 500 нафар коргар) мансуб буда, ҳамчун звенои ёрирасони зарурии ширкатҳои калон, ки намудхои махсуси махсулотро истеҳсол мекукнанд (ба категорияи корхонаҳои хурди истеҳсоли мансуб аст) ба хисоб меравад. Ба соҳаҳои асосии фаъолияти ҳунармандӣ дохил мешаванд: хоҷагии шаҳр; хизматрасонии таъмир; савдо, истеҳсолоти хурд (аз ҷумла беназир ва ашёи боҳашамат, маҳсулоти санъат | 8.Дар мамлакатҳои Аврупо бо афзоиши шумораи одамоне, ки дар сохаи таъмир кор мекунанд диққати махсус медиҳанд. Инчунин дар раванди натиҷагирии фаъолияти корхонаҳои хурд бо назардошти хизматрасонӣ ҳангоми истеҳсол ва таъмини рақобат бо ширкатҳои калон дастгирӣ меёбанд. |

**Сарчашма:** муаллиф дар асоси манбаҳои [193,127,17,207] тартиб додааст

Аз ҷадвали 2.18. бар меояд, ки таҷрибаи ташкил ва инкишоф додани палатаҳои ҳунармандӣ дар Тоҷикистон аз механизми хориҷӣ фарқияти ҷиддӣ ва асосӣ дорад. Ин пеш аз ҳама набудани механизмҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти ҳунармандӣ мебошад, яъне[54]:

1) Ҷорӣ намудани консепсияи ҷаҳонии фаъолияти ҳунармандӣ амалӣ карда нашудааст, ки ба ҳунармандон  имкон намедиҳад, дар ҳаракати хунармандии умумиаврупоӣ, ки дар Иттиҳоди Аврупо вуҷуд дорад ва инчунин ба меъёрҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) мувофиқат намекунад;

2) Қонун «Дар бораи фаъолияти ҳунармандӣ ва иттиҳодияҳои ҳунармандӣ дар Тоҷикистон» қабул карда нашудааст. Имрӯз фақат дар бораи марҳалаи лоиҳаи ин  қонун сухан рондан мумкин аст. Инчунин ягон ҳуҷҷати дар боло зикршуда эътибори пурраи ҳуқуқӣ надорад;

3) Дар Тоҷикистон ягон санади қонунгузорие, ки дар асоси он танзими сохтори ҳунармандӣ, ки иштирокро дар фаъолияти он ба ҳунармандон

[54] Саломова У.Т. Развитие рынка бытового обслуживания населения в условиях переходной экономики (на материалах Республики Таджикистан): автореферат дисс…канд. экон. наук: 08.00.05/Умия Туйчиевна Саломова.-Душанбе, 2017.-24с.; Бытовое обслуживание населения: современное состояние, проблемы и перспективы / Национальный проект «БЫТ» Российское объединение работодателей сферы бытового 2017. № 1. «РОСБЫТСОЮЗ». – М.: Издание ОО «Принтсервис», 2009. – 106 с.; Gavrilov D. E. Institutionally-economic bases of development of workmanship in Russia / D. E. Gavrilov, A. G. Mokronosov // Вопросы управления. – 2011. – № 3. – URL: http://vestnik. uapa. ru/en/issue/2011/03/9/ (рӯзи муроҷиат: 11. 03. 2022).

ҳуқуқ медиҳад, ки мустақилона касби худро ташаккул диҳанд, инчунин қоидаҳо, низомномаҳо, стандартхои таълимию тарбиявӣ, фишангҳои идоракунии касбии фаъолияти ҳунармандӣ ва ғайра вуҷуд надоранд.

Дар баробари ин, чунон ки таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, набудани механизмҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи худтанзимкунии фаъолияти ҳунармандӣ боиси номуташаккилӣ дар ташаккули фаъолияти ояндаи он дар бозори истеъмолӣ мегардад.

Имрӯз масъалаи худтанзимкунии фаъолияти ҳунармандӣ дар иртибот ба ислоҳоти маъмурӣ, аз ҷумла бо амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи принсипҳои умумии ташкили худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон» масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ, салоҳиятҳои танзими бозори истеъмолӣ вобаста ба ташкил, таъмин, иштирок, ташаккул, соҳибияти моликияти коммуналӣ ба даст оварда мешаванд. инчунин ба нақша гирифтани шабакаи корхонаҳои хунармандӣ бо бекор кардани литсензия ва аттестатсия барои онҳо зарур аст.

Аз тарафи дигар дар доираи қонун танҳо бидуни тавзеҳоти дахлдор барои ба сокинон хизматрасонии бозори истеъмолӣ шароит фароҳам овардан лозим аст. Инчунин оид ба масъалаҳои иҷозатномадиҳӣ ва бекор кардани сертификатсияи фаъолияти ҳунармандиро қайд намудан зарур аст, ки баъзе намудҳои он барои истеҳсоли маҳсулот, хизматрасонӣ метавонад эҳтимолан хатарнок ва боиси зарар ба истеъмолкунандагон бошанд. Барои пешгирии чунин ҳолатҳо, онҳо бояд шакли худтанзимкунии касбӣ, истифода, ки эҳтимол дар доираи фаъолияти палатаҳои ҳунармандӣ дар асоси Қонуни Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои худтанзимкунӣ» ба роҳ монда шавад.

Бо вуҷуди ин, дар дар амал, ин ҳамчун як қисми вазифаҳои идоракунии касбӣ кор намекунад. Фаъолияти ҳунармандӣ воқеан дар тобеияти давлат боқӣ монда, коҳиш меёбад ва асосан ба танзими ҳуқуқии ин фаъолият бидуни таъсиси сохтори мувофиқ зарур аст.

Ҳамин тариқ, дар айни замон дар низоми мақомоти давлатӣ, ки вазифаҳои идоракуниро иҷро намуда манфиатҳои ҷомеаи соҳибкоронро дар соҳаи ҳаёти ҳаррӯза ифода мекунанд, дар соҳаи таҳким ва иҷрои салоҳиятҳои касбии онҳо тақсими дақиқтар лозим аст.

Дар ин раванд тасдиқи санадҳои меъёрии дахлдор, ки имкон медиҳад мақоми ташкилотҳои худтанзимкуниро баланд намуда барои ҳалли масъалаи ташаккул ва рушди зерсохтори муосир дар бозори истеъмолӣ фаъолияти ҳунармандӣ, аз ҷумла соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ шароити зарурӣ муҳайё карда шавад.

Дар хориҷа дар соҳаи хизматрасонӣ бештар шаклҳои хоҷагидорӣ, ки фаъолияти истеҳсолии онҳо ба моликияти хусусӣ асос ёфтааст, бештар паҳн шудаанд. Дар байни онҳо корхонаҳои хурду миёна бартарӣ доранд. Ҳамин тариқ, тибқи омори Чин, беш аз 88,0 фоизи субъектҳои соҳаи хизматрасонии маишӣ корхонаҳои дорои шакли соҳибкории инфиродӣ ва оилавӣ, 9% объектҳои моликияти коллективӣ ва танҳо каме бештар аз 2% корхонаҳои дорои моликияти давлатӣ мебошанд[55].

Дар ШМА ҳамин тамоюл давом дорад, ки дар он ҷо вобаста ба намуди хизмати маишӣ ҳиссаи моликияти шахсии оилавӣ аз 70 то 80%-и корхонаҳои ҳамаи шаклҳои моликиятро ташкил медиҳад[56]. Ҷиҳати муҳими соҳаи хизматрасонии маишӣ дар он аст, ки вай барои бештар сабук кардани масоили бекорӣ ва умуман бо кор таъмин намудани аҳолӣ мебошад. Ба ин гуна корхонаҳо занон, нафақахурон, маъюбон, шахсоне, ки қобилияти кори пурра надоранд, яъне он категорияхои аҳолие, ки дар шароити бозор кор ёфтан душвор аст, кор карда метавонанд.

Аз тарафи дигар мушкилоти таъмини устувории истеҳсолот ва имконнопазирии ҳамоҳангсозии талабот ва пешниҳод дар доираи аз ҷиҳати

[55] Gavrilov D. E. Institutionally-economic bases of development of workmanship in Russia / D. E. Gavrilov, A. G. Mokronosov // Вопросы управления. – 2011. – № 3. – URL: http://vestnik. uapa. ru/en/issue/2011/03/9/ (рӯзи мурољиат: 13. 04. 2022).

[56] Gavrilov D. E. Institutionally-economic bases of development of workmanship in Russia / D. E. Gavrilov, A. G. Mokronosov // Вопросы управления. – 2011. – № 3. – URL: http://vestnik. uapa. ru/en/issue/2011/03/9/ (рӯзи муроҷиат: 10. 05. 2022).

иқтисодӣ қобили қабули самаранокӣ дар Ҷумҳурии Беларус хело хуб ҳал карда шудааст. Дар ин соҳа ба ҷустуҷӯи шаклҳои нави ташкили кор диққати махсус дода мешавад, аз ҷумла шаклҳои муосирро ба монанди шабакаҳои занҷирӣ, франчайзинг ва холдингҳо истифода бурда мешаванд ва нисбати рушди ҳунармандӣ ва ҳалли масоили он роҳҳои нав ҷустуҷу карда мешаад.

Боиси тазаккур аст, ки дар Фаронса хунарманд шахсе мебошад, ки аз ҳисоби маблағи худ кори муайянеро анҷом медиҳад, корхонаи худро идора мекунад ва одатан дар кори он шахсан иштирок мекунад. Усто дорои тахассуси касбӣ (диплом ё таҷриба, ки бо шаҳодатномаи Палатаи ҳунарҳо тасдиқ карда мешавад), танҳо бо аъзоёни оилааш (ба маънои васеътарини калима), бо шогирдонаш ва зиёда аз панҷ ҳамсафар кор мекунад. Дар баъзе мавридҳо танҳо муваққатӣ ё бо сабаби ҳолатҳои истисноӣ иҷозат дода мешавад.

Дар Фаронса палатаҳои хунармандӣ ташкил карда шудаанд. Вазифаҳои палатаҳои ҳунармандӣ аз пешбурди феҳрист ва додани дипломи ҳунарманд; ташкили таълим ва таълими касбии рохбарони корхонаҳо ва коргарони кироя; мусоидат намудан бо маблағҳои мавҷуда ба тавсеаи бахши ҳунармандӣ ва бозорҳо; ташкили ташкилотҳои касбии ёрии ҳамдигарӣ ва дастгирии фаъолияти онҳо; омухтан ва ҳал кардани масоили техникию иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳунармандон ва ғайра иборат аст.

Дар ИМА мафҳуми истеҳсоли ҳунарҳои дастӣ бо консепсияи тиҷорати хурд тақрибан якхела аст. Маъмурияти тиҷорати хурд вуҷуд дорад, ки муносибатҳои байни муштариён ва пудратчиёнро танзим мекунад ва шартномаҳои намунавӣ таҳия мекунад.

Дар Олмон ҳунарманд шахсе (гурӯҳи шахсон) аст, ки бояд ба се талабот ҷавобгӯ бошад: дар Палатаи ҳунарҳои мардумӣ ба қайд гирифта шавад; ба яке аз 124 федератсияҳои касбии ҳунар ё фаъолият тааллуқ дошта, истеҳсолкунандагонро, ки аз рӯи мақоми худ ҳунарманд мебошанд, муттаҳид мекунанд; шаходатномаи тасдиккунандаи маҳорати касбӣ дошта бошанд.

Зиёда аз 60 палатаи ҳунармандӣ дар Олмон ба принсипҳои ҷуғрофӣ асос ёфтааст. Онҳо аз болои фаъолияти федератсияҳои касабавӣ дар ҳудуди худ назорати ҳуқуқӣ ба амал мебароранд. Вазифаҳои палатаҳои ҳунармандӣ пешбурди феҳристи савдои корхонаҳои ҳунариро истисно мекунанд; ташаккули қоидаҳои муборизаи рақобатӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ; гузаронидани экспертиза (сертификатсия, иҷозатномадиҳӣ ва ғ.); ҳалли масъалаҳои умумии иқтисодӣ, гузарондани машваратҳои технологӣ; иштирок дар ҳалли масъалаҳои ҳифзи муҳити зист; таъмини иттилоотӣ бо ҷалби матбуот, радио, телевизион; тартиб додани схемаҳои оқилона тақсим кардани устоҳо аз руи минтақаҳо, ба нақша гирифтани сохтмон, кашондани бор ва ғайра; фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва гумрукӣ; касбомузӣ ва тартиб додани барномаи таълимӣ иборат аст.

Дар Италия мафҳуми истеҳсолоти ҳунармандӣ бо мафҳуми истеҳсолоти хурди саноатӣ мувофиқ меояд. Ба ин категория корхонаҳое, ки ба ҳунарҳои бадей ё мардумӣ (аз ҷумла дӯзандагии инфиродӣ) машғуланд, бе маҳдудияти шумораи коргарон, вале на бештар аз 10 шогирд доранд; корхонаҳое, ки истеҳсоли сериявӣ надоранд, меҳнати на бештар аз 100 нафар коргарон (аз ҷумла аъзоёни оилаҳои онҳо) ва на бештар аз 5 нафар донишҷӯёнро истифода мебаранд. Ба устои итолиёвӣ низоми хеле мусоиди андозбандӣ дода мешавад.

Дар давлатҳои ИДМ таҷрибаи Белорус боиси омӯзиш аст. Дар ин раванд баррасии вазифаҳои асосии Палатаи ҳунарҳои Ҷумҳурии Беларус зарур аст. Ин Палата вазифаҳои зеринро: пешбурди феҳристи ҳунарҳоро; баҳисобгирии субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ ва ташкилотҳои худидоракунии ҳунарманд, ки тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳоро аз рӯи ихтисосҳои ҳунармандӣ таъмин менамояд; ташкили низоми тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо аз рӯи ихтисосҳои ҳунармандӣ, аттестатсияи ҳунармандон; иштирок дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои фаъолияти ҳунармандӣ; таҳия ва қабули тавсияҳо, қоидаҳо, технологияҳо, дастурҳои методӣ ва дастурӣ, ки ба беҳтар

ва баланд бардоштани сифати фаъолияти ҳунармандӣ нигаронида шудаанд; таъмини субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ, иттиҳодияҳои ҳунармандӣ ва ҳунармандон бо ҳуҷҷатҳои зарурии меъёрию техникӣ; пешниҳод намудани таклифҳо оид ба додани имтиёзҳо ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ; иштирок дар аттестатсияи намудхои фаъолияти хунарманди; амалӣ намудани назорат бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон аз болои сифат ва бехатарии корҳо, хизматрасонӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ, риояи онҳо ба стандартҳо, шартҳои техникӣ, меъёрҳо ва қоидаҳо; амалӣ намудани робитаҳои байналмилалӣ ва бастани созишномаҳо оид ба масъалаҳои фаъолияти Палатаи ҳунарҳо; намояндагии манфиатҳои субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дар мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо; намояндагии манфиатҳои субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дар созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Беларус, иттифоқи касабаи соҳавӣ ва Палатаи ҳунармандӣ; мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Беларус дигар вазифаҳоеро, ки оинномаи он пешбинӣ кардааст, иҷро менамояд.

Дар маҷмӯ хусусиятҳои зерини инкишофи хизмати маиширо дар хориҷа аз ҷиҳати ҷойгир намудани корхонаҳои хизмати маиширо дар ҳудуди масофаи дастраси пиёдагардӣ қайд кардан бамаврид аст.

1. Корхонаҳои хизмати маишӣ шакли оммавӣ ва дар ҳама ҷо будаи ташкилотҳое мебошанд, ки хизмати маишӣ мерасонанд. Дар маҷмӯъ, онҳо аз корхонаҳо хуроки умумӣ, нигаҳдории тандурустӣ, истироҳат ва фароғат (аз ҷумла кинотеатрҳо) иборатанд.

Ҳаҷми хурд ва технологияи нисбатан оддии хизмати маишӣ пеш аз ҳама ба зарурати аз ҷиҳати вақт ва ҷои хизматрасонӣ ҳарчи бештар ба истеъмолкунандаи алоҳида наздик кардани истеҳсоли хизматрасонӣ вобаста аст. Корхонаҳои хизматрасонии маишӣ муштариёни эҳтимолиро дар ҳама ҷо пайравӣ мекунанд, аз ҷумла дар маҳаллаҳои истиқоматӣ, марказҳои савдо, маркази шаҳрҳо, меҳмонхонаҳо, беморхонаҳо, қад-қади шоҳроҳҳо, дар чорабиниҳои варзишӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ.

2. Ҳаҷми зиёди хизматрасониро оид ба таъмири асбобҳои рӯзғор, радио ва таҷҳизоти электрикӣ, мағозаҳои махсусӣ фурӯши таҷҳизотро дар бар мегиранд. Масалан, дар ИМА аз се ду ҳиссаи мағозаҳои чакана ба мизоҷони худ хизмати аксбардорӣ пешниҳод мекунанд. Инҳо корхонаҳои кооперативӣ мебошанд, ки доираи онҳо на танҳо муассисаҳои савдо ва хуроки умумӣ, балки хизмати маиширо низ дарбар мегирад. Ин корхонаҳо яке аз шаклҳои прогрессивии ташкили хизматрасонии маиширо дар масофаи дастраси пиёдагардӣ пешниҳод мекунанд.

Тақсимоти ин шакли ташкили хизматрасонии маиширо дар сегментҳои «Таъмири пойафзол» ва «Таъмири либос», «Таъмири соатҳо» (барои соатҳои қиматбаҳо, хизматрасонии кафолатӣ ва пас аз кафолат анҷом дода мешавад) низ мушоҳида кардан мумкин аст. Инчунин дар мағозаҳои ширкатӣ низ хизматрасонии маишӣ иҷро карда мешавад.

Яке аз соҳаҳои сердаромадтарин дар соҳаи хизматрасонии маишӣ дар ИМА ва Аврупо бозори тозакунии хушкшӯйи, ҷомашӯйӣ ва хизматрасонии тандурустӣ ва зебоӣ ба ҳисоб меравад.

3. Аз ҷиҳати самаранокии иқтисодӣ умедбахштарин амсилаи бизнеси шабакавӣ мебошад, ки он якҷояшавии якчанд (ё шумораи зиёди) корхонаҳо дар як ширкат барои кам кардани хароҷот, стандартикунонии равандҳои тиҷорат ва иҷро намудани  вазифаҳои умумӣ (масалан, маркетинг ва харид) ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи хориҷи дар бисьёр соҳаҳои хизматрасонии маишӣ бомуваффақият кор кардани инро тасдиқ мекунад. Масалан, дар ИМА ва Аврупои Ғарбӣ амсилаҳои бизнеси шабакавӣ дар бахшҳо ба монанди ҷомашӯйӣ ва хушктозакунӣ, фитнесс, сартарошхонаҳо ва толорҳои зебоӣ, хизматрасонии тозакунӣ, ломбардҳо муаррифӣ шудаанд.

4. Корхонаҳои хизмати маишӣ чун қоида ба майдони маҳдуд хизмат мерасонанд (масалан, майдони хизматрасонии ҷомашуйи ё нуқтаи  қабули кимиёвӣ бо қарори иттиҳодияи саноатӣ ба радиуси 2 километр маҳдуд карда мешавад). Мизоҷони онҳо 80-90% аз муштариёни доимӣ иборат аст, ки барояшон суратҳисобҳо кушода шудааст.

5. Корхонаҳои хизмати маишӣ, ки дар ҷойҳои ҳаракати оммавии харидорони эҳтимолӣ (дар қад-қади роҳҳои автомобилгард, дар минтақаҳои пиёдагардон) воқеъ гардидаанд, чун қоида қитъаҳои махсуси хизматрасонӣ, нуқтаҳои қабулро ташкил мекунанд, ки бевосита дар роҳравҳо, дар наздикии роҳҳо воқеъ гардидаанд. Ин шакли хизматрасониро «дар роҳ биёед», «дар роҳ занг занед» меноманд. Ин яке аз шаклхои самарабахши ташкили хизмати маишӣ ба аҳолӣ дар масофаи дастраси пиёдагардӣ мебошад. Мақсади асосии он фароҳам овардани роҳати ҳадди аксар барои муштарӣ ҳангоми истеъмоли хизмати маишӣ мебошад. Ин шакли хизматрасонӣ комплекси ягонаи истеҳсоли таҷҳизоти махсус барои нуқтаҳои қабул, воситаҳои реклама ва ғайраро дар бар мегирад.

6. Диверсификатсияи фаъолияти ширкат тавассути фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои вобаста ба он (нӯшокӣ, маҳсулоти хурди хӯрокворӣ, воситаҳои шустушӯйи ва косметика, бозичаҳо, тухфаҳо, газетаҳо ва ғайра). Яъне ин акнун на танҳо корхонаҳои хизмати маишӣ, балки корхонаҳои кооперативии хизмати маишӣ (комбинатҳои тиҷоратию маишӣ, аз ҷумла савдо, хизмати маишӣ, хуроки умумӣ, истироҳат) мебошанд.

7. Яке аз шаклхои перспективии муносибатҳои корпоративӣ дар соҳаи хизмати маишӣ амалияи бастани шартномаи франшизаи байни ширкати асосӣ ва корхонаҳои хурди мустақил мебошад. Мутобиқи шартҳои он ширкат ба соҳибкори хурд ҳуқуқ медиҳад, ки маҳсулотро таҳти тамғаи молии худ дар ҳудуди муайян ба фурӯш гузорад, ки ин барои истеъмолкунандагони муассисаҳои хизматрасонии маишии аҳолӣ хеле қулай ҷойгир аст.

Дурнамои рушди чунин муносибатҳо ҳангоми хизматрасонии маишӣ, аз қабили тозакунӣ ва ороиши дохилӣ, сартарошхонаҳо ва зебоӣ, тозакунандаи хушк ва ҷомашӯйӣ мебошанд. Аз тарафи дигар, франчайзинг яке аз роҳҳои маъмултарини рушди тиҷорати шабакавӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ мебошад, ки шумораи онҳо аз муассисаҳои хӯрокворӣ, тандурустӣ ва фароғатӣ зиёдтар аст.

Равандҳои танзими давлатии соҳибкорӣ бо назардошти расидан ба ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар Россия ва дигар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Муттаҳид аз қисматҳои зерин иборат аст:

1. Ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон 2. Фароҳам овардани шароит барои рақобати одилона 3. Ҳавасмандгардонии рушди соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ; 4. Таъмини мувозинати оптималии байни бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ дар истеҳсолот ва хизматрасонӣ; 5. Таъмини дигаргуниҳои пай дар пай дар сохтори соҳа ва суръати рушди онҳо.

Зарур аст, ки дар ин раванд ҳалли вазифаҳои зерин таъмин карда шавад: 1. Таъсиси заминаи низоми ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳаи хизматрасонӣ. 2. Рушди соҳибкории хурд, инкишофи хизматрасонии коллективӣ, ки ба беҳтар шудани сифати муҳити иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Аз таҷрибаи Россия ва давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Муттаҳид бар меояд, ки додани литсензия дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба чунин корхонаҳо: таъмир ва истеҳсоли маҳсулот аз металлу сангҳои қиматбаҳо; тозакунии хушк; таъмир ва духтани инфиродии пойафзол; инфиродии дӯзандагӣ ва таъмири маснуоти пашм; корхонахои инфиродии дӯзандагӣ ва таъмири дузандагӣ, трикотаж ва маҳсулоти чарм; сартарошхонаҳо; таъмири машинаҳо ва асбобҳои рузгор, таъмир ва истеҳсоли маснуоти металлӣ; хизматрасонӣ ба лабораторияи аксбардорӣ ва кино; таъмир ва истеҳсоли мебел; студияи сабти садо ва видео, дуконҳои иҷора, хизматрасонии маросими дафн дода мешавад.

Таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба таҳия ва такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии таъмини назорати сифат бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ асос ёфтааст. Инчунин таҳияи сиёсати ҳавасмандгардонии андоз нисбат ба ширкатҳои таҳияи низоми автоматикунонии идоракунии сифати хизматрасонӣ, ба вуҷуд овардан ва ҷорӣ намудани системаи комплексии назорати тараққиёти корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ зарур шуморида мешавад. Дар ин раванд дида

баромадани хусусиятҳои баланд бардоштани сифати хизматрасониро бо истифода аз таҷрибаи Ҷопон, Олмон ва Фаронсаро зарур мешуморем.

Нақши муҳимтарин дар таҳияи консепсияи идоракунии умумии сифат (TQM - Всеобщее Управление Качество, Total Management Quality) ба олимони амрикоӣ Э.Деминг ва Ҷ.Ҷуран тааллуқ дорад[57]. Фалсафаи сифат ва усулҳои кафолати сифат, ки онҳо таҳия кардаанд, барои назарияи кафолати сифат асосӣ мебошанд. Дар ин китоб 14 постулатҳои машҳури идоракуниро ва татбиқи амалии онҳо дида баромада шудааст.

Фаъолияти корхонаҳои хизмати маишӣ ба қонеъ гардондани эҳтиёҷоти дохилии аҳолие, ки дар ҳудудӣ муайян зиндагӣ мекунанд, нигаронида шудааст, яъне онҳо дар бахши муайяни бозори минтақавии хизматрасонии маишӣ амал мекунанд. Дар баробари ин дар тамоми фаъолияти муассисаҳои хизмати маишӣ, ташаккули барномаи истеҳсолии онҳо, муайян намудани ҷойгиршавии онҳо шароиту хусусиятҳои мушаххаси маҳалҳои хизматрасонӣ- шумораи аҳолӣ ва зичии он, қобилияти харидорӣ, дастрасии нақлиёт ва дигар омилҳо аҳамияти ҳалкунанда пайдо мекунанд.

Вазифаи асосии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ аз он иборат аст, ки сокинони ҳар як деҳа барои гирифтани комплекси зарурии хизмати маишӣ имконият диҳанд. Бе мадади мақомотҳои маҳаллӣ рушд додани хизматрасонни маишӣ душвор аст.

Аммо дар деҳот амалан ягон таъминкунандагони алтернативӣ вуҷуд надорад, аз ин рӯ, маҳз дар инҷо, бахусус вазъи пасти давлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ субсидияшаванда хос аст, нақши мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккули низоми самараноки хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар асоси истифодаи механизми шарикии давлатию бахши хусусӣ зиёд мешавад.

Вусъат додани амалияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, ба андешаи мо, бояд ба муносибати комплексие асос ёбад, ки истифодаи пурраи механизмҳои танзими давлатӣ ва бозорро дар ташкили ин намуди хизматрасонӣ аз ҷониби иштирокчиёни ҳамкории байнисоҳавӣ амалӣ карда мешавад таъмин менамояд.

Дар шароити рушд додани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар асоси принсипҳои шарикии давлатию бахши хусусиро дар соҳаи хизматрасонӣ ба он муваффақ шудан дар сурати мавҷуд будани маҷмӯи тадбирҳои танзими хозира ва ояндаи фаъолияти иктисодии корхонаҳо дар ин соҳа, аз ҷумла ҳангоми амали шудани стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 дар маҷмӯъ мумкин аст.

Муҳим аст қайд кунем, ки асосноккунии самтҳои асосии рушди шарикии давлатию бахши хусусиро дар соҳаи хизматрасонӣ аз тарафи мо дар асоси таҷрибаи мавҷудаи муносибатҳои байниҳамдигарии давлат ва бахши хусусӣ, ҳамчунин равиши корӣ бо мақсади истифодаи имкониятҳо ва афзалиятҳо дар мавриди амалисозии стратегии шарикии давлат ва бахши хусусӣ таҳия карда шудаанд.

Пешниҳодҳои анҷомдодаи мо оид ба рушди ШДБХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 3.6. оварда шудаанд. Амалисозии ин пешниҳодҳо (ҷадвали 3.6) дар асоси фаъолияти якҷояи давлат ва бахши хусусӣ дар асоси истифодаи унсури пардохти пулакӣ ҳангоми расонидани хизматҳои таълимӣ ва тиббӣ, харидҳои давлатӣ, хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон ва соҳаҳои дигари иқтисодиёт ба роҳ монда мешавад.

**Ҷадвали 3.6. - Номгӯйи пешниҳодҳо оид ба рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № т/и | Номгӯи пешниҳодҳо оид ба рушди шарикии давлатию хусусӣ дар соҳаи хизматрасонӣ |
|---|---|
| 1. | Ворид кардани тағйиротҳо ба базаи қонунгузорӣ оид ба шарикии давлатию хусусӣ. 28 декабри с. 2012, №907 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлатию хусусӣ» қабул карда шуда буд, ки масъалаҳои сиёсат ва рушди онро дар мамлакат ба андозаи кофӣ ба танзим надаровардааст. Ба ин қонун бояд дар мавриди шарҳу тавзеҳи қоидаҳои шарикии давлатию хусусӣ, дақиққунии салоҳиятҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия, супоридани салоҳиятҳо ба комиссияи тендерӣ ва озмунӣ, зарурат ва нақши ширкати лоиҳакаш, гузаронидани базаи меъёрию ҳуқуқӣ та ғйиротҳо даровард. Набудани низоми кафолат ба шарикони хусусӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои ШДБХ даровардани та ғйирот ба Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тартиби милликунонӣ ва шартҳои регламентатсияи муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳо дар доираи шарикии давлатию хусусӣ бо мақсади ҳимояи шарики хусусиро пешбинӣ мекунад |
| 2. | Ташкили фонди рушди шарикии давлатию хусусӣ ҳам аз ҳисоби буҷети давлат ва ҳам маблағҳои донорҳо ва бахши хусусӣ |
| 3. | Таҳияи роҳнамо оид ба истифодаи амалии шакл ва амсилаҳои шарикии давлатию хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он |
| 4. | Ташаккули базаи маълумотҳои лоиҳаҳои шарикии давлатию хусусӣ аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ҳамаи сатҳҳо. Зарур аст, ки базаи маълумотҳои лоиҳаҳои эҳтимолии шарикии давлатию хусусӣ бо ҷудонамоии онҳо ба умумидавлатӣ (миллӣ), вилоятӣ (минтақавӣ) ва маҳаллӣ ташаккул дода шаванд |
| 5. | Тайёркунии кадрҳо барои шарикии давлатию хусусӣ. Пешниҳод мекунем, ки дар базаи Институти баландбардории тахассуси хизматчиёни давлатӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шарикии давлатию хусусӣ дар сатҳи магистратура кадр тайёр карда шавад. Барои ин таҳияи нақшаи таълимӣ оид ба масъалаҳои шарикии давлатию хусусӣ барои категорияҳои зерини шахсон зарур аст:<br>- кормандони мақомоти ҳокимияти иҷроия ва ҷамоатҳои маҳаллӣ;<br>- намояндагони тиҷорати хусусӣ;<br>- журналистон ва кормандони медиабахш;<br>- донишҷӯён, магистрҳо ва докторантҳо.<br>Нақшаи таълимӣ бояд чорабиниҳои банизоми таълимиро дар асоси гузаронидани семинарҳо, конференсияҳо, онлайн-курсҳо ва барномаҳои мубодила, ҳамчунин муҳлати гузаронидани курсҳои таълимӣ, номгӯйи шаҳсони вобастаро дар бар гирад. |
| 6. | Таҳия ва амалисозии медиа-нақшаҳои шарикии давлатию хусусӣ. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш бурдани кори шарикии давлатию хусусӣ консепсияи ҳозиразамон ба ҳисоб меравад. Амалисозии бомуваффақияти лоиҳаҳои ояндадори ШДБХ аз он вобаста аст, ки аҳолӣ консепсияи мазкурро чӣ тавр қабул мекунад. Аз ин рӯ, муҳим мешуморем, ки ивази мунтазам ва васеи табодули донишҳо оид ба масъалаҳои шарикии давлатию хусусӣ бояд дар медиа-нақша ба шакл даровардa шавад. Он бояд мақолаҳо дар рӯзномаю маҷаллаҳо, интернет-нашриёҳо, барномаҳои телевизион ва радио, нашри роҳнамоҳои амалӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳо ва ғайраро дар бар гирад. Дар ин маврид беш аз ҳама ба масъалаи кор бо аҳолии маҳаллӣ такя бояд намуд. То ҷомеа аниқ фаҳманд, ки саро объектҳои зерсохторӣ аз тарафи шахсони хусусӣ идора мешаванд, чаро тарифҳо баланд мешаванд, истифодабарии объектҳои зерсохторӣ аз тарафи ширкатҳои хусусӣ чӣ манфиат меорад ва ғайра. |

| | |
|---|---|
| | *Идомаи ҷадвали 3.6.* |
| 7. | Барқарорнамоии ҳамкорӣ бо марказҳои хориҷӣ. Бо мақсади табодули таҷриба ба Маркази шарикии давлатию хусусӣ маслиҳат дода мешавад бо марказҳои хориҷии шарикии давлатию хусусӣ дар Корея, Филиппин, Россия ва Қазоқистон ҳамкориро ба роҳ монанд. Самтҳои асосии ҳамкорӣ ин шарикӣ дар гузаронидани чорабиниҳо (конференсияҳо, форумҳо, барномаҳои таълимӣ), ҳамчунин табодули иттиллоот ва таҷриба дар мавриди шарикии давлатию хусусӣ мебошад |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз ин рӯ, саривақтист, ки аз ҷиҳати институтсионалӣ ин муносибатҳо дар асоси истифодаи асосҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва қонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир аст.

Ба ғайр аз ин, бо назардошти хусусиятҳои иқтисодии шарикии давлатию бахши хусусӣ амали намудани амсилаи идоракунии ин механизм ба алоқамандии байни иштирокчиёни лоиҳаи шарикии давлатию бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузории воқеӣ хоҳад дод.

Дар умум пешниҳоди хулосаҳои зерин имконпазир мегардад:

1. Алоқамандии байниҳамдигарӣ ҳангоми шарикии давлатию бахши хусусӣ дорои бисёр манфиатҳо ва бартариҳои эҳтимолӣ мебошад, ки дар натиҷаи амалисозии онҳо метавон натиҷаҳои назаррас дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба даст оварда шавад.

2. Амалисозии самтҳои шарикии давлатию хусусӣ ба афкори имрӯза оид ба нақши давлат ва бахши хусусӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, ки он яке аз вазифаҳои афзалиятнок дар стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, асос ёфтааст.

3. Рушди шарикии давлатию хусусиро дар ҷумҳурӣ маҳз бояд давравӣ гузаронида, ҳамчунин бояд ҳар як давра ба тариқи ҷиддӣ омӯхта шавад. Аз ин рӯ, дар марҳалаи аввал зарур аст, ки чанд лоиҳаи пилотиро бо назардошти баҳдиҳии сатҳи хатарҳои лоиҳаҳо гузаронида, истифодаи арзиши камтар ва муҳлати на он қадар зиёди пӯшонидани хароҷот ба назар гирифта шавад.

4. Ба вуҷуд овардани дастрасии аҳли ҷомеа, намояндагони бахши хусусӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ ҳангоми омӯзиши моҳияти ШДБХ, механизмҳо ва таҷрибаи мамлакатҳои дигар ва истифодаи он, ҳамчунин оқибатҳои эҳтимолии иҷтимоӣ ва иқтисодии он ба роҳ монда шавад. Дар ин раванд чунин пешниҳодҳоро доир ба истифодаи шаклҳо, амсилаҳо ва механизмҳои шарикии давлатию хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ҷудо менамоем (ҷадвали 3.7.).

**Ҷадвали 3.7. - Пешниҳодҳо доир ба истифодаи шаклҳо, амсилаҳо ва механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар вилояти Хатлон**

<table>
<tr><th>Шаклҳо</th><th>Амсилаҳо</th><th>Механизмҳо</th></tr>
<tr><td>1. Шартномаҳо барои расонидани хизматҳои ҷамъиятӣ</td><td>1. Амсилаи оператор – дар асоси тақсими аниқи уҳдадориҳо дар байни шарикони хусусӣ ва давлат бо нигоҳдории вазифаи назоратӣ ба зиммаи давлат гузошташуда</td><td>2. BOT – сохтмон, истифодабарӣ/ба идоракунӣ супоридан.</td></tr>
<tr><td>2. Шартномаҳои ёрии техникӣ</td><td>2. Амсилаи кооператсия -дар раванди расонидани хизматҳои алоҳидаи маишӣ</td><td>2. BOOT -сохтмон дорой – истифодабарӣ/ба идора супоридан.</td></tr>
<tr><td>3. Шартномаҳо барои идоракунӣ</td><td>2. Амсилаи консессия -дар ҳолатҳое, ки додани ҳуқуқи моликият аз давлат ба шарики хусусӣ сурат мегирад</td><td>3. BTO – сохтмон додани истифодабарӣ/идоракунӣ)</td></tr>
<tr><td>4. Иҷора, иҷораи молиявӣ (лизинг)</td><td rowspan="5">5. Амсилаи лизинг – дар раванди сохтмони биноҳои хизмати маишӣ ва комплексҳои ягонаи хизматрасонии масофаи дастраси пиёдагардӣ ба аҳолӣ дар маҳалҳо</td><td rowspan="2">4. BOO – сохтмон доштан истифодабарӣ/идоракунӣ</td></tr>
<tr><td>6. Ҷалби сармоягузор дар асоси афзалиятнокӣ</td></tr>
<tr><td>7. Шартномаи сармоягузорӣ</td><td rowspan="2">5. BOMT<br>– сохтмон – истифодабарӣ/идоракунӣ – хизматрасонӣ – супоридан</td></tr>
<tr><td>8.Корхонаи муштарак барои хизматрасонии маишӣ</td></tr>
<tr><td>9. Консессия – дар асоси шароитҳои ба ҳам мувофиқ ҷалб намудани бахши хусусӣ ҷиҳати истифодаи самараноки моликияти давлатӣ ё расонидани хизматрасониҳои маишӣ аз тарафи давлат</td><td>6.DBOOT -лоиҳакашии сохтмон – маблағгузории истифодабарӣ /идоракунӣ</td></tr>
</table>

**Сарчашма:** пешниҳоди муаллиф дар асоси манбаи [52,139,166,181]

Дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада самтҳои асосиро барои рушди минбаъда ва ҷорӣ намудани механизмҳои шарикии давлатию бахши хусусиро дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо менамоем:

1. Таҳияи барномаи давлатии рушди шарикии давлатию бахши хусусӣ, ки чорабиниҳои маҷмуиро оид ба васеънамоии минбаъдаи соҳаи истифодаи механизмҳоро, ташкили пояи асосҳои қонунгузорӣ доир ба ин механизм, чораҳои пешниҳоди имтиёзҳо ва преференсияҳо ва амалисозии лоиҳаҳои алоҳида дар иқтисодиёт ва соҳаи хизматрасониро дар назар доранд.

2. Ворид кардани тағйирот ба Қонун ҶТ«Дар бораи шарикии давлатӣ бо бахши хусусӣ» бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ, алоқамандии байни давлат ва сектори хусусӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаҳо. Таваҷҷуҳи махсус ба рушди муносибатҳои шартномавии байни давлат ва сектори хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ равона карда мешавад. Ғайр аз ин, дақиқ муайян кардани сарҳади истифодаи механизмҳои шарикии давлатию хусусӣ барои амалисозии лоиҳаҳои босамар дар соҳаи хизматрасонӣ дар назар дошта мешавад.

3.Ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Қонун ҶТ «Дар бораи консессияҳо» дар асоси танзими ҳуқуқии банақшагирӣ ва амалисозии лоиҳаҳои консессионӣ,

4. Таҳия ва қабули Қонун ҶТ «Дар бораи секюритизатсия», бо мақсади батанзимдарории масъалаи хариди ҳуқуқҳои мавҷуда ҳуқуқҳои ояндаи талабот дар марҳалаи истифодабарии объект, яъне, ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои шарикии давлатию хусусӣ дар замони истифодабарӣ. Дар ин маврид консессионер имкон дорад маблағҳоро бо роҳи гузашт кардани ҳуқуқи талабот ба таври баровардани облигатсияҳои таъминбуда бо дороиҳои ҷудошуда ба худ ҷалб созад.

5. Ташкили мақоми ягона оид ба масъалаҳои шарикии давлатию бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонӣ, ки ҳамаи кӯшишҳои мақомоти ҳокимияти

маҳаллии давлатиро дар ин бахш ва таҷрибаи ҷамъшударо дар соҳаи тайёркунӣ ва амалисозии лоиҳаҳо ҳамоҳанг намуда ташкили мақомоти махсусгардонидаро дар ин бахш аз рӯйи қоидаҳои соҳавӣ ва ҳудудӣ ба роҳ монд.

Ҳадафи асосии фаъолияти мақоми мазкур амалисозии барномаи дарозмуҳлати рушди соҳаи хизматрасонӣ аз тарафи бахши хусусӣ аз рӯйи қоидаи “one-stop-shop» буда, ба вазифаҳояш ҳамоҳангсозии ҳамаи раванди маҷмуӣ дохил мешавад. Дар ин маврид фаъолияти ин мақом аз тарафи Гурӯҳи байналмилалии машваратӣ ва байниидоравии назоратӣ дастгирӣ карда хоҳад шуд.

6. Дар амалия ҷорӣ кардани Шартномаи марҳалаи зиндагӣ. Ин шакли идеалии шарикии давлатию бахши хусусиро дар соҳаи хизматрасонӣ дар шароити норасоии буҷа буда мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ дар лоиҳаҳое, ки сармоягузории буҷетиро пешбинӣ мекунад, наметавонанд иштирок намоянд.

7. Таҳия ва ҷорӣ намудани амсилаи ташаббусҳои хусусии молиявӣ дар асоси шартномаҳо (консессия) аз рӯйи хизматрасониҳои давлатӣ ва фаъолиятҳое, ки аз тарафи бахши хусусӣ маблағгузорӣ мешаванд. Дар ин ҷо муҳимтар он аст, ки хизматҳоро на истеъмолгарон, балки давлат пардохт мекунад. Аммо дар ин маврид ҳуқуқи моликият ва нигоҳдорӣ ба бахши хусусӣ боқӣ мемонад. Аз тарафи дигар баъди анҷоми муҳлати шартномаи басташуда пешниҳоди хизмарасониҳои маиширо метавон идома дод. Ҳамин тавр, ба андешаи мо дар раванди такмили қонунгузории ҷорӣ оид ба масъалаи консессия имкони ҷорӣ намудани ин намуди шартномаро ба назар бояд гирифт

8. Ҷорӣ намудан ва ҳавасмандсозии таҷрибаи ташкили ширкатҳои махсуси молиявӣ. Ин масъала дар асоси истифодаи таҷрибаи ба роҳмонии фишанги маблағгузории лоиҳавӣ аз тарафи консессионер мумкин аст. Лоиҳаи ташкилкарда дар асоси лоиҳаи алоҳида бо истифодаи механизми

шарикии давлатию хусусӣ амалӣ карда мешавад. Бояд қайд кард, ки ин ширкат фишанги босифати ҷалби маблағҳоро дар шароити иқтисодиёти ноустувор таъмин менамояд.

Муҳиммияти фишанги маблағгузории лоиҳавӣ аз он иборат аст, ки имкониятҳои он дар устувории мутобиқшавӣ дар ҳамаи селаҳои пулӣ мушоҳида мешавад. Ин раванд сарчашмаи воситаҳоеро барои хизматрасонӣ ва баргардонидани қарзҳо, ҳамчунин гирифтани даромадро ба ҳисоби сармояе, ки минбаъд ба лоиҳа сармоягузорӣ хоҳад шуд дар бар мегирад. Дар ин раванд истифодаи секюритизатсияи дороиҳо дар асоси ташаббускорӣ; эмитенти коғазҳои қимматнок (харидории дороиҳо); сармоягузор дар соҳаи хизматрасонии маиширо зарур мешуморем.

Ҳамчунин, секюритизатсия мушкили диверсификатсияи хатарҳоро аз байн мебарад. Ҳангоми таъминкунии қарзҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат мумкин аст дар чанд навбат барориши коғазҳои қиматноки кутоҳмуддат ба роҳ монда шавад.

9. Дар ин раван батанзимдарории истифодаи маблағгузории молиявӣ, ки ба ташкили маблағгузории лоиҳаҳо шарик мегардад ва дар натиҷаи он бартариҳои зерин ба даст хоҳад омад барои амалӣ гаштани гузашткунии ҳуқуқи талабот аз рӯйи маҷрои дарпешистодаи пулӣ, ки аз фурӯши лоиҳа ба даст меояд ва таъминотгари асосие мебошад барои хизматрасонӣ ва баргардонидани маблағҳои ҷалбгашта; ширкати нави ҳуқуқии молиявие ташкил мешавад, ки барои ҷалбнамоӣ ва хизматрасонии қарзи лоиҳавӣ хизмат мекунад равона карда шавад.

Ҳамчунин, ба назари мо он ба камшавии хатар, ҳимоя ва пурзӯр намудани ҳуқуқҳои қарздиҳандагон, пасткунии номуайянии ҳуқуқӣ ҳангоми амалисозии лоиҳа ва ҳамчунин натиҷаи афзун намудани ҷаззобияти лоиҳа ҳангоми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ равон хоҳад шуд.

Дар шароити муосир истифодаи иқтисодиёти рақамӣ ҳангоми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ҷойи асосиро ишғол мекунад. Аз ин лиҳоз

барои рушди хизматрасонии маишӣ таҳияи Веб-хизматро дар асоси истифодаи технологияи рақамӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ зарур мешуморем.

Дар корхонаҳои хизматрасонии маишӣ истифодаи Веб-хизматҳо намуди муосири рақамикунонӣ ба ҳисоб меравад. Ин низом имконият медиҳад, ки муштариён барои фармоиш додани хизмат дар асоси сабти ном, варақаи дархостро пур намоянд. Инчунин аз рӯйхати хазматрасонӣ номи хизматро интихоб кунанд; маблағи пардохти хизматрасониро нишон диҳанд; давраи мушаххаси хизматро интихоб намоянд; маълумоти иловагӣ пешниҳод кунанд (суроға, маълумоти иловагӣ дар бораи хизматрасоонӣ, талабот ва ғайра.), аз санҷиши оддии азқайдгузарӣ гузаранд, тугмаи "Ирсол" -ро пахш кунанд ва баъди иҷрои хизматрасонӣ натиҷаи хизматҳои расонидашударо баҳо диҳанд.

Умуман, татбиқи самтҳои афзалиятноки пешбинишудаи рушд ва ҳалли масоили ташкили хизматрасонии комплексии маишӣ метавонад сифати хизматрасонии маиширо ба аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти вилояти Хатлон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити амали шудани СМР-2030 таъмин намояд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло мо дар рисолаи мазкур дурнамоӣ нишондиҳандаҳоеро, ки тараққиёти соҳаи хизмати маишии аҳолиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон ва баъзе аз шаҳру ноҳияҳои он то соли 2030 бо истифодаи барномаи MC EXCEL ва интихоби омилҳои таъсиррасон тарҳрезӣ намудем. Маълумотҳои оморӣ барои амсиласозӣ дар замимаҳои 3-9 оварда шудаанд.

Аз ҷадвали 3.8. дида мешавад, ки то соли 2030 дар вилояти Хатлон ва баъзе аз шаҳру ноҳияҳои он ҳаҷми хизмати маишӣ ҳамасола аз 2,06 то 4,93 фоиз меафзояд. Инчунин натиҷаи баҳодиҳии коэффитсиенти дитерминатсия- $R^2$ (аз 0,896904823 то 0,972318) ва коррелятсия-R (0,8044368262 то 0,986062) нишон медиҳад, ки онҳо эътимоднок буда дар

раванди танзими хизматрасониии маишӣ ба аҳолӣ ва рушди онҳо то соли 2030 мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Ҷадвали 3.8. - Натиҷаи дурнамои хизматрасонии маишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон ва баъзе аз шаҳру ноҳияҳои он то соли 2030**

| Номи маҳал | Амсилаи бисёромилаи коррелятсионӣ регрессё5\6-\ионӣ | 2024 | 2025 | 2030 | Афзо-иши миёна и солона, % |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | У=20353,81 +10,41272*$X_1$-2,47953*$X_2$-2076,26*$X_3$-1,44296*$X_4$ $R^2$=0,804438262; R=0,896904823. | 5761,56 | 5884,00 | 6496,20 | 102,06 |
| Хатлон | У=4625,5790 +0,070829164*$X_1$+2,284083041 *$X_2$-699,678802*$X_3$+ 0,839410056*$X_4$ $R^2$=0,947348; R=0,973318 | 802,256 | 830,85 | 973,82 | 103,35 |
| Бохтар | У=-995,22-0,325$X_1$+0,598306$X_2$-152,1166$X_3$-3,27474$X_4$ $R^2$=0,986062; R=0,972318 | 56,35 | 59,44 | 74,78 | 104,93 |
| Кӯлоб | У=-122,287-0,06387*$X_1$+0,146765$X_2$+21,716 9*$X_3$+0,046112*$X_4$ $R^2$ =0,902235; R=0,94986 | 99,73 | 103,81 | 124,22 | 103,80 |
| Дангара | У=160,9724-0,01112*$X_1$+0,1139777*$X_2$-24,1926*$X_3$+0,333914*$X_4$ $R^2$ =0,967801 R=0,93664 | 68,22 | 71,18 | 86,01 | 104,02 |
| Восеъ | У=-788,762+0,977687*$X_1$-1,07204*$X_2$+121,5766*$X_3$-0,160940,333914*$X_4$ $R^2$ =0,942745; R=0,970951 | 98,43 | 102,38 | 122,11 | 103,73 |
| Ёвон | У=-9955,22-0,47325*$X_1$+0,5983067*$X_2$+152, 1166*$X_3$ -3,27474*$X_4$ $R^2$ =0,967801; R=0,93664 | 109,59 | 114,98 | 141,99 | 104,51 |

**Сарчашма:** ҳисобҳои муаллиф бо истифодаи барнома MC EXCEL. Эзоҳ: У- ҳаҷми хизматрасониҳои маишии расонидашуда ба аҳолӣ, ҳазор.сомонӣ; $X_1$- даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ; $X_2$ – ҳароҷоти миёна ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ; $X_3$ – андозаи миёнаи оила; $X_4$ –миқдори корхонаҳои хизмати маишӣ, адад.

Инчунин аз таҳлили маълумоти ҷадвали 3.8 бар меояд, ки танҳо дар асоси ташкили самараноки шаклҳои хурду миёнаи фаъолияти соҳибкорӣ

дар шароити квазирақобат самаранокии соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолии кишвар баланд бардоштан мумкин аст.

Бо дарназардошти баҳодиҳии сатҳи пешгӯии нишондиҳандаҳое, ки рушди соҳаи хизматрасонии маиширо дар вилояти Хатлони Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 баҳо медиҳанд, мо пешниҳод менамоем, ки дар давраи солҳои 2025-2030 низоми дастгирии ҳуқуқӣ (I) такмил дода, инфрасохтори оқилонаи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хизматрасонии маишӣ (II) ташаккул дода шавад:

I. Дастгирии ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон:

1.1. Мунтазам гузаронидани мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар соҳаи дастгирии давлатии шаклҳои хурд ва миёнаи фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ.

1.2. Таҳияи пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати такмил додани заминаи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории хурду миёна, оптимизатсияи хароҷот ва такмили низоми андозбандӣ, муқаррар намудани меъёри сифрии боҷҳои гумрукии воридотӣ ба технология ва таҷҳизоти муосир дар соҳаи хизматрасониии маишӣ ба аҳолӣ.

1.3. Асоснок кардан ва таҳияи таклифҳо оид ба дастгирии давлатии (субсидияи) харидани таҷҳизоти технологӣ барои корхонаҳои хурду миёна, инчунин соҳибкорони инфиродӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ.

1.4. Ташаккули низоми самараноки хизматрасонии маишӣ ба маъюбон, калонсолон ва шахсони дорои ҳаракати маҳдуд.

1.5. Ташкили маҷмӯи меъёрҳои техникӣ, ки талаботро муқаррар намуда, бастани шартномаҳоро оид ба баъзе расонидани намудҳои хизматрасонӣ ва тасдиқи онҳо бо назардошти ҷалби шаклҳои хурду миёнаи фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ иҷозат медиҳанд.

1.6. Муҳайё намудани шароити зарурии ҳавасмандгардонии

тараққиёти ташкилоту корхонаҳои хурду миёна ба аҳолӣ, махсусан дар деҳот.

1.7. Кор карда баромадан ва ба амал баровардани тадбирҳои пудратӣ байни корхонаҳои калон, хурд ва миёна дар соҳаи хизмати маишӣ ба аҳолӣ.

II. Ташаккули зерсохтори оқилонаи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон:

2.1. Мониторинги мунтазам, омода ва пешниҳоди гузориши таҳлилии «Ҳолат ва мушкилоти рушди шаклҳои хурду миёнаи фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ».

2.2. Пешниҳод намудани таклифҳо оид ба такмили усулҳо ва шаклҳои гузаронидани мониторинги омории шаклҳои хурду миёнаи фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ.

2.4. Ташаккули раванди хизматрасонии муосир ва ҷойгиркунӣ дар Интернет, сохтану истифодаи Веб-сайтҳо, дастгирии ҷамъиятии ташкилӣ, методӣ ва машваратӣ ба соҳибкории хурду миёна.

Умуман, рушди шаклҳои хурду миёнаи фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии онҳо аз низоми тадбирҳои танзими давлатии он, ташкили низоми андозбандии имтиёзнок, ҷалби сармоя барои рушди соҳибкорӣ, зерсохтори бозорӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, инчунин баланд бардоштани самти иҷтимоии хизмати маишӣ ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ ва беҳтар намудани муносибатҳо бо ҳукуматҳои маҳаллӣ вобаста аст.

Дар маҷмӯ амалӣ намудани самтҳои асоснок ва пешниҳод кардашуда имконият медиҳад, ки рушди сифати хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон дар чорчӯбаи амалисозии Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то 2030 таъмин карда шавад.

# ХУЛОСА

## А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ рушди иқтисодию иҷтимоӣ таъмин карда шуда, сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ баланд бардошта шуд. Ин натиҷаҳо асосан дар натиҷаи оқилона таҳия ва амалисозии самтҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, ки ба таъмини сармоягузорӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ ва такмили механизми идоракунии иқтисодиёт ба даст оварда шудааст. Аз ин рӯ, таҳия ва рушди стратегии муосир, ташаккули низоми нави муносибатҳоро, ки ба ҳамбастагии сарфакоронаи рақобати озод дар асоси амалисозии механизми танзими давлатӣ ҷиҳати баландбардории сифати хизматрасониҳои расонидашаванда ба иқтисодиёт ва қишрҳои ҷудогонаи ҷомеа ба ҷойи аввал мебарояд [4-М, 8-М, 9-М, 10-М].

2. Дар диссертатсия асосҳои консептуалии рушди соҳаи хизматрасониро муаллиф дар асоси афзудани нақши ин соҳа дар таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии низоми иқтисодиёти бозорӣ асоснок намуда, ҳамчунин равишҳои назариявӣ ва хусусиятҳои истифодаи онҳо дар соҳаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ аниқ намудааст [4-М, 7-М, 10-М].

3. Дар рисола моҳияти иҷтимоию иқтисодии хизматрасонии маишӣ ва таснифоти он омӯхта шуда, нақши он дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ бо назардошти зарурият ва пешниҳоди хизмарасониҳои ҷавобгӯи талаботи шароити муосири рушди соҳаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ муайян карда шудааст [7-М, 8-М, 9-М].

4. Аз тарафи муаллиф дар диссертатсия хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасониии маишӣ ба аҳолӣ таҳқиқ ва ошкор карда шуданд, ки пеш аз ҳама такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маиширо ба аҳолӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ ва бозорӣ тақозо менамоянд [4-М, 8-М, 11-М].

5. Дар асоси арзёбии вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили вазъи хизматрасонии пулакию маишӣ ба аҳолии он ва вилояти Хатлон дар кори диссертатсионӣ камбудиҳои ҷойдошта ва масоилҳои мавҷуд буда, омилҳои таъсиррасон ба ҳаҷми хизмарасонии маишӣ дар асоси натиҷаҳои назарсанҷишӣ муайян карда шуда, амсилаи фаъолгардонии таъмини сармоягузории рушди шарикии давлатию хусусӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ва хизматрасонии маишию консепсияи минтақавии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ таҳия карда шудааст [1-М, 4-М, 5-М, 6-М].

**Б) Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Дар рисола таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасонии маишӣ омӯхта шуда пешниҳодҳо оид ба истифодаи таҷрибаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шудааст. Инчунин дар асоси таҳлил ва синтези ҳаматарафа арзёбии маҷмуии барқароршавӣ, рушд ва васеъшавии самтҳои танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

2. Дар диссертатсия таҳияи консепсияи минтақавии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ пешниҳод карда шуда, механизми дастгири давлатӣ ва танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо назардошти баназаргирии хусусиятҳо, созмон додани комплекси ягонаи хизматрасонии маишии масофаи дастраси пиёдагардӣ ба аҳолӣ ва идоракунии он такмил дода шудааст.

Ҳангоми таҳияи консепсияи низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ, механизми дастгири давлатӣ ва танзими рушди шарикии давлатию хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии маишии дорои аҳамияти иҷтимоӣ ба аҳолӣ такмил дода шудааст. Амсилаи таҳиякардаи фаъолгардонии фишангҳои сармоягузорӣ ва рушди лоиҳаҳои шарикии давлатию хусусӣ ва дар асоси он стратегияи ташаккулдодаи васеъкунии самтҳо ва фишангҳои шарикии давлатию хусусӣ дар шароити нави фаъолияти соҳаи хизматрасонӣ ва маишӣ имконият медиҳад, ки мавқеи истифодаи ин механизм дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон васеъ карда шаванд. Аз тарафи дигар амалисозии стратегияи мазкур такмили қонунгузориро дар соҳаи шарикии давлатию хусусӣ; амалисозии чорабиниҳои таҳиякарда оид ба банақшагирӣ ва идоракунии сарфакорона ҳангоми омодасозӣ ва амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ; истифодаи меъёрҳои арзёбии самаранокии амалисозии лоиҳаҳоро бо назардошти пешниҳоди босифати хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ; баландбардории самаранокии тайёркунӣ ва сатҳи тахассуси мутахассисонро дар ин соҳа дар бар мегирад.

3. Такмили механизми танзими давлатӣ ва дастгирии рушди шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳияи барномаҳои стратегии рушдро дар асоси аниқкунонии мафҳумҳо, муайянкунии шакл, метод, фишангҳои дастгирии шарикӣ, ҳамчунин таҳияи регламенти маъмурии ҳамкории давлат бо соҳибкориро дар доираи лоиҳаҳои шарикӣ ва шартномаҳои типии байни онҳо талаб мекунад.

Аз ин лиҳоз аз тарафи муаллиф намудҳои паҳншавии шаклҳои нави шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ (минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, технопаркҳо, фондҳои венчурӣ ва ғайра) аз набудани фарҳанги дахлдори соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии маишӣ ҳисоб карда шудааст. Ба ақидаи муаллиф маҳдудиятҳои институтсионалии рушди механизми шарикӣ дар соҳаи хизматрасонии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин шахр додан ба маврид аст: нобудани барномаҳои асоснок ва вариантҳои нақшаҳои рушд ва амалисозии лоиҳаҳои шарикӣ, таъмини меъёрию ҳуқуқии онҳо; паст будани самаранокии идораи маъмурии анҷомдиҳандаи танзими муносибатҳои шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ; рушд наёфтани институтҳои ҳуқуқи расмӣ ва моликият; ҷорӣ накардани дастовардҳои иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсионӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва ғайра.

4. Дар рисола муаллиф ҳангоми пурзӯршавии механизми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ истифодаи механизми шарикии давлатиро дар асоси расонидани:

– кӯмаки молиявӣ бо назардошти додани займҳо ва пешниҳоди имтиёзҳо ва ё муҳлатдиҳӣ оид ба пардохти андозҳои ситондашаванда дар раванди амалӣ намудани лоиҳаҳо;

– дастгирии шарикии хусусӣ ва ё ширкати лоиҳакашӣ (ҳамкорӣ дар бораи гирифтани литсензия, иҷозатнома, мувофиқгардониҳо, пешниҳод кардани ҳуқуқи истисноӣ ба фаъолият дар доираи шартномаи басташуда ва ғайра)-ро зарур мешуморад.

Ба сифати самтҳои муҳимми танзими давлатӣ ва дастгирӣ метавон чорабиниҳоро оид ба ҳимояи сармоягузориҳои хусусӣ ба ин лоиҳаҳоро ном бурд. Ҳангоми баррасии ин масъала такмили танзими давлатӣ ва худтанзимкунӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ зарур аст.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо назардошти таҳқиқи хусусиятҳо ва истифодаи шаклҳои афзалиятнок ва натиҷаҳои арзёбии самаранокии онҳо дар ҳалли вазифаҳои махсусан муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ва таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳолии вилояти Хатлон асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

Ташаккули механизмҳои хоҷагидорӣ ва ташкилӣ пешниҳоди хизматрасониҳои маиширо ба аҳолӣ талаб мекунад ва он ҳалли чунин масъалаҳоро тақозо мекунад:

а) Дар соҳаи танзими конунгузорӣ бинобар вуҷуд надоштани санади конунгузорию меъёрии ба мақсад мувофиқ муқаррар намудани заминаи ҳуқуқии соҳаи хизматрасонии маишӣ на танҳо барномаҳои рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ таҳия ва қабул кардан зарур аст. Инчунин зарурияти қабули қонун «Дар бораи рушд ва дастгирии давлатии хизматрасонии маишии аҳолӣ» дар кишвар зарур аст ва коркарди «Низомнома дар бораи

тартиби аккредитатсияи корхонаҳои хизматрасонии маиширо барои категорияҳои аз чиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашаванда (камдаромад)» ҳамчун корхонаи ичтимоии хизмати маишӣ бо муайян кардани механизми ташаккули фармоишҳои ҷамъиятӣ ва ҷубронпулӣ муайян карда шаванд.

б) Танзими иқтисодӣ, таҳияи сохтори иқтисодӣ, ташкили Палатаи ҳунармандонро, механизмҳо, танзими молиявию қарзӣ ва андозро таъмин менамояд, инчунин дастрас будани намудҳои хизмати маишӣ ба аҳолиро дар бар мегирад.

в) Сиёсати қарзию молиявӣ ва андоз, дастгирии давлатии мустаҳкам намудани пояи моддию техникии корхонаҳо, ҷудо намудани субсидияҳо барои рушди хизматрасониҳои аҳамияти иҷтимоӣ, ҷуброни як қисми хароҷоти ташкилотҳои хизматрасониро, додани фоизи қарзҳое, ки барои инкишофи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ гирифта шудаанд, пешбинӣ менамояд.

г) Дар соҳаи танзими ташкилӣ ва таъминот механизмҳо барои таъмини баробар кардани дараҷаи хизматрасонии маишии байни ноҳияҳою деҳаҳои аҳолинишин, мутобиқгардонии фаъолияти корхонаҳо ва баланд бардоштани самаранокии кори онҳо, ба амал баровардани тадбирҳои баланд бардоштани дараҷаи касбии мутахассисони соҳаи хизматрасонии маишӣ, такмил додани ҳисоботҳои оморӣ зарур аст ва дар ноҳияю шаҳру вилоят сохтори идоракунии хизматрасонии маишӣ дар сохтори ҳокимияти идораи маҳаллӣ ташкил карда шавад.

д) Масъалаи бо майдони истеҳсолӣ таъмин намудани объектҳои хоҷагӣ низ метавонад тавассути механизмҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ (бо роҳи иҷора ё харидани моликияти коммуналии истифоданашуда) ҳал карда шавад.

е) Барои корхонаҳои дар деҳот фаъолияткунандаи хизматрасонии маишӣ тайёр кардан ва ташкил намудани курсҳои такмили ихтисоси мутахассисони соҳа дар комбинатҳои таълимию истехсолӣ ё Палатаи хунармандон дар баробари комбинатҳои таълимию истеҳсолии мавҷудаи байнимактабӣ ба роҳ монда шавад.

Дар маҷмӯ амалӣ шудани самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ва худтанзимкунӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ имконият диҳад, ки иҷрои онҳо дар сатҳи нав ба роҳ монда шуда барои беҳдошти сатҳи зисту зиндагии қишрҳои гуногуни мардуми Тоҷикистон ва вилояти Хатлон шароити мусоид муҳайё созад.

6. Дар диссертатсия барои инкишоф ёфтани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ таҳияи Веб-хизматро дар асоси истифодаи технологияи рақамӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолиро муаллиф зарур мешуморад. Истифодаи ин низом имконият медиҳад, ки муштариён барои фармоиш додани хизмат дар асоси сабти ном, варақаи дархостро пур намуда аз рӯйхати хазматрасонӣ номи хизматро интихоб кунанд; маблағи пардохти хизматрасониро нишон дода давраи мушаххаси хизматро интихоб намоянд; маълумоти иловагӣ пешниҳод кунанд (суроға, маълумоти иловагӣ дар бораи хизматрасоонӣ, талабот ва ғайра), аз санҷиши оддии азқайдгузарӣ гузаранд, баъди иҷрои хизматрасонӣ натиҷаҳоро баҳо диҳанд.

7. Дар рисола бо истифодаи барномаи MC EXCEL ва интихобу баҳодиҳии омилҳои таъсиррасон дурнамоӣ нишондиҳандаҳои рушди соҳаи хизматрасонии маиширо ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон ва баъзе аз шаҳру ноҳияҳои он дар асоси амсиласозии бисёромилаи иқтисодию риёзӣ то соли 2030 ҳисоб карда шуда, истифодаи Веб-хизматҳо дар раванди муосири рақамикунонӣ, дастгирии ҳуқуқӣ, ташаккули зерсохтори оқилонаи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хизматрасонии маишӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар маҷмӯ татбиқи самтҳои афзалиятноки пешбинишудаи рушд ва ҳалли масоили ташкили хизматрасонии комплексии маишӣ метавонад сифати хизматрасонии маиширо ба аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва Тоҷикистон дар шароити амали шудани СМР-2030 таъмин намояд.

Аз тарафи дигар, истифодаи оқилонаи самтҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда барои баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди

баробари соҳаи хизматрасонии маиширо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар раванди амалигардонии Стратегияи милии рушди Тоҷикистон то соли 2030 имконият медиҳад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2013, №3, мод.186; с.2014, №3, мод.150).www.net.tj.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» № 907 аз 28 декабри соли 2012. www.net.tj.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» , № 626 аз 21 июли соли 2010. www.net.tj.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» (АМОҶТ 2007г. №3, ст.170; 2008г., №10, ст. 812; 2009г., №5, моддаи 318, №7-8, ст.497; 2010г., №1, ст.9; 2010г., №12, ст.816). www.net.tj.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 3.08.2018, № 1547. www.net.tj.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузории хориҷӣ». АМОҶТ – 1992г., № 8, с.118.
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 декабри соли 2012, № 755. www.net.tj.
8. Стратегия миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 103 с. https:// minjust.ww.tj
9. Барномаи давлатии сармоягузорӣ барои солҳои 2016-2020. [Захираҳои электронӣ]: https://medt.tj
10. Программа государственных инвестиций, грантов и технической помощи на 2016-2020гг. Душанбе, 2016. – 185с.
11. Программа экономического развития Республики Таджикистан на период до 2020 года. – Душанбе: 2016. – 141с.
12. Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ (маҷмӯаи оморӣ), АОНПҶТ, Душанбе-2021.-702с.

13. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -414с.

14. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2020. -Бохтар, 2021. - 248с.

15. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. -Бохтар, 2022. - 430с.

**Захираҳои электронӣ [Электронный ресурс]**

16. Dochia, Parker M. Introduction to Public-Private Partnerships with Availability Payments // Public Works Financing newsletter. [Electronic source] Манбаи дастрас: http ://www. Pw finance. net/document/research_reports/ 9%20intro%20availability.pdf (санаи муроҷиат: 12.02.2021).

17. Gavrilov D. E. Institutionally-economic bases of development of workmanship in Russia / D. E. Gavrilov, A. G. Mokronosov // Вопросы управления. – 2011. – № 3. – URL: http://vestnik. uapa. ru/en/issue/2011/03/9/

18. HM Treasury (2012). A new approach to public private partnerships, available at: [Electronic source] https://www.gov.uk/government/uploads/system/ uploads/attachment_data/file/205112/pf2_infrastructure_new_approach_to_public_private_parnerships_051212.pdf.

19. http://ppp-lawrussia.ru/anal/dokl-for-28-lv.htm - Предложения по мерам повышения эффективности бюджетных расходов за счет механизмов государственно-частного партнерства (ГЧП) (Дата обращения:23.11.2022).

20. O projekcie PPP Nowe Perspektywy. [Electronic source] Манбаи дастрас: http://www.ppp4krakow.net/About PPP/Definition, origin and evolution.

21. Public Private Partnership - the Government's Approach. London, 2000. P. 6. [Electronic source]. – Манбаи дастрас: https://assets.publishing.service.gov.uk/media/5a7c6db8e5274a5255bce944/infrastructure_new_approach_to_public_private_parnerships_051212.pdf.

22. UK Government Web Archive [Electronic source]. – Манбаи дастрас: http://www.webarchive.nationalarchives. gov.uk/ 20130129110402

23. Галушко Н. А. Некоторые аспекты управления бытовым обслуживанием населения. [Электронный ресурс] – URL: http://science-bsea. narod. ru/2007/ekonom_2007_2/galushko_nek. htm (рӯзи мурочиат: 12. 03. 2022).

24. Дуглас Норт. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики/ https://gtmarket.ru/library/basis/6310/6311. [электронный ресурс].

25. Журнал международного права и международных отношений. [электронный ресурс] Манбаи дастрас. http://beljournal.evolutio.info/ (санаи мурочиат 15.05.2022)

26. Малый бизнес в сфере бытовых услуг [электронный ресурс]. URL: http://www.bishelp.ru/ svoe_delo/otrasl/bituslugi/1410_uslugi.php. (рӯзи мурочиат 12.02.2023)

27. Проект типовой концепции или плана национального проекта «БЫТ» субъекта РФ. Развитие бытового обслуживания и ремесленничества в городах и сельских поселениях субъекта РФ на 2011–2015 годы. – URL: http://www.rpalata.ru/normativnopravovaya_baza/dokumenty [электронный ресурс] (рӯзи мурочиат: 11. 06. 2022).

28. Пчелинцев О.С. Инфраструктурные предпосылки реструктуризации региональной экономики / О.С.Пчелинцев М.М.Минченко // Источник: http://www.hse.ru/data/616/480/1238. [электронный ресурс] pdf.

29. Ремесленная палата России. Все о РПР. – URL: http://www. rpalata. ru/vse_o_rpr [электроный ресурс] (рӯзи мурочиат: 02. 06. 2022).

30. www.president.tj-. [Захираҳои электронӣ] Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

31. www.amcu.gki.tj. [Захираҳои электронӣ] - Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

32. www.nbt.tj-. [Захираҳои электронӣ] Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон;

33. www.minfin.tj -. [Захираҳои электронӣ] Сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

34. www.andoz.tj-. [Захираҳои электронӣ] Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

35. www.medt.tj -. [Захираҳои электронӣ] Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон (санаи муроҷиат 15.01.2020)

36. www.sanoat.tj.testednet.com.-. [Захираҳои электронӣ] Сомонаи расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон (санаи муроҷиат 15.03.2021)

**Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ**

37. Алпатов А.А., Джапаридзе Р.М., Пушкин А.В. Государственно-частное партнерство: Механизмы реализации Электронное издание. - М.: ООО «Альпина», 2011. - 337с.

38. Большая советская энциклопедия. -М., 2012. -806с

39. Борщевский Г.А. Государственно-частное партнерство: Учебник практикум для бакалавров и магистратуры / Г.А. Борщевский. - М.: Издательства Юраит, 2015-344с.

40. Бочков С.О. Развитие государственно-частного партнерства в инвестиционных проектах в сфере капитального строительства в городе Москве / С.О. Бочков // Недвижимость и инвестиции. Правовое регулирование. - 2008. - № 2 (35).

41. Брынцев А.Н. Формирование инвестиционного климата в условиях особой экономической зоны / А.Н. Брынцев - М.: «МЕЛАП», 2002. - 192с.

42. Бычков В.П. Предпринимательская деятельность на автомобильном транспорте / В.П.Бычков. - СПб.: Питер.2004-448с.

43. Варнавский В.Г. Государственно-частное партнерство: в 2 т. / В.Г. Варнавский. - М.: ИМЭМО РАН, 2009. - 398с.

44. Варнавский В.Г., Клименко А.В., Королев В.А. Государственно-частное партнерство: теория и практика / В.Г. Варнавский. -М.: Изд. дом Гос. Ун-та -Высшей школы экономики. 2010.- 287с.

45. Виноградова М.В. Организация и планирование деятельности сферы сервиса. /М.В. Виноградова. – М.: Дашков И.К. 2011. – С 151.

46. Управление государственной собственностью / под ред. В. И. Кошкина, В. М. Шупыро. -М.: Инфра-М, 1997. -242с. С. 31–32.

47. Гатауллин Р.Ф., Кликич Л.М., Зарипов И.Ш. Формы бытового обслуживания сельского населения / Р.Ф.Гатауллин, Л.М. Кликич, И.Ш.Зарипов -Уфа.: АН РБ, БГАУ, 1999. - 112с.

48. ГОСТ РТ 50646-94. Услуги населению. Термины и определения.

49. Государственно-частное партнерство: Основные принципы финансирования / Э. Р. Йескомб; Пер. с англ. - М.: Альпина Паблишер, 2015. -225с.

50. Деминг Э. Качество, производительность и конкуренция/Э.Деминг. -М., 1982. -246с.

51. Дерябина М.А. Теоретические и практические проблемы государственно-частного партнерства [Электронный ресурс] / М.А. Дерябина. - 2010.

52. Джумъаев Б.М., Джалилов Р.Р. Механизм корпоратизации государственного сектора экономики Республики Таджикистан/ Б.М. Джумъаев, Р.Р.Джалилов /Монография. - Душанбе: «Ирфон», 2022. – С.180

53. Жильцов, Е.Н. Экономика сферы платных услуг / Е.Н. Жильцов. - Казань: ИНАР, 1996. -213 с.

54. Жильцов Е.Н., Казаков В.Н. Экономика социальных отраслей/ Е.Н.Жильцов В.Н. Казаков. – М.: Изд. ТГНС, 2007. – С. 12.

55. Жуков, С.В. Развивающиеся страны: сфера услуг и экономический рост / С.В.Жуков - М.: Наука, 1991. -315 с.

56. Зоидов К.Х., Мелков А.А., Зоидов З.К. Государственно-частное партнерство – основа стабильности развития и экономической безопасности

транспортно-транзитной системы России / под ред. чл. корр. РАН В.А.Цветков. -М.: ИПР РАН, 2016. -154с.

57. Инновационное развитие сферы услуг и проблемы экономики труда в национальной экономике [Текст]: Коллективная монография / Под ред. д.э.н., профессора Р.К. Раджабова. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 339 с.

58. Иванов Г.И. Инвестиции: сущность, виды, механизмы функционирования/Г.И.Иванов. -Ростов н/Д.: Феникс, 2002. - с. 23-25.

59. Иванова Н.Н., Экономическая оценка инвестиций/Н.Н.Иванова-: Р на/Д: Феникс, 2004. -224с.

60. Игошин Н.В. Инвестиции организация, управление и финансирование/Н.В.Игошин. - М.: Финансы, ЮНИТИ, 2000. - 234с.

61. Каримова М.Т., Сайфиддинов А.А, Шарипов Б.М., Вазиров С.З. Государственные услуги в Таджикистане: проблемы и перспективы. – Душанбе: «Ирфон», 2013. -90с.

62. Котлер Ф. Основы маркетинга: краткий курс/ Ф.Котлер – М.: Вильямс, 2003. – 356с.

63. Котило В.В. Стратегии развития сферы услуг / В.В. Котило, И.И. Санин - М.: Сатурн - С, 2003. - 248с.

64. Комилов С.Дж. Формирование и развитие сферы социальных услуг в сельской местности. Монография. –Душанбе: Сино, 2019. -164с.

65. Крянев А.В. Основы финансового анализа и портфельного инвестирования в рыночной экономике/ Крянев А.В. - М.: МИФИ, 2000. - 52с.

66. Экономика сферы платных услуг / под ред. Жильцова Е.Н., Казакова В.Н. – Казань. 1996. – 127с.

67. Логинова С.Л. Социально-экономическая статистика: учебное пособие / С. Л. Логинова. -Екатеринбург: Изд-во Рос. гос. проф.-пед. ун-та, 2020. -99 с.

68. Ленчук Е.Б. Государственно-частное партнерство в инновационных системах / под общ. ред. С.Н. Сильвестрова. - М.: Издательство ЛКИ, 2008. -312 с.

69. Леонова Ж.К. Особенности формирования стратегии государственно-частного партнерства в подготовке кадров для малого и среднего бизнеса/Ж.К.Леонова / Социальная политика и социальное партнёрство. - М. 2012. № 6. - С. 24-29.

70. Маннапов Р.Г. Организационно-экономический механизм управления регионом: формирование, функционирование, развитие: монография / Р.Г. Маннапов, Л.Г. Ахтариева. - М.: КНОРУС, 2008. – С.352

71. Маренков Н.Л. Основы управления инвестициями/ Маренков Н.Л. -М.: УРСС, 2003-234с.

72. Машокиров Дж.Н. Повышение качества бытовых услуг в условиях рыночной экономики. Монография/Дж.Н.Машокиров. -Душанбе: «Ирфон», 2021. -157с.

73. Нешитой А. С. Инвестиции / А.С.Нешитой. - М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К0», 2007. - 372 с.

74. Нуреев Р. М. Экономика развития: модели становления рыночной экономики / Р.М.Нуреев - М.: ИНФРА-М, 2001. -240с.

75. Основы международных валютно-финансовых и кредитных отношении: / Научн. ред. д-р. эконом. наук, профессор В.В. Круглов. - М.: ИНФРА-М, 2008. -432с.

76. Перегудов С., Лапина Н., Семененко И. Группы интересов и российское государство/ Перегудов С., Лапина Н., Семененко И. -М., 1999. 352 с.

77. Попков В. П., Семенов В. П..Организация и финансирование инвестиций/ Попков В. П., Семенов В.П. - СПб: Питер, 2001. - 224с.

78. Практическое руководство по вопросам эффективного управления в сфере государственно-частного партнерства Организация Объединенных Наций.- Нью-Йорк и Женева, 2008. - 128с.

79. Райзберг Б. А. Государственное управление экономическими и социальными процессами/Б.А.Райзберг. - М.: Инфра-М, 2005. -242с.- 43с.

80. Раджабов Р.К. Региональные аспекты развития сферы платных услуг населению в условиях переходной экономики/Р.К.Раджабов. – Душанбе.: Ирфон, 2013. - 213с.

81. Раджабов Р.К., Факеров Х.Н., Нурмахмадов М., Саидова М.Х. Сфера услуг: проблемы и перспективы развития/ Р.К. Раджабов, Х.Н. Факеров, М. Нурмахмадов, М.Х. Саидова. - Душанбе: Дониш, 2007. - 544с.

82. Развитие государственно-частного партнерства в странах ЕС и России // Инициативы XXI века. URL: http://www.ini21.ru/?id=1231.

83. Развитие государственно-частного партнерства в странах ЕС и России //Инициативы XXI века. URL: http://www.ini21.ru/?id=1231 (дата обращение 15.08.2022).

84. Руфи А. Инновационное развитие как фактор повышения конкурентоспособности экономики//Социально-экономические проблемы формирования рыночной экономики: состояние и перспективы [Текст] / Коллективная монография. - Душанбе: «Ирфон», 2018. -258 с. -С.118-121.

85. Рекомендации по реализации проектов государственно-частного партнерства в субъектах Российской Федерации. -М., 2013. -С.8.

86. Савицкий К.Л., Перцев А.П., Капитан М.Е. Инструментарий инвестора. -М.: ИНФРА-М, 2000. -236с.

87. Слепнева Т.А., Яркин Е.В. Инвестиции/ Слепнева Т.А., Яркин Е.В. -М.,2003. - 236с.

88. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов/ Антология экономической классики. В 2-х том. Т.1. - М.: Эконов, 1991. - С.153 - 155.

89. Справочник по прикладной статистике. В 2 томах., М., Т1,1989. - 510с., Т2, 1990. - 526с.

90. Стоянова Е.С. Финансовый менеджмент. Российская практика/ Е.С. Стоянова. - М.: Изд-во «Перспектива», 2001. - 236с.

91. Стратегия развития предпринимательства в реальном секторе экономики. Серия: Экономическая наука современной России, М., Наука, 2002. -448с.

92. Факеров Х.Н. Факеров Х.Н., Раджабов Р.К., Зубайдов С. Моделирование и совершенствование инфраструктуры потребительского рынка. Монография/Х.Н. Факеров, Р.К. Раджабов, С.Зубайдов. -Душанбе: «Ирфон», 2017. -120 с.

93. Черникова А. А. Проблемы управления региональным развитием и их решение / А. А. Черникова А. И. Проселкова. - М.: КНОРУС, 2007. -173с.

94. Чиненов М.В. Инвестиции / М.В.Чиненов. - М.: КНОРУС, - 2007. - 248 с.

95. Шумпетер Й. Теория экономического развития (Исследование предпринимательской прибыли, процента и цикла конъектуры)/Й.Шумпетер - М.: Прогресс, 1982. -234с.

96. Экономическая энциклопедия /Науч.-ред. Сов изд-ва "Экономика"; Инт экон. РАН; Гл.ред. Л.И.Абалкин. -М.: ОАО "Изд-во "Экономика", 2000 - 1055с.

97. Яшева Г.А. Кластерная концепция повышения конкурентоспособности предприятий в контексте сетевого сотрудничества и государственно-частного партнерства / Г.А. Яшева. - Витебск: У0 «ВГТУ»,2010. - 373 с.

98. Iossa, Elisabetta and Martimort, David (2009) «The Simple Micro-Economics of Public-Private Partnerships», Mimeographed, Toulouse School of Economics and Brunei University.

99. OECD (2008) Public-Private Partnerships: In Pursuit of Risk Sharing and Value for Money, OECD Publishing, Paris.

100. Roy, Jaideep and Chowdhury, Prabal Roy (2009) «Public-private partnerships in micro-finance: Should NGO involvement be restricted? », Journal of Development Economics, 90:200-208.

101. Seitanidi, Maria May (2010) The Politics of Partnerships - A Critical Examination of Nonprofit-Business Partnerships, Springer, Dordrecht.

